МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК
БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ – 811.222.8'373
ТКБ – 81.2 Тоҷ.
М – 65

**МИРЗОЗОДА НОИЛ МИРЗО**

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ-ТАЪРИХИИ ВОЖАҲОИ МАНСУБ БА «ЗАНД»-У «ПОЗАНД»-И «БУРҲОНИ ҚОТЕЪ»-И МУҲАММАДҲУСАЙНИ БУРҲОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа [PhD] – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)

**Роҳбари илмӣ**: доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф

ХУҶАНД – 2025

# МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО**……………………………………………...4
**МУҚАДДИМА………………………………………………….……..…5-7**
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ……………………..………....8-13**
**БОБИ I. МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ МАВЗУИ ҲУЗВОРИШҲО ДАР ЗАБОНШИНОСӢ………………….……….14-66**
1.1. Маълумот дар бораи ҳузворишҳо ва зикри онҳо дар гурӯҳи забонҳои эронӣ..................................................................................................16
1.1.1. Маълумот дар бораи ҳузворишҳо ва омилҳои пайдоиши онҳо.........16
1.1.2. Қайдҳо оид ба зикри ҳузворишҳо дар гурӯҳи забонҳои миёнаи эронӣ…………………….........................................................................17
1.1.3. Зикри ҳузворишҳо дар сарчашмаҳои вожашиносӣ...........................18
1.2. «Бурҳони қотеъ» ва инъикоси ҳузворишҳо дар луғатнома……….....…20
1.2.1. Фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ ва мавқеи «Бурҳони қотеъ» дар ҳифзи сарватҳои луғавии забони тоҷикӣ………......................................21
1.2.2. Ҷойгоҳи «Бурҳони қотеъ» дар сабт ва интиқоли ҳузворишҳо…........................................................................................23
1.3. Ҳузворишҳои марбут ба хӯрок, нӯшиданӣ ва даво…………………...25
1.4. Ҳузворишҳои марбут ба аломату хусусият ва мазза…………………27
1.5. Ҳузворишҳои марбут ба ҳаракату ҳолат………………………………..34
1.6. Ҳузворишҳои марбут ба мафҳуми замон………………………….……49
1.7. Ҳузворишҳои марбут ба мафҳумҳои маънӣ……………………………54
1.8. Ҳузворишҳои марбут ба дину оин…………………………………….....60
Хулосаи боби якум……………………………………………………..........64
**БОБИ II. ГУРӮҲҲОИ МАВЗУӢ ВА ВОЖАГОНӢ-МАЪНОИИ ҲУЗВОРИШҲО……………………...……………………………...67-113**
2.1. Ҳузворишҳои марбут ба номи ҳайвоноту парандагон ва хазандагон...68
2.2. Ҳузворишҳои марбут ба гиёҳу гулу дарахт……………………………75
2.3. Ҳузворишҳои марбут ба ҷою макон……………………………………79
2.4. Ҳузворишҳои марбут ба номи китоб……………………………………84
2.5. Ҳузворишҳои марбут ба кайҳоншиносӣ………………………………..90
2.6. Ҳузворишҳои марбут ба номи шахс, вазифа ва мафҳумҳои ба онҳо вобаста………………………………………………………………….....92
2.7. Ҳузворишҳои марбут ба мафҳумҳои хешутаборӣ………....…………..96
2.8. Ҳузворишҳои марбут ба узви бадан ва мафҳумҳои ба он вобаста….. 99
2.9. Ҳузворишҳои марбут ба воситаҳои рӯзгор ва афзори ҷанг………….107
Хулосаи боби дуюм…………………………………………………………111
**БОБИ III. КАТЕГОРИЯҲОИ ЛУҒАВИЮ МАЪНОИИ ҲУЗВОРИШҲО …………………………………………………..…114-157**
3.1. Ҳузворишҳои сермаъно……………………………………..…….115
3.1 1. Сермаъноии ҳузворишҳои марбут ба мафҳумҳои умумӣ……….…115
3.1.2. Ҳузворишҳои сермаънои дар «Занд»-у «Позанд» маънои махсусдошта…………………………………………………………....120
3.2. Вижагиҳои муродифшавии ҳузворишҳо…………………………128

3.2.1. Муродифшавии ҳузвориш бо ҳузвориш……………………………129
3.2.2. Муродифоти ҳузворишҳо бо вожаҳои тоҷикӣ ва арабӣ…………....132
Хулосаи боби чаҳорум………………………………………………………155
**ХУЛОСА…………………………………………………………………..158-163**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ……………………………………………………………..…..164**
**ФЕҲРИСТИ ОСОРИ ТАҲҚИҚӢ……………………………………..…….165**
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ РИСОЛА…………………………182**

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО:

«А» – «Анҷуманоро»;

«БҚ» – «Бурҳони қотеъ»;

«ВП(«П»)» – «Вожаномаи паҳлавӣ *(«Позанд»)*»;

«ҒЛ» – «Ғиёс-ул-луғот»;

«З» – «Занд»;

«Л» – «Луғатнома»-и А.Деҳхудо;

«НА» – «Низом-ул-атиббо»;

«О» – «Онандроҷ»;

«П» – «Позанд»;

«СС» – «Сурмаи Сулаймонӣ»;

«ТА» – «Туҳфат-ул-аҳбоб»;

Ф – Фарҳангнома;

«ФЗТ» – «Фарҳанги забони тоҷикӣ»;

«ФН» – «Фарҳанги Низом»;

«ФРҲЗФ» – «Фарҳанги решаҳои ҳиндуаврупоии забони форсӣ»;

«ФТЗТ» – «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ»;

«ФФА» – «Фарҳанги форсии Амид»;

«ФФ» – «Фарҳанги форсӣ»-и М. Муин;

«ФҲП» – «Фарҳанги ҳузворишҳои паҳлавӣ»;

«ФҶ» – «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»;

Ҳ – ҳузвориш.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиши сарватҳои луғавии забон барои таъмини фасоҳату шевоии он ва муайян намудани сохтору хусусиятҳои гуногуни таркиби луғавӣ аҳаммияти вижа дорад. Забони тоҷикӣ аз ҷумлаи қадимтарин, ғанитарин ва устувортарин забонҳои дунёст, ки таърихи тулониро соҳиб буда, ҳастии миллати моро давоми ҳазорсолаҳо ба ҷаҳониён муаррифӣ ва исбот карда меояд. Он дар давоми мавҷудияташ борҳо бо шарофати ворисони бономусаш ҷаҳонро тасхир карда, аз дасти таҷовузкорони таърих зарбаҳо хӯрд, вале ҳастии худро нигоҳ дошт. Ин забон аз лиҳози дороии луғавӣ ва сохтори грамматикии худ аз ҳар ҷиҳат мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, вале ҳеҷ як аз қисматҳои он ба тарзи қаноатбахш матраҳ нашудааст. Касе аз муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ комилан муайян накардааст, ки сарҳади гурӯҳҳои луғавии забони тоҷикӣ аз куҷо оғоз меёбад ва ба куҷо анҷом мепазирад.

Дар рисолаи мазкур вожаву ифодаҳои марбут ба «Занд»-у «Позанд» *(минбаъд: «З»-у «П»)* ё худ вожаҳои бозмондаи оромиасл, ки дар «Бурҳони қотеъ» *(минбаъд: «БҚ»)* ба унвони ҳузвориш *(минбаъд: Ҳ)* ёд мешаванд, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Омӯзиши масъалаи мазкур аз он ҷиҳат зарур ва ҳадафманд аст, ки доир ба ин гурӯҳи унсурҳои луғавӣ дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи комил сурат нагирифтааст ва аксари чунин луғатҳо тадриҷан, ҳатто дар осори хаттӣ, ба ҳукми фаромӯшӣ рафта истодаанд. Аз дигар ҷониб, шоиста аст, ки моддаҳои луғавии дорои вижагиҳои амиқ ва аҳаммияти бузурги забоншиносӣ таҳқиқ шаванд ва барои гиреҳкушоии масоили марбут ба пешинаи вожаҳо ва таърихи калимаҳои мустақилмаънову унсурҳои ёвари забони тоҷикӣ мусоидат намоянд. Аммо, мутаассифона, доир ба Ҳ-ҳо ва вижагиҳои лингвистии онҳо тадқиқи алоҳида дар шакли рисолаи илмӣ дар Тоҷикистон сурат нагирифтааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Оид ба ин гурӯҳи аносири луғавии забони тоҷикӣ ишораҳои кӯтоҳ дар асарҳои забоншиносӣ ва мақолаҳои ҷудогона

ба мушоҳида мерасад. Нисбат ба олимони ватанӣ дар самти омӯзиши Ҳ-ҳо муҳаққиқони хориҷӣ, хосса олимони самти таърихи забони форсӣ-тоҷикӣ, саҳми бештар доранд.

Бузургтарин сарчашма дар шинохти Ҳ-ҳои забон нусхаҳои илмӣ-интиқодии «БҚ» [5; 28], «ФҶ» [50] мебошанд, ки мураттибони нусхаҳои форсии ин Ф-ҳо дар муқаддима ва поварақу тавзеҳоти онҳо маълумоти илмии дақиқ сабт кардаанд. Дар байни чунин луғатномаҳо «ВП(«П»)» [44] бартарӣ дорад. М. Муин низ дар ҳошияи «БҚ» [28] қариб ҳамаи Ҳ-ҳои ин Ф-ро бо овонавишти паҳлавияш алоҳида шарҳ додааст.

Профессор Д. Саймиддинов низ доир ба вижагиҳои Ҳ-ҳо изҳори назар кардааст. Бузургтарин хидмати ин муҳаққиқ дар шинохти Ҳ-ҳо таҳияи нусхаи кириллии «ФҲП» [15] аст.

Оид ба зикри Ҳ-ҳо дар «БҚ» аз ҷониби муҳаққиқон то ҳол тадқиқоти алоҳида анҷом наёфтааст, аммо мақолаҳои ҷудогона доир ба ин масъала ва вижагиҳои дигари луғатнигории «БҚ» рӯйи кор омадаанд. Аз ҷумла, олимон Г. Ҷӯйборӣ ва Ҳ. Наврӯзӣ доир ба ҷанбаҳои мусбату манфии сабти Ҳ-ҳо дар ин луғатнома бисёр бо тааммул андешаронӣ кардаанд [140]. М. Машкур ҳам дар мақолаҳояш дар мавриди вижагиҳои Ҳ-ҳо ҳарф задааст [134]. Ҳамчунин, нусхаи форсии «Фарҳанги ҳузворишҳои паҳлавӣ»-ро [35] низ муҳаққиқи номбурда таҳия кардааст, ки аз нусхаҳои муътабар маҳсуб гардида, аксар муҳаққиқон зимни таваҷҷуҳ ва таҳқиқи Ҳ-ҳо ба он нусха такя кардаанд. Фарзона Гуштосб ҳам таҳти унвони «Вожаҳои позанд дар фарҳанги «Оим» [130] мақолаи илмӣ таълиф кардааст.

Доир ба ҷанбаҳои гуногуни «БҚ» низ асару мақолаи зиёд рӯйи кор омадаанд. Дар омӯзиши ин луғатнома саҳми олимони эронӣ бештар аст. Муҳаққиқ Содиқи Киё доир ба муайян намудани мансубияти забонии чанде аз воҳидҳои луғавии «БҚ» ва «ФҶ» китобе таълиф намудааст [33]. Ғании Донишӣ ҳам таҳти унвони «Улум дар «Бурҳони қотеъ» мақола таълиф намудааст [131]. Муҳаққиқи дигар Маҷид Мансурӣ (*Маҷид Мансурӣ*) таҳти унвони «Тааммуле дар бархе таркибҳои «Бурҳони қотеъ»»

[132] ва «Нигоҳе ба фарҳангҳои забони паҳлавӣ (форсии миёна)» [133] мақолаҳои алоҳида дорад. Забоншинос Нуруллоева Заррина Ҳасановна дар се боби диссертатсияаш доир ба сарчашмаҳои «БҚ», усули ҷобаҷогузории маводи луғавӣ-грамматикӣ дар он, вижагиҳои шарҳи унсурҳои луғавӣ, зикри сохтори калимаҳо мулоҳизаронӣ кардааст [113, с. 5-12].

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ алоқаманд буда, дар такмили барномаҳои таълимии муқарраршуда саҳм хоҳад гузошт. Мавзуи рисола яке аз қисматҳои Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2021-2025-ум мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Ҳадафи асосии таҳқиқ баррасии вижагиҳои калимаҳои мансуб ба «З»-у «П»-и «БҚ» маҳсуб гардида, аз ошкор кардани бурду бохти муаллифи «БҚ» дар зикру ташреҳи чунин унсурҳои луғавӣ иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ дар назди муаллифи рисолаи мазкур чунин вазифаҳо гузошта шудааст:

- ҷамъоварии маводи фактологӣ ва муайян намудан вожаҳои марбут ба «З»-у «П»-и «БҚ»;

- омӯхтани хусусиятҳои луғавию маъноии Ҳ-ҳо ва бо назардошти ин хусусиятҳо ба гурӯҳҳо дастабандӣ намудани онҳо;

- омӯзиши назари муҳаққиқон доир ба Ҳ-ҳо ва бо такя ба ин андешаҳо матраҳ сохтани вижагиҳои онҳо;

- муқоисаи маъноии вожаҳои «З»-у «П»-и «БҚ» бо сарчашмаҳои дигари лексикографӣ;

- таҳқиқи қиёсӣ ва этимологии вожаҳои «З»-у «П» дар асоси сарчашмаҳо;

- бо усули муқоисавӣ-таърихӣ муайян намудани дараҷаи корбурд ва гунаҳои дучор омадани вожаҳои «З»-у «П» дар забонҳои гуногун, хосса забонҳои матрук;

- муайян намудани омилҳо ва гунаҳои табдили овозҳо дар даврони муайяни таърихӣ ва шаклҳои суфтаву муосири вожаҳо;

- муқоиса ва ҷудо кардани вожаҳои решагӣ аз Ҳ-ҳои ҳаммаъноии онҳо.

**Объекти таҳқиқи** рисола «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон мебошад.

**Предмети таҳқиқ**ро моддаҳои луғавии бо истилоҳи «З»-у «П» ишорагардидаи «БҚ» ташкил медиҳад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Бунёди назариявии таҳқиқро осори илмиву лексикографии забоншиносону фарҳангнигорони тоҷик, ба монанди С. Айнӣ [2], А. Нуров [11], М. Шакурӣ [48], М. Қосимова [69], Д.

Саймиддинов [84; 85; 86], Д. Наҷот [10], М. Ҳотам [103], А. Ҳасанзода [92; 93; 94; 96; 97; 98; 99; 100] ва аз муҳаққиқони хориҷӣ О. М. Чунакова [25], В. С. Расторгуева [114; 115; 116], Д. И. Эделман [119; 120], И. М. Оранский [117], А. Л. Хромов [119], В. А. Капранов [111], А. Деххудо [30], М. Муин [36; 37], А. Ҳасан [26], П. Н. Хонларӣ [137; 138], М. Абулқосимӣ [122; 123; 124; 125], С. Урён [44], М. Кошонӣ [34], Ҳ. Ризо [42] ва дигарон ташкил медиҳад, ки дар самти таҳқиқи осори паҳлавӣ, таърихи забони форсӣ-тоҷикӣ ва этимологияи вожаҳо асарҳои илмии гаронарзиш таълиф намудаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Дар раванди таҳқиқ аз методҳои муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, омор, таҳлили қиёсӣ, луғавӣ-маъноӣ, сохторӣ, тафсири луғат, таҳлили ҷузъӣ ва ғайра истифода шудааст.

Ҳангоми таҳлили моддаҳои луғавӣ ва муайян намудани этимологияи аксар вожаҳо бештар усули муқоисавӣ-таърихӣ истифода гардид. Ин усули пажуҳиш имкон медиҳад, ки дар асоси муқобилгузории маводи сарчашмаҳои куҳану муосир решаи аслии моддаҳои луғавӣ муайян карда шавад ва доир ба пешинаи сарватҳои луғавии забон андешаи нисбатан саҳеҳу мудаллал баён гардад.

Аз сабаби он ки аксар дастабандии маводи фактологии ҷамъомада бо назардошти маънои моддаҳои луғавӣ сурат гирифтааст, бештар усулҳои таҳлили луғавӣ-маъноӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Рисола дар асоси маводи «БҚ», ки бо кӯшиши Амон Нуров бо хатти кирилӣ дар се ҷилд ба нашр расидааст [5], инчунин маводи нусхаи форсии «БҚ», ки бо эҳтимоми М. Муин таҳия ва нашр шудааст [28], таълиф гардид. Илова бар ин, аз маводи фарҳангҳои дигар, аз қабили «ФҲП» [15], «ФҶ» [50], «ВП(«П»)» [44], «ФЗТ» [19], «ФФА» [26], «ФФ»-и М. Муин [37], «ФН»-и С. М. Доиюлислом [31], «О»-и М. Подшоҳ [41], «ҒЛ»-и М. Ғ. Ромпурӣ [13], «ТА»-и Ҳ. Убаҳӣ [18], «СС»-и Т. А. Балёнӣ [3], «ФРҲЗФ»-и М. О. Кошонӣ [34] ва дигар сарчашмаҳои марбут ба Ҳ-ҳо истифода гардиданд.

Ҳамчунин дар рафти баррасии маводи ҷамъомада аз ҷилдҳои 1-3-юми «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» [85; 86], «Мутуни шарқӣ ва суннатии зардуштӣ»-и Ҳ. Ризо [42], дастурҳои таълимӣ ва дастурҳои таърихии М. Абулқосимӣ [122] истифода бурда шуд.

**Пойгоҳи таҳқиқ.** Рисола дар кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» анҷом дода шудааст.

**Навовариҳои илмии таҳқиқ**. Дар рисола маводи муътамади бозмондаи оромиасл, ки ба ҳайси Ҳ дар сарчашмаҳо ёд шуда, дар «БҚ» ба унвони «З»-у «П» сабт гардидаанд, ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, ки ин ҷанбаи вожаҳои фарҳанги мавриди назар собиқаи омӯзиш надорад. Дар забоншиносии тоҷик, аз ҷумла луғатшиносӣ ҳам таҳқиқоти алоҳидаи диссертатсионӣ дар самти омӯзиши вожаҳои «З»-у «П» рӯйи кор наомадааст.

Ҳамчунин, ҳангоми таҳқиқ шаклҳои дучор омадани Ҳ-ҳо дар забонҳои гуногун, аз ҷумла забонҳои матрук, бо такя ба сарчашмаҳои лексикографӣ нишон дода шудааст, ки ин паҳлуи Ҳ-ҳо дар луғатномаи мавриди омӯзиш ҳам дар забоншиносии тоҷик собиқа надорад.

Зиёда аз ин, дар асоси дастурҳои таърихии забоншиносӣ ва сарчашмаҳои марбут ба овошиносии таърихӣ мавридҳои табдилу азбайнравии овозҳо ва шаклҳои суфтаву муосири чанд вожа низ муайян карда шудааст.

Инчунин, бо истифода аз усули муқоисавӣ-таърихӣ решаи вожаҳои аслии тоҷикӣ ва Ҳ-ҳои паҳлавӣ, шаклҳои дучор шудани онҳо дар забонҳои куҳану муосир ва вижагиҳои муродифии Ҳ-ҳо бо калимаҳои аслӣ нишон дода шудааст, ки ба ин амр низ дар илми забоншиносии тоҷик қаблан камтар таваҷҷуҳ шудааст.

Омӯзиши хусусиятҳои ҳаммаъноии Ҳ-ҳо, аз ҷумла муодили арабии онҳо низ дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи ҷадид аст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Назари муҳаққиқон дар бораи истилоҳҳои «Ҳ», вожаҳои «З»-у «П», сарчашмаи пайдоиши ин истилоҳ, роҳҳои ворид гардидани онҳо ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва сарчашмаҳои интиқолдиҳандаи ин гуна вожаҳо, инчунин мавқеи «БҚ» дар ин самт яке аз нуктаҳои муҳиммест, ки ҳангоми дифои рисола таваҷҷуҳ хоҳад шуд.

Нуктаи дигар дидгоҳи луғатшиносон доир ба нақсу тасҳифот ва бадхониҳо дар «БҚ» ва арзиши илмиву саҳми он дар ҳифзи сарватҳои луғавии решагӣ мебошад.

Омилҳои ба унвони «З»-у «П» сабт шудани Ҳ-ҳо низ аз масъалаи муҳимми мавзуи диссертатсия маҳсуб меёбад.

Муаллифи «БҚ» зери истилоҳҳои вожаҳои «З»-у «П» на танҳо Ҳ-ҳо, балки ҳар гуна унсури луғавии ба забони Авесто ва матни «П»-ҳо хосро дар назар дорад.

Қиёсу муқобала ва баррасии тафовути решагиву қаробати маъноии Ҳ-ҳо бо калимаҳои аслӣ ва иқтибосоти арабӣ, инчунин бо истифода аз усули муқоисавӣ-таърихӣ муайян намудани шаклҳои суфташудаи моддаҳои луғавӣ дар давраҳои гузариши забон нуктаи дигари ба дифоъ пешниҳодшаванда аст.

Нуктаи муҳимми дигар натиҷаи қиёсу муқобалаи баррасии моддаҳои луғавие мебошад, ки бар асари тасҳифот ва бадхониҳо ҳамчун Ҳ сабт шудаанд.

Ҳамчунин матраҳ намудани робитаи забонҳо дар гузашта ва дар асоси муқоиса нишон додани ғановати луғавии забони форсӣ-тоҷикӣ нисбат ба забонҳои дигар аз масъалаҳои асосии таҳқиқ мебошад, ки барои ҳимоя манзур хоҳад шуд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ**. Таҳқиқи ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ аз он ҷиҳат аҳаммиятнок аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад ба ҳайси маводи назариявӣ дар тадқиқи аксар вожаҳои решагӣ ва дар шаклҳои гуногун дучор омадани онҳо дар забонҳои матрукгашта

хизмат кунад. Ҳамчунин, дар шинохти вожаҳои «З»-у «П» ва муайян намудани вижагиҳои луғавию маъноии онҳо ҳамчун маводи назариявӣ метавонад истифода гардад.

Дар сурати мураттаб сохтани нусхаи илмӣ-интиқодии луғатнома дар бахши таҳқиқи Ҳ-ҳо, вожаҳои «З»-у «П» амалан, барои аҳли таҳқиқ низ маводи ёрирасон хоҳад буд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи тадқиқи диссертатсионӣ – «Таҳлили муқоисавӣ-таърихии вожаҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд»-и «Бурҳони қотеъ»-и Муҳаммадҳусайни Бурҳон» ба шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа [PhD] – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Муаллифи рисола бори нахуст дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои луғавию маъноии Ҳ ва вожаҳои «З»-у «П»-ро дар «БҚ» мавриди баррасӣ қарор дода, шаклҳои дучор омадани онҳоро дар забонҳои матрук бо нишон додани овонавишти таърихии онҳо бозгӯ намудааст. Инчунин, муайян намудани таърихи баромад ва доираи истифодаи Ҳ-ҳо ва фарқгузории онҳо бо вожаҳои сара низ таҳқиқи тоза аст.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мазмуну мундариҷаи асосии рисола дар конфронсҳои илмӣ-амалӣ, илмӣ-назариявии ҳайати устодону профессорони МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (солҳои 2019-2024-ум) ва дар конфронсҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Вижагиҳои забонии услуби мовароуннаҳрӣ дар осори адибони асрҳои XVI-XIX» (Душанбе, 2022), «Инкишофу таҳаввули забони тоҷикӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Хуҷанд, 2023), конфронси байналмилалии «Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ» (Хуҷанд, 2023) ва дигар ҳамоишҳои илмии сатҳи гуногун шунида шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар фаслномаҳои илмиву адабӣ ва маҷаллаҳои илмии назди муассисаҳои давлатии илмӣ-таълимӣ ба нашр расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ ва интишороти муаллиф иборат мебошад.

## БОБИ I[1]
## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ МАВЗУИ ҲУЗВОРИШҲО ДАР ЗАБОНШИНОСӢ

Дар замони густариши забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар сарзамини Ҳинд ниёзи илмии бештар ба таълифи Ф-ҳо пеш омад ва ин аст, ки дар ин давра хеле Ф-ҳои муътамад рӯйи кор омаданд. «БҚ» низ аз қатори ҳамин луғатномаҳо маҳсуб мешавад.

Ҳарчанд ки муаллифи «БҚ» ҷиҳати зикр накардани асноди шоҳид барои эзоҳи моддаҳои луғавӣ мавриди танқиди чанде аз муҳаққиқон гардидааст, вале ин луғатнома барои бузургтарин Ф-ҳои тоҷикӣ, аз ҷумла «Л»-и А.Деҳхудо, «ФФ»-и Муин, «ФФА», «Фарҳанги ҷомеи форсӣ» («О»), «ФЗТ» ва чанде дигар ба унвони сарчашмаи асосӣ хитмат кардааст.

Бесабаб нест, ки дар оғоз аз мавзуи фарҳангу луғатнигорӣ ва «БҚ» ёд шуд, зеро сарчашмаҳои асосии шинохти Ҳ-ҳо ҳамин маъбаъҳо мебошанд. Бешак масъалаҳои назарию амалии Ҳ-ҳо низ дар заминаи маводи сарчашмаҳои мазкур баррасӣ хоҳад шуд.

Мусаллам аст, ки анъанаи фарҳангнависиву истилоҳофаринӣ дар адабиёти фарҳанги бостонии мо собиқаи тулонӣ дорад ва ниёгони мо ба ин самти илм таваҷҷуҳи хосса доштанд. Профессор С. Назарзода бо нақл аз тадқиқоти Саид Нафисӣ ба тадвини 188 луғатнома ишора мекунад, ки қисме аз онҳо то мо нарасидаанд (70, с. 82-83).

Аз байни он ҳама қомусу луғатномаҳое, ки миқдорашон дақиқ нест, маълумоти бештар дар мавриди Ҳ-ҳо аз ҷониби М.Бурҳон тазаккур ёфтааст.

Ҳ-ҳо низ чун вожаҳои маъмулӣ дар луғатномаи мавриди баррасӣ ба гурӯҳҳои алоҳида мансубанд ва ифодакунандаи соҳаҳои муайян мебошанд. Чунончи Ҳ-ҳои марбут ба хӯрок, нӯшиданӣ ва даво, аломату хусусият, ҳаракату ҳолат, мафҳумҳои марбут ба замон, мафҳумҳои маънӣ, дину оин

[1] Лозим ба таъкид аст, ки ҳангоми зикри иқтибос дар рисолаи мазкур матни айнан нақлшуда бо қоидаҳои ҳозираи имлои забони тоҷикӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум тахти рақами 268-ум қабул шудааст, мувофиқ гардонида шудааст.

ва ниёиш, номи ҳайвоноту парандагон, гулу гиёҳу дарахтон, ҷойвожаҳо, номи китоб, истилоҳоти марбут ба кайҳоншиносӣ, кимёшиносӣ, шахс, асбоби рӯзгор ва афзори ҷанг, мафоҳими хешутаборӣ, узви бадан ва монанди инҳо, ки дар «БҚ» сатб ва ташреҳ гардидаанд, дар ин боб мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

## 1.1. Маълумот дар бораи ҳузворишҳо ва зикри онҳо дар гурӯҳи забонҳои эронӣ

Пайдоиши Ҳ-ҳо дар гурӯҳи забонҳои эронӣ ва сарзамини мардуми ориёитабор, чунонки маъхазҳои таърихӣ иттилоъ медиҳанд, ба замони шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо рост меояд. Дар дарбори хонадони Ҳахоманишиҳо хат ва забони оромӣ дар умури идорӣ ва коргузорӣ дар сар то сари шоҳаншоҳӣ роиҷ буд. Дабирону котибони давр ҳам аз мардуми оромитабор буда, аз нозукиҳои забони порсии бостон огоҳии хуб доштанд. Онҳо дар баробари корҳои идорӣ ба тарҷумаи матнҳо низ машғул мешуданд. Пайдоиши истилоҳи «Паҳлавии шоҳаншоҳӣ» ва нисбат додани ин унвон ба гурӯҳи лаҳҷаҳои оромии шарқӣ низ аз ҳамин ҷост [15, с. 27].

Ин аст, ки бо таъсири забони оромӣ ба гурӯҳи забонҳои эронӣ дар ин забонҳо низ Ҳ-ҳо пайдо шудаанд. Тибқи иттилои сарчашмаҳо дар катибаҳои марбут ба забони портӣ теъдоди зиёди Ҳ-ҳо ба қайд омадаанд, вале аз Ҳ-ҳои паҳлавӣ тафовут доранд.

### 1.1.1. Маълумот дар бораи ҳузворишҳо ва омилҳои пайдоиши онҳо

Дар мавриди истилоҳоти «Ҳ» ва «З»-у «П» дар осори илмӣ андешаҳо мавҷуданд ва баъзан дар байни чунин пиндорҳо ихтилофи назар ҳам вуҷуд дорад. Аз ҷумла, С.Урён дар пешгуфтори «ВП(«П»)» гуфтааст, ки: ««Позанд» дар истилоҳ, яъне сабти талаффузи вожаҳои паҳлавӣ бо хатти комилан овонигори Авесто. Дарвоқеъ, сахтӣ ва ибҳоми беш аз ҳадди хатти паҳлавӣ сабаб гардид, ки дар оғоз хатти бисёр сода ва овонигори Авесто ба вуҷуд ояд ва сипас мутуни паҳлавӣ бо он хат овонигорӣ гарданд, то ҳамагон битавонанд мутуни паҳлавиро бидуни иштибоҳ қироат намоянд. Ба ҳар ҳол, «Позанд» на тарҷума аст ва на забони мустақил. «Позанд» танҳо як шеваи овонигории куҳан ва суннатӣ аст» [44, с. 10].

Ҳ-ҳо баъди қатъ шудани суннати тарҷума ва анҷоми корҳои дабирӣ бо забони оромӣ дар дарбори Ашкониён асосан дар матнҳо боқӣ монданд ва бештар аз ҳама дар луғатномаҳо. Ф-ҳо воситаи муҳимми интиқолдиҳандаи

сарватҳои луғавӣ буда, бешак зимни китобату тадвин ғалатхониву ғалатнависӣ рух додааст. Ин амр ба бознависии Ҳ-ҳо низ дахл дорад. Ҳангоми китобат ва ба маъхазҳои дигар бознависӣ шудани матнҳои давраи Ҳахоманишиҳо, хосса дар матнҳои оромӣ ғалатҳои зиёд пайдо шуда, ҳодисаи махлутшавии вожаҳои оромиву эронӣ ба миён омад. Д. Саймиддинов роҷеъ ба ин масъала ишора кардааст, ки аксари иштибоҳот дар мавриди ҳамчун Ҳ хонда шудани вожаҳои паҳлавӣ дар марҳилаи густариши фарҳангнависии форсӣ дар Ҳинд сурат гирифтааст [15, с. 26]. Муҳаққиқи номбурда ин амрро ба ноогоҳии дабирон аз решаҳои сомии вожаҳо марбут медонад.

Ҳ дар асарҳои илмӣ ва пешгуфтору поварақи Ф-ҳо ба тарзҳои гуногун шарҳ гардидааст. Аз ҷумла, муаллифи «ВП(«П»)» доир ба Ҳ-ҳо навиштааст, ки ин гурӯҳи моддаҳои луғавӣ вожаҳои сомиасл (бавижа оромӣ) буда, дар нигориши бархе аз забонҳои бостонӣ, аз ҷумла эронии миёна ва бештар аз ҳама дар матнҳои паҳлавӣ, мавриди истифода қарор доштаанд. Ҳамчунин, муҳаққиқ ишора кардааст, ки Ҳ-ҳо бо хатти паҳлавӣ ба сурати сомӣ навишта мешуд ва дар баён баробари эронии онҳо қироат мегардид [44, с. 2]. Дар сомонаҳои иҷтимоӣ ин моддаи луғавӣ ба маъноҳои *аломат ва нишонаҳо дар забони форсии қадим*, ки ба як тарз навишта мешуд, вале ба тарзи дигар қироат мегашт, тафсир гардидааст. Ин аст, ки Ҳ-ҳо *баён кардан, шарҳ додан, тафсир намудан* эзоҳ дода шудааст [142; 171].

### 1.1.2. Қайдҳо оид ба зикри ҳузворишҳо дар гурӯҳи забонҳои миёнаи эронӣ

Дар гурӯҳи забонҳои миёнаи эронӣ аз ҳама бештар забони порсии миёна ин гурӯҳи воҳидҳои луғавиро ҳифз кардааст. Дар забонҳои дигар ба микдори хеле андак сабт шудааст ва ё аслан вуҷуд надорад. Шояд дар матнҳои забонҳои дигар низ Ҳ-ҳо мавриди истифода қарор гирифта бошад, вале матнҳои бозмонда аз будан ё набуди ин дастаи луғатҳо дар он забонҳо маълумот надодаанд.

А.Деҳхудо доир ба сабти Ҳ-ҳо дар матнҳои суғдӣ чунин навиштааст: «Хатти суғдӣ хатте аст, ки муқтабас аз хатти оромӣ ва дар он ҳузвориш ба кор меравад, аммо иддаи ин ҳузворишҳо андак аст» [30, муқаддима, с. 16].

Зиёд ба мушоҳида расидани Ҳ-ҳо дар матнҳои портӣ ва зуҳури миқдори зиёди ин гурӯҳи унсурҳои луғавӣ дар забон ва матнҳои паҳлавӣ ба омилҳои гуногун марбут аст. Дар замони сулолаи Ашкониён хат ва забони оромӣ тадриҷан мансух шуд ва суннатиороминигорӣ дар дарбори Ашкониён қатъ гардид, вале дар матнҳои паҳлавии ашконӣ ё худ портӣ миқдори зиёди вожаҳои оромӣ боқӣ монданд.

Боиси зикр аст, ки бо вуҷуди зиёд будан дар матнҳои портӣ дар осори портии монавӣ, ки бо хатти маъмули монавиён – аз сурёнӣ иқтибосшуда китобат шудааст, Ҳ ба мушоҳида намерасад. Яъне, новобаста ба забон ва хат дар осори монавӣ Ҳ умуман дар сарчашмаҳо сабт нагардидааст.

Масъалаи дигар пайдоиши Ҳ дар забони порсии миёна ё паҳлавии сосонӣ аст. Бо сабаби аз нозукиҳои хатти оромӣ огоҳ набудани дабирони сосонӣ ин ин навъи калимаҳоро онҳо хонда наметавонистанд ва баробариҳои эронии он вожаҳоро ба кор мебурданд. Ин раванд боис гардид, ки вожаҳои бозмондаи оромӣ аз портӣ ба порсии миёна дар шакли Ҳ интиқол ёбанд [15, с. 27-28].

Ҳамин тавр, дар гурӯҳи забонҳои миёнаи эронӣ дар суғдӣ теъдоди андаки ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ дучор омада, аз ҳама дар порсии миёна (паҳлавии сосонӣ) зиёд аст.

### **1.1.3.** Зикри **ҳузворишҳо дар сарчашмаҳои вожашиносӣ**

Доир ба Ҳ-ҳо дар сарчашмаҳо маълумот гуногун аст, ки дар қисматҳои алоҳидаи рисола зикрашон рафтааст. Сарчашмаҳои асосӣ дар зикри Ҳ-ҳо Ф-ҳо маҳсуб меёбанд. Ҳамчунин дар сарчашмаҳои дигари вожашиносиву луғатнигорӣ доир ба ин гурӯҳи унсурҳои луғавӣ маълумот оварда шудааст.

Чунончи, С. Урён доир ба истифодаи ин истилоҳ аз ҷониби Ибни Надим бо иқтибос аз гуфтаи худи ӯ чунин менависад: «Нахустин касе, ки

ба истилоҳи «ҳузвориш» ишора карда, Муҳаммад ибни Исҳоқ маъруф ба «Ибни Надим» аст. Вай дар китоби «Ал-феҳрист»-и худ, пас аз он ки аз хутути ҳафтгонаи эрониён ном мебарад, мегӯяд: «Ҳиҷое низ доранд, ки ба он «зуворишан» гӯянд ва онро ҷудогона ё пайваста менависанд ва дар ҳудуди ҳазор калима аст ва барои ҷудо кардани муташобиҳот аз якдигар ба кор мебаранд. Масалан, касе, ки бихоҳад «гӯшт» бинависад, ки дар арабӣ «лаҳм» аст, «басро» (بسرا) менависад ва «гӯшт» мехонад… ва агар хост «нон» бинависад, ки дар арабӣ «хабаз» аст, «лаҳмо» менависад ва «нон» мехонад ва ба ҳамин минвол ҳар чиро, ки мехоҳад, менависад ва чизҳое, ки эҳтиёҷ ба гардонидани он нест, онро ба ҳамон лафзи худ оваранд» [44, с. 2].

Профессор Д. Саймиддинов низ дар ин маврид маълумот дода, истифодаи истилоҳи Ҳ-ро бори аввал аз ҷониби Ибни Надим меҳисобад. Ҳамчунин, тибқи иттилои ҳамин муҳаққиқ, ин истилоҳ барои ифодаи наздик ҳазор калимаи сомиасл, ки тавассути сарчашмаҳо ба забони мо интиқол ёфтаанд, ба кор меравад ва дар баъзе сарчашмаҳо барои ифодаи забони паҳлавӣ низ ин истилоҳ истифода шудааст [15, с. 24-25].

Бино ба иттилои муҳаққиқи номбурда, истилоҳи «Ҳ» дар баробари ифодакунандаи вожаҳои бозмондаи оромӣ бошад, баъзан беҷо ва барғалат низ корбаст шудааст. Ӯ ишора мекунад, ки дар суннати порсии Ҳинд баъзан ин истилоҳ барои ифодаи забони паҳлавӣ корбаст шудааст, ки дуруст нест. Ҳамчунин, духӯрагиҳо дар мавриди истифодаи истилоҳҳои «Ҳ» ва «З»-у «П» ҳаст, ки фарқияти оҳо муҳим аст [15, с. 25].

Дар суннати фарҳангнависӣ дар Ҳинд аксар вақт ҳамаи вожаҳои таҳти унвони «З»-у «П» зикршударо Ҳ гуфтаанд, ки нодуруст аст. Дар забони паҳлавӣ осори порсии бо хатти овонигории авесто китобатшударо позандҳо ё позанднависӣ мегуфтанд, ки аз Ҳ фарқи куллӣ дорад.

## 1.2. «Бурҳони қетеъ» ва инъикоси ҳузворишҳо дар луғатнома

Доир ба истифодаи Ҳ-ҳо дар забонҳои гуногун ва маонии он дар сарчашмаҳо иттилои гуногун мавҷуд аст. Чунончи, А.Деҳхудо дар мавриди зикри Ҳ-ҳо дар катибаҳо гуфтааст: «Дар ин катибаҳо (катибаҳои «Шопури аввал» ва «Нақши Рустам» – М.Н.) монанди катибаҳои паҳлавӣ иддаи зиёди ҳузвориши оромӣ ба кор рафтааст, ки умуман бо ҳузворишҳои паҳлавӣ мутафовит аст»; «Дар ҳамаи ин осор, ба ҷуз осори монавӣ, ҳузворишҳои оромӣ ба кор рафтааст....» [30, муқаддима, с. 14-15].

Номбурда дар мавриди навоқиси «БҚ» андеша ронда таъкид кардааст, ки «... решаи луғоти форсиро бо луғоти арабӣ махлут карда ё он ки аз «ҳузворишҳо», ки дар хатти паҳлавӣ маъмул ва аз решаи луғоти сомӣ буданд, маънои суварии онҳоро гирифтааст...» [30, муқаддима, с. 154].

Чунонки зикраш рафт, дар порсии миёна теъдоди зиёди Ҳ-ҳо ҳифз шудаанд ва омилҳои пайдоишу воридшавии онҳо мухталиф аст. Дар ин маврид зикри маълумоти сарчашмаҳо низ ҳамгун нест. Чунончи, А.Деҳхуда дар мавриди забонҳо ва лаҳҷаҳои мавҷуд дар «БҚ» навиштааст: «Сурёнӣ яке аз лаҳҷаҳои муҳимми оромии шарқӣ аст ва бисёре аз луғоти оромӣ ба номи ҳузвориш вориди забон ва китобати паҳлавӣ шудааст, ки дар «Бурҳон» ба унвони «Занду Позанд» аз онҳо ёд шуда» [30, муқаддима, с. 157].

Истифодаи Ҳ-ҳои дар «БҚ» дарҷёфта дар матнҳои тоҷикии даврони баъдии инкишофи забони тоҷикӣ идома наёфтанд, вале дар забони арабӣ боқӣ монданд. Сабаби чунин ҳолат ин аст, ки забони арабӣ низ ба хонаводаи забонҳои сомию ҳомӣ мансуб буда, бо забони оромӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Имрӯз бисёр Ҳ-ҳо дар забони арабӣ муродифи худро доранд.

### 1.2.1. Фарҳангнигории форсӣ-тоҷикӣ ва мавқеи «Бурҳони қотеъ» дар ҳифзи сарватҳои луғавии забони тоҷикӣ

Луғатномаҳо хазинаи бузург ва маъхази муҳимму муътамади сарватҳои луғавии ҳар кадом забон буда, дар ҳифз ва умри дубора бахшидан ба онҳо нақши басо бузург доранд.

Фарҳангнависии форсӣ-тоҷикӣ таърихан дар марҳилаҳои гуногун сурат гирифтааст. Аҳли таҳқиқ вобаста ба густариши забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар ҷуғрофиёи мухталиф марҳилаҳои луғатнигорӣ ва истилоҳофариниро ба таври гуногун баён кардаанд. Профессор С.Назарзода таърихи луғатнависиро то ибтидои асри XIX ба се давра: 1) аз асри X то нимаи аввали асри XI; 2) нимаи дуюми асри XI то охири асри XII; 3) аз асри XIII то нимаи аввали асри XIX ҷудо карда, зарурати ба миён омадани «вожагузинӣ ва истилоҳсозӣ»-ро ба «тарҷума ва таълиф ба ин забон (забони форсӣ – М.Н.)» марбут донистааст [71, с. 81].

А.Воҳидов бо нақл аз гуфтаи Саид Нафисӣ теъдоди фарҳангҳои қадимаи форсиро щудуди 200 адад гуфтааст [58, с.11].

Ш.Нақавӣ марҳилаҳои рушди фарҳангнависиро дар минтақаи Ҳинду Покистон ба се давра (асрҳои XIII-XV; XVI-XVIII; аввали асри XIX-XX) ҷудо карда, миқдори фарҳангҳои дар ин сарзамин таълифшударо 142 адад ҳисоб кардааст [ниг. 58, с. 11].

Забоншинос С.Назарзода доир ба оғози ташаккули луғатсозиву истилоҳофаринии забони тоҷикӣ сухан ронда, қомусу луғатномаҳое чун «Луғати фурс», «ФҶ», «Баҳори аҷам», «Фарҳангнома»-и Ҳусайни Вафоӣ, «Фарҳанги Рашидӣ», «ҒЛ», «Чароғи ҳидоят», «БҚ», «Шамс-ул-луғот» ном бурдааст [70, с. 82].

Боиси тазаккур аст, ки рушди фарҳангнависӣ дар Ҳинд ба забти ин сарзамин аз ҷониби хонадони Ғазнавиён ва густариши забону адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар ин сарзамин марбут аст. Омили асосии ба вуҷуд омадани луғатнигорӣ дар ин сарзамин ба бегона будани ин забон ба мардуми бумӣ

ва ривоҷ ёфтани тарҷума рабт дорад. «БҚ» низ аз ҷумлаи луғатномаҳои машҳурест, ки дар ҳамин марҳила (1652) таълиф гардидааст.

Лексикаи «БҚ» аз нигоҳи маънову мавзуъ ягона набуда, қабатҳои гуногуни луғавиро фаро гирифтааст. Аз лиҳози фарогирӣ ин Ф аз ҳамаи луғатномаҳои қаблӣ бартарӣ дорад. «БҚ» аз 9 фоида ва 29 гуфтор иборат буда, 20 ҳазору 211 вожаву ифода ва таркибро дар бар мегирад [5, ҷ.1, с. 4].

«БҚ» аз ҷумлаи беҳтарин Ф-ҳои форсӣ-тоҷикӣ маҳсуб гардида, бо фаро гирифтани теъдоди зиёди вожаву ифодаи аслии тоҷикӣ дар ҳифз ва интиқоли чунин гурӯҳҳои луғавӣ нақши муҳим гузоштааст. Аммо бо сабаби надоштани асноди шоҳид чанде аз аҳли назар арзиши ин луғатномаро на чандон бузург шуморидаанд, ки дуруст нест. Масалан, олими эронӣ М. Мансурӣ бо овардани чанд намуна таъкид намудааст, ки одитарин таркибҳои забони форсӣ аз ҷониби Муҳаммадҳусайни Бурҳон саҳв хонда шудааст: «… тасҳифу таҳриф дар ин китоб, ғолибан, ба сабаби бадхонии матн аз тарафи Муҳаммадҳусайни Бурҳон будааст, ба ҳамин сабаб наметавон ақида дошт, ки ин амри маълул забти иштибоҳи нусхаҳое аст, ки соҳиби Бурҳон дар ихтиёр доштааст…» [132, с. 178].

Муҳаққиқи номбурда дар мавриди шарҳи чанде аз мафҳумҳо дар луғатномаи мавриди омӯзиш[1] ибрози андеша намуда таъкид кардааст, ки аксар шуруҳи вожаҳо сохтаи муаллифи «БҚ» аст: «Дар хусуси маъниҳои дувум ва севум ва…, ки соҳиби Бурҳон ба сурати «*ва фалонро низ гӯянд*» оварда, бештари ин маонӣ зодаи зеҳни вай буда ва, ғолибан, дар мавориде, ки дар маънӣ ва мафҳуми ин таркибҳо дучори тардид шуда, ҳар чиро метавонист аз байт истинбот шуд, навиштааст» [132, с. 176].

Доктор Шаҳриёри Нақавӣ бар хилофи гуфтаҳои боло чунин менависад: «Бо тамоми эрод ва навоқисе, ки дар мавриди «Бурҳони қотеъ» гирифта ва гуфта мешавад, ҳеч фарҳанге бад-он андоза маҳбубият

---

[1] Ибораҳои **«фарҳанги мавриди омӯзиш», «фарҳангномаи мавриди омӯзиш» ва «луғатномаи мавриди омӯзиш»** ба фарҳанги «БҚ» тааллуқ дорад ва ҳар ҷо, ки ин ибораҳо зикр мегарданд, «БҚ» дар назар дошта мешавад.

наёфтааст ва ба илали мухталифе, ки зикр шуд, он, бидуни тардид, муқбилтарин ва муҳимтарин фарҳанги забони форсӣ ба шумор рафта ва таваҷҷуҳи ҳамаи алоқамандони ба фарҳанг ва луғатнависиро ба худ ҷалб намудааст…» [5, ч. 1, с. 4].

Доир ба мансубияти забонии таркиби луғавии «БҚ» низ андешаҳои гуногун баён шудаанд. Масалан, мураттибони китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик» ишора кардаанд, ки саҳми М. Бурҳон дар ҷамъоварии луғоти хоси форсӣ калон аст ва агарчи аз лиҳози микдор баробар бо «Кашф-ул-луғот» аст, «БҚ» дар ҳифзи вожаҳои аслӣ аз ин Ф арзишмандтар мебошад [64, с. 65].

Мусаннифи «ФН» дар пешгуфтори фарҳангаш изҳори ақида кардааст, ки «аввал касе, ки забони форсиро ба алфози машкук ва бегона махлут кард, Муҳаммадҳусайн ибни Халафи Табрезӣ аст, ки илова ба калимоти фарҳангҳои аслоф алфози ҳузвориш (сурёнӣ) ва луғоти авестоӣ ва паҳлавӣ ва луғоти китоби маҷҳулуласли «Дасотир» ва «Дабистони мазоҳиб»-ро ҳам дар таълифи худ ғунҷонидааст» [5, ч. 1, с. 4].

Гуфта мешавад, ки вожаву ифодаҳои дар «БҚ» шарҳёфта бар асоси матни осори Низомиву Хоқонӣ ва муосирони онҳо таълиф ёфтааст: «… хонандае, ки бо девони Хоқонӣ ва Анварӣ ва «Хамса»-и Низомӣ ошно бошад, ба осонӣ дармеёбад, ки таркибҳои «Бурҳони қотеъ» умдатан бар асоси ин китобҳо навишта шудааст» [132, 176].

### 1.2.2. Ҷойгоҳи «Бурҳони қотеъ» дар сабт ва интиқоли ҳузворишҳо

Луғатномаи мавриди омӯзиш дар ҳифз ва интиқоли Ҳ-ҳо дар забони форсӣ-тоҷикӣ мавқеи асосӣ дорад. Тибқи иттилои сарчашмаҳо, ягона маъхазе, ки доир ба Ҳ-ҳои бозмондаи оромӣ дар забони форсӣ-тоҷикӣ пас аз «ФҶ» нисбатан маълумоти комил медиҳад, «БҚ» мебошад. Муаллифи луғатнома дар мавриди Ҳ-ҳо аз «ФҶ» низ маълумоти бештару дақиқтар зикр кардааст. Оид ба ҳифзу интиқоли вожаҳои аслии тоҷикӣ низ саҳми ин луғатнома аз Ф-ҳои пешин бартарӣ дорад.

Сабти Ҳ-ҳо дар Ф-ҳо ва таҳти унвони «З»-у «П» ёд шудани онҳо низ таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба худ ҷалб кардааст. Профессор Д. Саймиддинов ишора кардааст, ки «аз муаллифони фарҳангномаҳои форсӣ бори нахуст ҳузворишҳоро дар хониши суннатии порсӣ Ҷамолиддин Ҳусайни Инҷу – муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» таҳти номи луғати Занду Позанд ва Васто (Авесто) аз як нафар пири зардуштӣ гирдоварӣ кардааст. Баъдан муаллифи фарҳанги форсии «Бурҳони қотеъ» Муҳаммад Ҳусайн бинни Халафи Табрезӣ мутахаллис ба «Бурҳон» низ ин калимотро аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ҳамчун луғоти куҳани форсӣ иқтибос намудааст» [15, с. 26-27].

Ба ин гуфтаи муҳаққиқ ҳамин нуктаро илова кардан бамаврид аст, ки муаллифи «БҚ» баробари аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» иқтибос гирифтани гурӯҳе аз Ҳ-ҳо худ низ онро такмил додааст ва натиҷа ин шудааст, ки теъдоди Ҳ-ҳо дар ин луғатномаҳо афзун аз «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ»-ст.

Доир ба теъдоди Ҳ-ҳо ва асолату решаи онҳо, инчунин мавридҳои саҳван Ҳ пиндошта шудани онҳо низ баёни андеша шудааст. Чунончи, дар мавриди теъдоди Ҳ-ҳои аслӣ С. Урён гуфтааст: «Дигар ин ки теъдоди ҳузворишҳои аслӣ, яъне онҳое, ки сомиасл ҳастанд, ҳудудан аз 400 таҷовуз намекунанд ва бақияи онҳоро метавон шибҳи ҳузвориш донист, яъне ҳамон вожаҳои эронӣ, ки ба як калимаи эронии дигар ё ба имлои дигаре аз ҳамон калима тавзеҳ дода шудаанд» [44, с. 3]. Аз рӯйи маълумоти Д. Саймиддинов, миқдори Ҳ-ҳо дар «БҚ» ва мулҳақоти он 278 вожа аст, ки бо тартиби алифбо якҷо бо луғоти дигари форсӣ оварда шудааст [15, с. 26].

Бояд гуфт, ки дар забоншиносии тоҷик навиштаҳои илмии марбут ба истилоҳу истилоҳшиносӣ ва таҳқиқи вожаҳои марбут ба набототу ҳайвонот, мафҳумҳои марбут ба дину оин зиёданд, аммо омӯзиши хусусиятҳои Ҳ-ҳои марбут ба мафҳумҳои зикршуда аз мадди назар дур мондааст. Метавон гуфт, ки, дар маҷмуъ, оид ба Ҳ-ҳо дар забоншиносии тоҷик пажуҳиши фарогир сурат нагирифтааст.

### 1.3. Ҳузворишҳои марбут ба хӯрок, нӯшиданӣ ва даво

Гурӯҳе аз вожаҳои забон мафҳумҳои марбут ба хӯрок, нӯшиданӣ ва табобату доруворӣро ифода карда, дар қатори қабатҳои дигари луғавӣ мавқеи муҳимро ишғол кардаанд. «БҚ» низ дорои қабати гуногуни луғавӣ буда, вожаву ифодаҳои марбут ба хӯроку нӯшиданӣ аз қабили онҳоянд.

Дар ин фасли рисола Ҳ-ҳои **шимашк, нашок, ломон** ва **буброла** матраҳ хоҳанд гашт.

М. Бурҳон дар шарҳи вожаи **шимашк** чунин навиштааст: **«Шимашк شمشک** – ба касри аввал ва фатҳи сонӣ ва сукуни солису коф ба луғати «Занд»-у «Позанд» *кунҷидро* гӯянд – ва он донае аст маъруф, ки аз он равған гиранд» [5, ч. 2, с. 230].

Бино бар таъкиди М. Муин, ин воҳиди луғавӣ шакли тасҳифшудаи Ҳ-и **sh(i)m(a)g**, **shimagh** аст [ниг. 28, ч. 3, с. 1299].

Дар «Л»-и А.Деҳхудо ҳам ҳамин маълумот бо ишора ба «БҚ», «О» ва «НА» зикр шудааст. Зикраш бамаврид аст, ки дар «Л»-и А.Деҳхудо вожаи **Шимашак** барои ифодаи *номи деҳа* низ омадааст [30, ч. 10, с. 14486].

Ҳ-и дигар **нашок** аст. **«Нашок نشاک** – бар вазни **ҳалок**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *шакар* бошад, ки аз он ҳалво ва чизҳои дигар пазанд» [5, ч. 3, с. 139].

А.Деҳхудо низ ҳамин маънои Ҳ-и фавқро таъкид кардааст [30, ч. 14, с. 22481]. Тибқи иттилои «ВП(«П»)», ин воҳиди луғавӣ аз Ҳ-и **wšʾg [wašag]** ба маънои *навъе оби ҷав* аст.

Ба гуфтаи С. Урён, «бархе ин вожаро ба унвони ҳузвориши **šakar** (шакар) низ ба шумор овардаанд, бавижа, ин ки дар матни асос, зоҳиран, баробарниҳоди паҳлавии ин вожа вожаи **škar** аст. Нюберг вожаро **nišāk** ба маънои *нишоста* қироат намудааст» [44, с. 96].

Дигар аз Ҳ-и марбут ба мафҳуми хӯрок **ломон** мебошад. «**Ломон لامان** – бар вазни **сомон**; ба забони «Занд»-у «Позанд» *нонро* гӯянд ва ба арабӣ

**хубз** хонанд; ва ба маънои *лофу газоф* ҳам ба назар омадааст» [5, ч. 3, с. 53].

М. Муин ба Ҳ будани ин воҳиди луғавӣ ишора карда, дар сарчашмаҳо ба гунаҳои **lāmān, llnāmā** сабт шудани онро таъкид мекунад [ниг. 28, ч. 3, с. 1881]. Вожаи мазкур дар «ҒЛ», «ФФА» ва «Л»-и А.Деҳхудо низ сабт шуда, ба маонии *лофу газоф, фиреб, дурӯғ, ришханд* ва монанди ин шарҳ гардидааст, аммо аз луғатнависони баъдӣ онро ҳамчун Ҳ танҳо А.Деҳхудо зикр кардааст, ки он ҳам бо такя ба «БҚ» аст [26, ч. 3, с. 2097; 30, ч. 13, с. 19564].

Воҳиди луғавии **буброла** дар луғатномаи мавриди таҳқиқ чунин сабт гаштааст: «**Буброла** **ببراله** – бар вазни **бузғола;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *давоест, ки онро шаҷараи Рустам* гӯянд ва он зарованди тавил аст. Бо равған бар бадан моланд, шипишро бикушад» [5, ч. 1, с. 152].

А.Деҳхудо ҳам бо такя ба маълумоти луғатномаҳои «БҚ», «О» ва «НА» вожаи мазкурро ба ҳамин маъно шарҳ додааст [173].

## 1.4. Ҳузворишҳои марбут ба аломату хусусият ва мазза

Гурӯҳе аз Ҳ-ҳои баррасишаванда барои ифодаи аломату хусусият истифода шудаанд. Ин воҳидҳои луғавӣ маъмулан барои ифодаи хислату характери инсон мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Дар ин фасл унсурҳои луғавии **атут, арик, басим, бетона, папара, пирорин, ҷеҳ, руббо, радко, зубо, зайин** ва **ҳӯсруб** матраҳ шудаанд.

Ҳ-и **атут اتوت** ҳамчун вожаи марбут ба сифат дар «БҚ» ба маънои *тундӣ ва тезӣ* зикр гардидааст [5, ҷ. 1, с. 71]. Ин моддаи луғавӣ дар «Л»-и А.Деҳхудо бо такя ба «БҚ» ба ҳамон маънои фавқ шарҳ ёфтааст [30, ҷ. 1, с. 1017].

Дар хусуси Ҳ-и **арик** М. Бурҳон менависад: **«Арик اریک** – бар вазни **шарик**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои дур аст, ки бар муқобили наздик бошад» [5, ҷ. 1, с. 84].

А.Деҳхудо ҳам ҳамин маъниро зикр карда, ба унвони сарчашма ба «БҚ» ишора кардааст. Ҳамчунин дар Ф-и мазкур вожаи **арик** ба маънои *кӯҳ ва водӣ* низ омадааст [30, ҷ. 2, с. 1959].

Воҳиди луғавии **басим (بسیم)** дар «БҚ» ба маънои *хушмазза ва хушлаззат* зикр шудааст [5, ҷ. 1, с. 180].

Тибқи иттилои А.Деҳхудо, ин вожа дар Тунис барои ифодаи навъе аз нахӯд мавриди истифода қарор доштааст. А.Деҳхудо ин вожаро ба ҳайси Ҳ бо такя ба Ф-ҳои «БҚ», «А», «О» «НА» ба маънои *хушмаззаву хушлаззат* шарҳ додааст [30, ҷ. 4, с. 4810]. Дар поварақи «БҚ» омадааст, ки бархе **басим**-ро ба маънои *хандон* гирифтаанд ва баъзе гуфтаанд, ки ин калима дар арабӣ истеъмол нашуда ва онро ба гунаи **насим** дар «Гулистон» тасҳеҳ кардаанд, вале, чунонки гузашт, вожаи мазкур дар алсинаи сомӣ собиқа дорад. Ҳамчунин, дар «НА» ба маънои *шодмон, хандон, масрур, табассумкунанда, хушҳол, кушодарӯй* шарҳ дода шудааст. Ҳ. Амид ин вожаро маъхуз аз забони арабӣ ба шумор оварда, онро ба маонии *хандон, кушодарӯ; хуш; хушмазза, лазиз* шарҳ додааст [26, ҷ. 1, с. 420].

Дар робита ба чунин шарҳ қайд кардан бамаврид аст, ки сабаби дар забони арабӣ пойдор мондани Ҳ ба он вобаста аст, ки дар осори ниёгон дар вазифаи Ҳ-ҳо калимаҳои оромӣ истифода шудаанд. Азбаски забони арабӣ бо оромӣ иртиботи қавӣ дорад, минбаъд бисёре аз Ҳ дар он маҳфуз мондаанд. Ин аст, ки муҳаққиқ А. Каримов дар луғати Ҳ-аш дар радифи Ҳ-ҳо муодилҳои арабии аксари онҳоро қайд намудааст.

М. Бурҳон дар шарҳи вожаи **бетона** овардааст: «**Бетона بيتانه** – бар вазн ва маънои **бегона** аст, нақизи ошно бошад ба луғати «Занд»-у «Позанд»» [5, ч. 1, с. 204].

А.Деҳхудо воҳиди луғавии мазкурро ба ин тарз зикр кардааст: «**Бетона** (ҳузвориш) *бегона*, ки нақизи ошно бошад ба луғати «Занд»-у «Позанд» («Бурҳон») (аз «Онандроҷ»); ба луғати «Занд»-у «Позанд» *бегона* ва *аҷнабӣ* («Низом-ул-атиббо); ҳузвориши «**бетона**», паҳлавӣ «**биконак**» (=**бегона**)… (ҳошияи «Бурҳон», ч. Муин) [30, ҷ. 4, с. 5142][1].

С. Урён шакли **бетона**-ро гунаи қадими вожаи **бегона** ҳисобидааст [44, с. 1867]. Дар забони форсии миёна ба гунаи **bētānak** ба маънои *бегона* дучор меояд. Он аз решаи **bēk** буда, **bēk,** дар навбати худ, аз **bē** ва овози афзудашудаи «**k**» иборат аст. Ин ҳисса дар таркиби калимаи **берун** низ боқӣ мондааст. Ин воҳиди луғавӣ дар раванди гузариши забон аз як сохтор ба сохтори дигар ва таъсири забонҳои гуногун, инчунин, инкишофи таърихии вожаҳо ва табдилу азбайнравии онҳо аз **бетона** ба **бегона** тағйир хӯрдааст [44, с. 186]. Агар шарҳи С. Урён ва маълумоти дар повараҡи «БҚ» зикркардаи М. Муинро ба назар гирем, ба хулосае омадан мумкин аст, воҳиди луғавии **бетона** Ҳ набуда, М. Бурҳон дар шарҳи он ҳамчун Ҳ иштибоҳ кардааст. Дар мавриди ба Ҳ будани ин вожа ишора кардани А.Деҳхудо бояд гуфт, ки эҳтимол ҳинни ташреҳи ин моддаи луғавӣ дар «Л» ба шарҳи «БҚ» такя шуда бошад. Ба ҳар бобат, мо ҷонибдори вожаи аслӣ будани ин воҳиди луғавӣ ҳастем.

---

[1] Аломати нохунак («») ва ранги сиёҳи баланд дар калимаҳои калидӣ таъкиди мост (М.Н.).

Ҳ-и **папара** **پپره** дар «БҚ» зери мафҳумҳои «З»-у «П» ба маънои *пир* дар муқобили *ҷавон* шарҳ гардидааст [5, ч. 1, с. 221].

А.Деҳхудо ҳам чунин шарҳ додааст ва ба унвони сарчашма танҳо «БҚ»-ро овардааст, вале ба Ҳ будани он ишорае надорад [30, ч. 4, с. 5422].

Дар шарҳи **пирорин** муаллифи «БҚ» чунин овардааст: **«Пирорин** پرارین – бар вазни **риёҳин**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *хуб* ва *неку* бошад; ва ба фатҳи аввал (яъне **парорин**) ҳам дуруст аст» [5, ч. 1, с. 226].

Дар «Л»-и А.Деҳхудо эзоҳи ин калима ҳамин гуна омадааст [30, ч. 4, с. 5453].

Воҳиди луғавии **рубо** дар «БҚ» бад-ин тартиб шарҳ гардидааст: **«Рубо** ربا – ба маънои *рубудан* бошад, ки масдар аст; ва амр ба рубудан ҳаст, яъне **бирабо**; ва бо ташдиди сонӣ (яъне **руббо**) ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *бузург* ва *азим* бошад; ва ба маънои *рахшанда* ва *рахшон* ҳам омадааст; ва ба касри аввал (яъне **рибо**) дар арабӣ *суд* ва *нафъи зар*ро гӯянд» [5, ч. 2, с. 63].

Дар «Л»-и А.Деҳхудо ду вожаи **рубо** зикр шудааст: Яке ба маънои *ҷойгоҳе аст миёни «абво» ва «суқё»,* дигаре ба маънои *рабудан* [30, ч. 8, с. 11878]. Дар «ФН» чунин қайд шудааст: «Исми фоил аз масдари **рабудан** аст, дар сурате ки бо лафзи дигар мураккаб шавад. Мисли оҳанрабо» [ниг.: 173]. Дар «НА» ба маънои *гиранда, ҷазбкунанда* омадааст. Дар «О» ва «А» чунин омадааст: «Чун мураккаб шавад, ба ҳамаи сиғаҳо мувофиқ ояд, мисли **рабудану рабоянда** ва **рабуда**» [173].

Зикраш бамаврид аст, ки вожаи **рубо** Ҳ нест. Ин моддаи луғавӣ дар шакли **рабудан** дар адабиёти классикии мо хеле серистеъмол аст ва дар ҳамин шакл наметавонад сифатеро ифода кунад. Чунонки мушоҳида шуд, М. Бурҳон бо ташдиди **«бо»** дар шакли **руббо** ин воҳиди луғавиро чун сифат шарҳ додааст ва дар ташреҳи он ба луғати «З»-у «П» такя кардааст.

А.Деҳхудо ҳам вожаи мазкурро дар шакли **руббо** ҳамчун Ҳ бо такя ба «БҚ» ба маънои *бузург ва азим* шарҳ додааст [30, ч. 8, с. 11877]. Ҳ. Амид

ин моддаи луғавиро бе ташдиди «**бо**» ба маънои *рабудан* зикр кардааст [26, ҷ. 2, с. 1219].

Маълумоти боло баёнгари он аст, ки вожаи **рубо** Ҳ набуда, шакли тасрифии шахси дуюми шумораи танҳои феъли **рабудан** аст ва аз он ҷо, ки ин моддаи луғавӣ бо ташдиди «**бо**» дар шакли **руббо** ба маънои *азим* ва *бузург* аст, мо бар он назарем, ки **руббо** Ҳ аст ва бо вожаи **рубо** решаи ягона надорад. Шояд вожаи **Рабб** дар забони арабӣ низ бо ин Ҳ ҳамреша бошад ва аз оромӣ иқтибос гардида бошад.

Ҳ-и дигари марбут ба аломату хусусият вожаи **радко (ردکا)** аст, ки дар «БҚ» ба маънои *рост ва дуруст* дар муқобили *каҷ ва дурӯғ* зикр гардидааст [5, ҷ. 2, с. 66]. М. Бурҳон дар мавриди вожаи **радко** ишора мекунад, ки асли калима аз **родако** аст ва гунаи Ҳ-и онро дар шакли **râdakâ** ва муродифи паҳлавияшро ба гунаи **râst** нишон додааст [28, ҷ. 2, с. 944].

Дар «Л»-и А.Деҳхудо ҳам айнан ҳамин маънӣ зикр шуда, ба унвони сарчашма Ф-ҳои «О», «БҚ» ва «НА» оварда шудааст [30, ҷ. 8, с. 11991].

Бо такя ба овонавишти гунаи қадими ин Ҳ метавон гуфт, ки он бо вожаи **рост** рабти шакливу овоӣ надорад, зеро вожаи **рост** аз решаи **reg, rēgtos, rog, rg**-и забон-асоси ҳиндуаврупоӣ буда, дар авестоӣ ба гунаҳои **rażaeiti, raz**, дар порсии бостон – **rāsta**, дар паҳлавӣ – **rāst** дучор омадааст [34, с. 298].

М. Бурҳон Ҳ-и **зубо (زوبا)**-ро бо такя ба луғати «З»-у «П» ба маънои *дузд ва роҳзан ва қутто-ут-тариқ* шарҳ додааст [5, ҷ. 2, с. 109-110].

А.Деҳхудо низ ҳамин маъниро бо такя ба Ф-ҳои «БҚ», «НА» ва «О» зикр карда, зимнан, дар асоси ишораи дар ҳошияи «БҚ» тазаккурёфта ин моддаи луғавиро бар асари ғалатхонӣ маъхуз аз вожаи **гӯбо** ба шумор овардааст [30, ҷ. 9, с. 13000].

Ҳ-и дигар **зайин** аст. Шарҳи ин моддаи луғавӣ дар «БҚ» чунин омадааст: «**Зайин** زیین – бар вазни **замин**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *дароз* ва *баланд* бошад, ки нақизи кӯтоҳ аст; ва ба касри аввал

(яъне **зийин**) *соҳиби тараф* ва *соҳиби ҷониб*ро гӯянд» [5, ч. 2, с. 116]. Ин вожа низ дар «БҚ» ҳамчун сифат сабт гардида, барои ифодаи дарозии ашё ба кор рафтааст.

М. Муин овонавишти гунаи қадимии вожаро ба гунаҳои **zâyann**, **zayaēn** ва муродифи паҳлавияшро дар шакли **buland** нишон додааст [ниг. 28, ч. 2, с. 1055]. А.Деҳхудо ҳам ҳамин шаклро ишора намудааст [30, ч. 9, с. 13119].

Воҳиди луғавии **собута (سابوته)** дар «БҚ» ба маънои *зани пир* зикр шудааст [5, ч. 2, с. 121].

Тибқи иттилои А.Деҳхудо, ин моддаи луғавӣ дар «ФҶ» ба маънои *зани пир бошад ба забони порсиён;* дар «БҚ» – *зани пирро гӯянд ба забони «Занд»-у «Асто»;* дар «ФР», «А» ва «О» ба маънои *зани пир ба забони мардуми Исфаҳон* қайд шудааст [30, ч. 9, с. 13192]. Аён аст, ки байни андешаи муаллифони чанд Ф, аз як тараф ва муаллифи «БҚ», аз ҷониби дигар, ихтилофи назар мушоҳида мешавад. Бо назардошти он ки муаллифи «БҚ» дар шинохти Ҳ-ҳо нисбат ба дигар муаллифони Ф-ҳо дасти боло дорад, аз ин рӯ, мо ҷонибдори пиндори М. Бурҳон ҳастем.

М. Бурҳон дар ташреҳи моддаи луғавии **салиш** чунин менависад: «**Салиш سليش** – ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *бад* ва *забун* бошад, ки нақизи хуб ва нек аст» [5, ч. 2, с. 169].

А.Деҳхудо ҳам вожаи фавқро чунин шарҳ додааст [30, ч. 9, с. 13741].

Бино бар маълумоти С. Урён, ин моддаи луғавӣ дар матнҳои сурёнӣ ба гунаи **saryā**, дар матнҳои оромии яҳудӣ – **siryā**, дар арабӣ – **شر (šarr)** ва дар матнҳои позанднависӣ – **səliš** дучор омада, дар овонавишт ба шаклҳои **səllniš, šlîā, šlÿā, sališ** тазаккур ёфтааст [44, с. 464].

Тафсири вожаи **катас** дар «БҚ» чунин омадааст: «**Катас کتس** – бар вазни **қафас;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *кӯчак* ва *хурд* бошад ва арабон **сағир** гӯянд» [5, ч. 2, с. 357]. Ин гуна эзоҳ дар «Л»-и А.Деҳхудо ҳам такрор шудааст [30, ч. 12, с. 18173].

Ҳ-и **кадбо (کدبا)** бо такя ба луғати «З»-у «П» ба маънои *дурӯғ* шарҳ ёфтааст [5, ҷ. 2, с. 360].

Дар «Л»-и А.Деҳхудо низ дар ҳамин шакл бо ишора ба «БҚ» ва «О» шарҳ рафтааст [30, ҷ. 12, с. 18210].

Бо такя ба маълумоти дар шарҳи вожаи **дурӯғ** зикркардаи М. Ориёнпур метавон гуфт, ки калимаи **кадбо** бо вожаи **дурӯғ** рабте надошта, решаи ин вожаҳо ҷудогона аст [34, с. 276-277]. Вожаи **дурӯғ** калимаи решагии ҳиндуаврупоӣ аст ва вожаи **кадбо** Ҳ-и оромӣ.

Ҳ-и **кумахт (کمخت)** дар фарҳанги мавриди омӯзиш ба маънои *омехта* ва *дарҳам* шарҳ гардидааст [5, ҷ. 2, с. 397].

А.Деҳхудо дар тафсири ин вожа ба Ф-ҳои «БҚ», «О» ва «НА» такя карда, зимнан, бо ишора ба қайди дар ҳошияи «БҚ» тазаккурёфта моддаи луғавии **кумахт**-ро мусаҳҳафи **кумехт** ҳисобидааст.

Бояд гуфт, ки гунаи **кумехт**-и вожа ҳам дар «БҚ» айнан бо ҳамин маъно зикр шудааст. Чунончи: «**Кумехт کمیخت** – бар вазни **гурехт;** ба забони «Занд»-у «Позанд» ба маънои *дарҳам, омехта* бошад» [5, ҷ. 2, с. 398].

Бино ба таъкиди А.Деҳхудо, шакли дурусти ин Ҳ ҳамин (**кумехт**) буда, **кумахт** саҳв аст [30, ҷ. 12, с. 18571].

Бо назардошти маъноӣ калима ва шакли зоҳирии он метавон натиҷа гирифт, ки ин вожа гунаи воҳиди аслии луғавии **гумехт** аст ва М. Бурҳон дар Ҳ пиндоштани он ба иштибоҳ роҳ додааст.

Маънидоди Ҳ-и **ҳӯсруб (هوسرب)** дар «БҚ» бо такя ба луғати «З»-у «П» ба маънои *некномӣ* ё *номи нек* зикр мешавад [5, ҷ. 3, с. 206]. Чунин шарҳ дар «Л»-и А.Деҳхудо ҳам такрор гардидааст, вале ба Ҳ будани он ишорае надорад [30, ҷ. 15, с. 23585]. Дар «ФҲП» ҳам ин моддаи луғавӣ пайдо нашуд.

Бо назардошти маънии калима ва таркиби овозии он метавон тахмин зад, ки ин моддаи луғавӣ шояд аз пешванди **hu-** ба маънои *хуб, нек* ва

ҷузъи **srava** созмон ёфта, бо вожаи Хусрав робитаи маъноиву овоӣ дошта бошад.

Таҳлили вожаҳои зикршуда дар ин фасл нишон дод, ки муаллифи «БҚ» нисбат ба фарҳангнигорони дигар дар шинохти Ҳ-ҳо бартарӣ дорад. Ба ин далел чанде аз луғатнигорони баъдӣ, ки Ҳ-ҳоро сабт кардаанд, аз ҷумла А.Деҳхудо, ба «БҚ» такя кардаанд. Бояд гуфт, ки бо вуҷуди шинохти бештари Ҳ-ҳо М. Бурҳон ҳам баъзан ба иштибоҳ роҳ додааст. Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки Ҳ дар матнҳои баъдии инкишофи забони форсии тоҷикӣ роҳ наёфта бошанд ҳам, дар забони арабӣ бо ҳамон шакли қадимӣ ё гунаи таҳаввулёфта мавриди корбурд қарор гирифтаанд, ки ин раванд ба робитаи оилавии забонҳои оромиву арабӣ марбут аст.

## 1.5. Ҳузворишҳои марбут ба ҳаракату ҳолат

«БҚ» сарчашмаи муътамад ва фарогири захираи луғавии забони тоҷикии даврони пешазинқилобӣ маҳсуб гардида, барои муҳимтарин ва арзишмандтарин луғатномаву донишномаҳо чун маъхаз истифода шудааст. Бузургтарин фарҳангнависони форсии муосир амсоли А.Деҳхудо, М. Муин, Ҳ. Амид ва чанде дигар дар шарҳи моддаҳои луғавии нодири забон ба ин Ф такя кардаанд. Нақши «БҚ» дар сабт ва интиқоли воҳидҳои нодири луғавии забони тоҷикӣ бисёр бузург буда, арзиши илмии зиёд дорад. Муҳаққиқони самти таърихи забон Г. Ҷӯйборӣ ва Ҳ. Наврӯзӣ ба ин маънӣ навиштаанд: «Бисёре аз хонишҳои муаллифи «Бурҳони қотеъ», яъне Муҳаммадҳусайн Халафи Табрезӣ, бо хонишҳои имрӯзини ҳузворишҳо, ки бар асоси равишҳои ҷадиди забоншиносӣ ва пас аз рамзкушоии хатти паҳлавӣ анҷом шудааст, мунтабиқ аст. Бар ҳамин асос яке аз манобеи ирҷои хатшиносони паҳлавӣ «Бурҳони қотеъ» будааст» [140, с. 151].

Феъл яке аз ҳиссаҳои мураккаби нутқ буда, дорои сохтор ва категорияҳову шаклҳои гуногун мебошад. Дараҷаи истифодаи ин ҳиссаи нутқ ҳам нисбат ба дигар гурӯҳҳои луғавӣ васеъ аст. Доир ба феъл тадқиқи зиёд рӯйи кор омада бошад ҳам, ҳанӯз хусусиятҳои ин ҳиссаи нутқ комилан мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Яке аз қисматҳои норавшани вожаҳои ифодакунандаи ҳаракату ҳолат таърихи онҳо аст, ки нигарони омӯзиш ва баррасӣ мебошад, зеро барои амиқтар омӯхтану мушаххастар баён кардани мансубияти ҳар кадом вожа, махсусан феълҳо, бояд ба таърихи он бештар руҷуъ шавад. Ба ин маънӣ профессор Д. Саймиддинов чунин навиштааст: «Дар робита бо ин матолиб бояд ёдовар шуд, ки баррасии масоили феъл дар забони форсии нав бидуни таҳқиқи таърихӣ ғайриимкон мебошад ва натоиҷи дуруст дар ин кор метавонад танҳо аз роҳи омӯзиши муқоисавӣ-таърихии давраҳои ташаккули ин забон дастрас гардад» [84, с. 152].

Бо вуҷуди ин қадар омӯзиш, чунонки дар боло ишора гардид, паҳлуҳои ношинохтаи ин ҳиссаи нутқ ҳамоно ба таҳқиқ ниёз дорад. Аз ин

рӯ, бо мақсади равшанӣ андохтан ба ин масъала мо дараҷаи истифодаи Ҳ-ҳои ифодакунандаи ҳаракату ҳолати мансуб ба «З»-у «П»-ро дар «БҚ» мавриди баррасӣ қарор додем.

Вожаҳои ифодакунандаи ҳаракату ҳолат дар Ф-ҳо маъмулан дар шакли масдар оварда шуда, чунин низоми ташреҳ дар «БҚ» низ риоя шудааст. Дар баробари ин, зимни шарҳи баъзе калимаҳо аз ҷониби муаллифи луғатнома шакли тасрифияшон низ нишон дода шудааст.

Ҳангоми омӯзиш муайян гардид, ки Ҳ-ҳои зерини ифодакунандаи ҳаракату ҳолат дар «БҚ» ҷой дода шудаанд: **абрӯнитан, удурдан**, **ҷамитунитан**, **рабрунитан**, **аҷдарунитан**, **аркунитан**, **пазпунитан**, **астарунитан**, **анотунтан**, **антунитон**, **бадмимум**, **башрунитан**, **пасонитан**, **таблунистан**, **татрунитан**, **такрунитан**, **ҷотунитан**, **ҷосунитан**, **ҷагрунитан**, **ҷусбӯнитан**, **добоҳонитан**, **добунитан**, **задунитан**, **заритунитан**, **замрунитан**, **сазитунитан**, **шаритунитан**, **шанунитан**, **катрунитан**, **каринунитан**, **кимунистан**, **кеҳунистан**, **машрунитан**, **макрунитан**, **маваздунитан**, **мавитунитан**, **накунитан**, **вонкунитан**, **варзонитан**, **вишодан**, **ваштамунитан**, **вашамунитан**, **дакё**, **кеҳуйид, ниюшад, ҳиб, ҳаҷнам, ҳаҷед**.

Дар баробари феълҳои мустақилмаъно навъи ёридиҳандаи чунин унсурҳои луғавӣ низ ба мушоҳида расиданд.

Қобили зикр аст, ки аксар вожаҳои забон бо сабаби таҳаввулоти овозии калимот, гузариши забон аз як сохтор ба дигар сохтор ва чанд омили дигар мустақилияти худро аз даст дода, ба унсури ёвар табдил меёбанд ё тамоман аз байн мераванд. Доир ба ин масъала профессор А. Ҳасанзода чунин навиштааст: «Таърих гувоҳ аст, ки бисёр вожаҳои собиқ мустақилмаъно дар даврони баъдии инкишофи забон ба аносири ёрирасони калимасоз ё шаклсоз табдил ёфта, бо ҳамин гуна калимаи аслан маънои муайяни луғавӣ дошта ҳамшакл мегарданд ва ҷудо намудани онҳо дар аксар маврид ғайриимкон мегардад» [100, с. 74].

Аз далелҳои зикршуда аён аст, ки хусусияти умдаи чунин Ҳ-ҳо аз гурӯҳҳои дигарашон дар он зоҳир мешавад, ки ҷузъи аслияшон бо вожаҳои оромӣ қайд гардида, ба онҳо унсури грамматикии тоҷикӣ **-итан** (бештар), **-истан** (камтар) ё –**идан** ҳамроҳ шудааст. Он унсури грамматикӣ имрӯз ҳамчун ҷузъи масдарсоз дар шакли **-ан** маъмул аст.

Аксари калимаҳо, аз қабили ***абрӯнитан - abrōnitan, башрунитан - bashrunitan, мавитунитан - mavitunitan …*** бо иловаи пасванди **-итан** ва чанде дигар ба монанди ***таблунистан - tablunistan, кимунистан - kimunistan, кеҳунистан* - *kehunistan*** бо пасванди **-истан** сохта шудаанд. Олимон Г. Ҷӯйборӣ ва Ҳ. Наврӯзӣ низ ин гурӯҳи воҳидҳои луғавиро ба гурӯҳи Ҳ-ҳои омехта дохил карда, бахши аввали вожаро, ки асосиву мустақилмаъност, оромӣ ва қисмати дуюми онро, ки унсурҳои сарфию наҳвӣ ҳастанд, эрониасл ба шумор овардаанд [140, с. 147].

Андешаи дигаре низ ҳаст, ки баъзе аз Ҳ-ҳо бо мурури замон аз доираи Ҳ-ҳо берун шуда, ба ҳайси калимаи маъмулӣ дар забон гардиш мекунанд. Олимони эронӣ Ҳ. Наврӯзӣ ва Г. Ҷӯйборӣ дар ин бора чунин овардаанд: «… ба назар мерасад, бар хилофи назари роиҷ, бархе аз ин вожаҳо аз ҳавзаи ҳузворишҳо берун омадаву вориди забон шудаанд» [140, с. 143].

Таркиби овозӣ ва таърихан гардиш доштани вожаи **вишодан** дар забони тоҷикӣ бештар баёнгари вожаи аслӣ будани он аст, вале агар ба назарияи олимони номбурда такя шавад, метавон тахмин кард, ки ин вожа шояд аз таркиби Ҳ-ҳо берун омада, чун вожаи маъмулӣ мустаъмал гардида бошад. Ба ҳар ҳол, назари муаллифи рисолаи мазкур бар он аст, ки ин воҳиди луғавӣ, аслан, Ҳ нест ва бар асари ғалатхонӣ ба ин гурӯҳ шомил шудааст.

Масалан, феъли ***вишодан*** (**višādan**) бо табдил ёфтани гурӯҳи овозҳои **ви-** (**vi-)** ба овозҳои **гу-** (***gu***-) [98 (давраи миёна), с. 35] имрӯз дар шакли ***кушодан*** ё ***гушодан*** ба кор меравад. (Гунаи ***гушодан*** бештар дар назми классикии адабиёти тоҷик мавриди истифода қарор гирифтааст).

Нигорандаи «БҚ» ҳангоми шарҳи феълҳое, ки дар шакли масдар омадаанд, баъзе Ҳ-ҳои ифодакунандаи ҳаракату ҳолат, амсоли ***бадмимум, дакё, кеҳуйид, ҳиб, ҳаҷнам, ҳаҷед***-ро дар шакли тасрифӣ низ овардааст. Бо назардошти ин ва дигар хусусиятҳои диққатҷалбкунандаи Ҳ-ҳои мавриди баррасӣ онҳоро метавон ба чунин гурӯҳҳо дастабандӣ намуд:

- Ҳ-ҳои феълии ифодакунандаи самтҳои ҳаракат;
- Ҳ-ҳои феълии ифодакунандаи ҳолати инсон;
- Ҳ-ҳои феълии ҳаммаъно;
- Ҳ-ҳои феълии дар шакли тасрифӣ мустаъмал;
- Ҳ-ҳои феълии дар шакли ғайритасрифӣ мустаъмал.

***Ба гурӯҳи аввал*** метавон Ҳ-ҳои ***ҷотунитан***, ***сазитунитан***, ***вазронитан***, ***катрунитан***-ро шомил кард, зеро амалҳое, ки ин калимаҳо ифода кардаанд, ҳамвора бо баён кардани ҳаракат самти онро низ ифода кардаанд.

Вожаи **ҷонунитан جاتونتن** дар «БҚ» ба маънои *будан* [5, ч. 1, с. 311] мазкур аст. М. Муин дар навараки фарҳанги номбурда овонавишти вожаро дар шакли **jānōnitan** нишон медиҳад, ҳамчунин дар забони паҳлавӣ истифода гардидани муодили он – **būtan** тазаккур ёфтааст [ниг. 28, ч. 2, с. 561].

А.Деххудо ҳам бо такя ба «БҚ» ин вожаро ба маънои *будан* оварда, Ҳ будани онро қайд намудааст [30, ч. 5, с. 7333].

Д. Саймиддинов низ ин Ҳ-ро ба маънои *будан* зикр карда, дар овонавишт ба гунаи **būdan**, дар ҳарфнавишт дар шакли **YHWWN-tn** мустаъмал будани онро нишон додааст [15, с. 68].

С. Урён ин Ҳ-ро ба маънои *омадан* зикр карда, ҳарфнавишти онро ба гунаи **YATWN-tn** нишон додааст. Ҳамчунин, тибқи иттилои ҳамин муҳаққиқ, воҳиди луғавии мазкур дар забони ибрӣ ба гунаи **ʾāṭā**, дар забони сурёнӣ – **ʾeṭā**, дар забонҳои оромии бостон, оромии императорӣ, оромии яҳудӣ, набатӣ, палмирӣ, мондоӣ – **yēṭōn** истифода шудааст. Дар

матни «П» Ҳ-и мазкур дар шакли **ĵātōnitan** сабт шуда, дар овонавишт ба гунаҳои **ĵātūntan**, **ĵatōnatan** ва **_nətan** хонда шудааст [44, с. 332].

Ҳ-и **сазитунитан** **سزيتونتن** дар Ф-и мавриди омӯзиш ба маънои *рафтан* [5, ҷ. 2, с. 157] шарҳ гардида, А.Деҳхудо низ бо такя ба «БҚ» ва «О» ин воҳиди луғавиро ҳамчун Ҳ ба маънои *рафтан* эзоҳ додааст [30, ҷ. 9, с. 13644].

Дар ҳошияи «БҚ» овонавишти вожа ба гунаи **s(a)zîtōn(i)tan** зикр гардида, муродифи вожаи **рафтан** будани он ишора шудааст [ниг. 28, ҷ. 2, с. 1137].

Д. Саймиддинов ҳарфнавишти ин Ҳ-ро ба гунаи **SGYTWN-tn** нишон додааст [15, с. 75].

Ҳ-и **вазронитан** **وزرانتن** низ дар Ф-ҳои ишорашуда танҳо ба маънои *рафтан* [5, ҷ. 3, с. 175] ташреҳ гардидааст. Тибқи иттилои А.Деҳхудо, ин воҳиди луғавӣ дар «БҚ», «О» ва «НА» зикр гардида, ҳамчун Ҳ шарҳ ёфтааст [30, ҷ. 15, с. 23176].

М. Муин дар поварақи «БҚ» овонавишти вожаро ба гунаи **vazrōnîtan** нишон дода, бо вожаи паҳлавии **shutan** муродиф будани онро зикр мекунад [ниг. 28, ҷ. 4, с. 2278].

Тибқи иттилои С. Урён, ин Ҳ дар ҳафнавишт ба гунаи **OZLWN-tn** ва дар овонавишт ба шакли **šudan** сабт шудааст. Ҳамин муҳаққиқ ишора кардааст, ки вожаи мазкур дар забони ибрӣ ба гунаи **ᵓāzal**, дар оромии китоби муқаддас – **ᵓăzal**, дар сурёнӣ – **ᵓezal**, дар оромии яҳудӣ, оромии императорӣ, оромии бостон, фаластинии масеҳӣ ва мондоӣ – **ᵓzl** ва дар матни «П» дар шакли **vazrōnitan** сабт шудааст. Қайд гардидааст, ки муҳаққиқ М. Ҳауг ин Ҳ-ро аз решаи **NZL** баробар бо вожаи арабии **назала** медонад ва муътақид бар он аст, ки позанднависии Ҳ-и мазкур ба гунаи **nazrōnatan** бояд бошад [44, с. 335].

Ҳ-и **катрунитан** **كترونتن** дар «БҚ» ба маънои *мондан ва ба ҷое нарафтан* [5, ҷ. 2, с. 356-357] эзоҳ ёфта, тибқи иттилои А. Деҳхудо, дар «НА» ба маънои *осудан* низ мустаъмал будааст [30, ҷ. 12, с. 18172].

Дар «ВП(«П»)» ва «ФҲП» овонавишти вожа ба гунаи **māndan** зикр шуда, дар ҳарфнавишт бо як ҳарф (**L-R**) тафовут дорад. Дар тадқиқи С. Урён ҳарфнавишти ин Ҳ ба гунаи **KTLWN-tn** ва дар тадқиқи Д. Саймиддинов дар шакли **KTRWN-tn** омадааст [44, с. 337; 15, с. 80]. Зикраш бамаврид аст, ки ҳодисаи иваз шудани ҳамсадои **«R»** ба ҳамсадои «**L**» дар таърихи забони тоҷикӣ раванди маъмулӣ аст. Бештари калимаҳои имрӯз бо ҳамсадои «**L**» оғозшаванда дар гузашта бо ҳамсадои «R» навишта мешуд. Чунин ҳолат бештар дар вожаҳои авестоӣ мушоҳида мешуд, зеро дар ибтидо овози «**L**» дар забони авестоӣ мавҷуд набуд.

Ҳ-и **катрунитан** ҳамчунин дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **kāṭar**, оромӣ – **kattar**, сурёнӣ – **katar** ва дар матни «П» дар шакли **katrōnatan** мушоҳида гардидааст [44, с. 337-338].

***Ба гурӯҳи дуюм*** метавон Ҳ-ҳои **абрунитан**, **бадмимум**, **removeдобоҳонитан**, **рабрунитан**-ро мансуб донист. Чунин воҳидҳои луғавӣ ифодакунандаи ҳолатҳои руҳии инсонанд.

Вожаи **абрунитан ابرونتن** дар «БҚ» ба маънои *мурдан* [5, ч. 1, с. 68] омадааст.

А.Деҳхудо зимни шарҳи ин Ҳ ба унвони сарчашма танҳо ба «БҚ» ишора кардааст. Баррасии Ҳ-ҳоро аз ҷониби муаллифи «БҚ» қайд намуда, олимон Г. Ҷӯйборӣ ва Ҳ. Наврӯзӣ шакли дурусти хониши ин вожаро **BRWN+tan** ҳисобидаанд. Бо сабаби ғалат хонда шудани овози **(n)** дар оғози Ҳ-ҳои паҳлавӣ аз тарафи муаллифи «БҚ» ба сурати **абрунитан** сабт шудааст. Ин вожа дар сурёнӣ ба гунаи **ebar**, дар оромӣ – **br**, дар арабӣ – **abar** ва дар аккодӣ – **eberu** мушоҳида мешавад. Гуфта мешавад, ки решаи вожаи арабии **عبر** ҳам аз ҳамин ҷо сарчашма мегирад [140, с. 149].

Ҳ-и **бадмимум بدمموم** дар «БҚ» ба маънои *тарсидану рамидан* [5, ч. 1, с. 160] омада, дар «О» ҳам ҳамин маъноро ифода кардааст, дар «НА» ба маънои *тарсу раму фирор* зикр шудааст [173].

М. Муин дар шарҳи ин вожа танҳо маълумоти М. Бурҳонро оварда, дар мавриди овонавишт ва ҳарфнавишти он ишораи алоҳидае накардааст [ниг. 28, ч. 1, с. 244].

Дар «ВП(«П»)» зери мафҳуми *тарсидан* дигар Ҳ оварда шудааст [44, с. 357], ки он сабаб дорад. Чунонки гуфта шуд, барои зикри баъзе мафҳумҳо чанд Ҳ вуҷуд дорад. Чунончи, А. Каримов дорои ду Ҳ будани феъли **нишастан**-ро қайд кардааст: **YTYBWH-stn** ва **YTYBWN-tn** [7, с. 17]. Шояд бо феъли **тарсидан** низ ҳамин ҳодиса рӯй дода бошад.

Ҳ-и **добоҳонитан داباهانتن** дар «БҚ» бо такя ба луғати «З»-у «П» ба маънои *хандидан* [5, ч. 2, с. 3] ташреҳ гардидааст. Бино бар маълумоти дар повараќи «БҚ» ишораёфта, ин Ҳ ба таври ғалат оварда шуда, гунаи саҳеҳи он **добоҳуснитан داباهوسنتن** аст. А.Деҳхудо низ ба ин матлаб ишора кардааст [30, ч. 7, с. 10235].

С. Урён ин Ҳ-ро дар ҳарфнавишт ба гунаи **YḤḎḤWN-tn** ва дар овонавишт дар шакли **xandîdan** зикр кардааст. Бино бар маълумоти ҳамин муҳаққиқ, ин Ҳ дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **ḥāḏā**, ошурӣ – **ẖāḏû**, оромӣ ва сурёнӣ – **ḥăḏā** ва дар матни «П» дар шакли **dābahōnatan** дучор омадааст [44, с. 313]. Дар ҳамин сарчашма омадааст, ки «Ҳауг ин ҳузворишро «*додан»* маънӣ кардааст. Сабаби ин амр ин аст, ки вай, зоҳиран, ин ҳузворишро бо вожаи , ки ҳузвориши **dādan** аст, баробар донистааст. Юнкер низ решаи ин ҳузворишро аз **ḥabăḇ**-и оромӣ ба маънои *ошиқ будан ва дӯст доштан* медонад» [44, с. 313].

Дар таҳқиқи Д. Саймиддинов овонавишти вожа бо сарчашмаи фавқ ҳамгун буда, вале дар ҳарфнавишт тафовут дорад. Дар «ФҲП» ҳарфнавишти ин Ҳ ба гунаи **YḤBHWN-tn** қайд шудааст [15, с. 69].

Дар «ВП(«П»)» гунаҳои тасрифии ин Ҳ низ зикр ёфта, шакли тасрифиаш бо мувозии тоҷикии тасрифи феълҳо мувофиқ аст. Масалан, **dābahōnit - хандид, dābahōnəm - хандем** ва ғайра.

Вожаи **рабрунитан ربرونتن** дар «БҚ» ба маънои *мурдан* [5, ч. 2, с. 63] омада, дар «Л»-и А.Деххудо, «О» ва «НА» ҳам чунин шарҳ ёфтааст [30, ч. 8, с. 11895].

Дар поварақи «БҚ» М. Муин ишора кардааст, ки ин вожа Ҳ-и **мурдан** маҳсуб гардида, дар паҳлавӣ ба гунаи **murtan** истифода мешавад ва шакли қайднамудаи М. Бурҳон ғалат аст [ниг. 28, ч. 2, с. 937].

С. Урён низ ҳангоми зикри ин Ҳ гунаи позандии онро дар шакли **jimîtōnitan** овардааст, на **rabrōnitan** (**рабрунитан**) [44, с. 393]. Дар «ФҲП» ҳам ҳарфнавишти Ҳ-и **jimîtōnitan (YMYTWN-tn)** оварда шудааст [15, с. 70].

***Гурӯҳи сеюм*** ба Ҳ-ҳои ҳаммаъно рабт дорад. Ба ин даста воҳидҳои луғавии **абрунитан** (ابرونتن) – *мурдан* ва **удурдан (اودردن)** – *мурдан*, **ҷамитунитан (جميتونتن)** – *мурдан* [5, ч. 1, с. 68, 125, 324] ва **рабрунитан (ربرونتن)** – *мурдан* [5, ч. 2, с. 63]; **пазпунитан (پزپونتن)** – *додан* [5, ч. 1, с. 175] ва **добунитан (دابونتن)** – *додан* [5, ч. 2, с. 3); **сазитунитан (سزيتونتن)** – *рафтан* [5, ч. 2, с. 157] ва **варзонитан** (**ورزانتن**) – *рафтан* [5, ч. 3, с. 175] шомиланд.

Чунонки мушоҳида гардид, Ҳ-ҳои ифодакунандаи ҳаракату ҳолат, ки дар «БҚ» шарҳ ёфтаанд, барои ифодаи як маъно ба кор рафтаанд. Аз қайдҳои фавқ аён аст, ки муаллифи «БҚ» танҳо мафҳуми «***аз ҷаҳон рафтан***»-ро бо чор калима: **абрӯнитан, удурдан, рабрунитан, ҷамитунитан** ифода кардааст.

***Ба гурӯҳи чорум*** метавон Ҳ-ҳои ***дакё***, ***ҳаҷнам*** ва ***ҳаҷед***-ро мансуб донист. Ин Ҳ-ҳоро чунонки ишора гардид, муаллифи «БҚ» на дар шакли масдар, балки ба гунаи тасрифияшон зикр намудааст.

Ҳ-и **дакё دكيا** дар «БҚ» ба маънои *пок шавам, тоҳир гардам* омадааст [5, ч. 2, с. 33].

А.Деххудо зимни шарҳи ин Ҳ танҳо ба «БҚ» ишора кардааст [30, ч. 7, с. 10969], М. Муин дар ҳошияи «БҚ» ба Ҳ будани ин воҳиди луғавӣ ишора

карда, овонавишти онро ба гунаи **d(a)kyā** нишон додааст [ниг. 28, ч. 2, с. 872].

Ҳ-и **ҳачнам** **هجنم** дар «БҚ» маънои *медиҳам-ро* [5, ч. 3, с. 186] ифода намуда, дар шахси якуми шумораи танҳо ба гунаи **ҳачнам** ва дар шахси дуюми шумораи ҷамъ ба гунаи ***ҳачед,*** яъне *бидиҳед* [5, ч. 3, с. 186] зикр ёфтааст. Чунонки мушоҳида шуд, дар тасрифи Ҳ-ҳо низ воситаҳои грамматикии тоҷикӣ иштирок кардаанд. Аз корбасти унсурҳои грамматикии забон, ки дар шаклу маънои нав гирифтани Ҳ-ҳо нақш бозидаанд, метавон ба хулосае омад, ки аксари чунин унсурҳои луғавӣ бо ворид шудан ба таркиби луғавии забонҳои дигар, аз ҷумла порсии бостон, авестоӣ ва минбаъд порсии миёнаву паҳлавӣ ба қолабҳои вожасозии ин забонҳо мувофиқ шуда, воситаҳои грамматикии онҳоро қабул кардаанд.

Дар ин гурӯҳ низ баъзе калимаҳои бостонии тоҷикӣ барғалат ба Ҳ мансуб дониста шудааст. Ин ҷо мо вожаи **ниюшад**-ро дар назар дорем.

Вожаи **ниюшад** дар «БҚ» чунин шарҳ гардидааст: «**Ниюшад** **نیوشد** - бар вазни **фирӯзад** ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *омӯзад* ва *ёд гирад* бошад, ки аз омӯхтан ва ёд гирифтан аст; ва дар форсӣ ба маънои *гӯш кунад* ва *бишнавад*» [5, ч. 3, с. 165].

Тибқи иттилои М. Муин, ин вожа аз **ниюшидан (niyôshîdhan)** буда, сарчашмааш аз вожаи авестоии **ни_гаош (ni_gaosh**) ба маънои *шунидан, гӯш додан* аст ва дар паҳлавӣ дар шакли **nighôshîtan** ба маънои *шунидан, махфиёна гӯш кардан* шарҳ дода шудааст [ниг. 28, ч. 4, с. 2239].

Таркиби овозии вожаи мавриди назар баёнгари он аст, ки ин моддаи луғавӣ низ барғалат Ҳ ҳисобида шудааст, зеро гардиши вожаи мазкур дар забонҳои куҳани эронӣ, аз ҷумла авестоиву форсии бостон ва минбаъд форсии миёна далели вожаи аслӣ будани он аст. Шояд муаллифи «БҚ» бо назардошти гунаи қадими вожа онро ҳамчун Ҳ сабт карда бошад.

***Гурӯҳи панҷум.*** Ин гурӯҳ Ҳ-ҳои феълиеро фаро гирифтааст, ки онҳо дар «БҚ» дар ду шакл: ибтидоӣ (масдар) ва гунаи тасрифӣ зикр шудаанд.

Ҳ-ҳои ин гурӯҳ вобаста ба шахсу шумора боз ба ду зергурӯҳ дастабандӣ гардидаанд:

а) *феълҳои тасрифии шахси якуми шумораи танҳо ва дуюми шумораи ҷамъ*. Вожаи **аҷдарунитан** اجدرونتن дар Ф-и мавриди омӯзиш ба маънии *даравидан* ташреҳ гардидааст. Шакли тасрифияш дар шахси якуми шумораи танҳо ба гунаи ***аҷдарунман*** *– даравидам ман* буда, дар шахси дуюми шумораи ҷамъ шакли ***аҷдарунед*** *– бидаравед*-ро гирифтааст [5, ч. 1, с. 72].

С. Урён ба Ҳ будани ин воҳиди луғавӣ ишора карда, ҳарфнавишти онро дар шакли **HCDLWN-tn** ва овонавишташро ба гунаи **drūdan** зикр кардааст. Тибқи иттилои ҳамин муҳаққиқ, ин Ҳ дар забонҳои оромии императорӣ, оромии яҳудӣ, фаластинии масеҳӣ, сурёнӣ ба гунаи **ḥṣd** мазкур будааст. Дар матни «П» Ҳ-и мазкур дар шакли **aǰdrōnitan** қайд гардида, дар овонавишт ба гунаҳои **azdronətan, aǰdrūnatan, ačdrōnitan** хонда шудааст. Вуҷуд доштани овози **«r»** дар таркиби ин Ҳ ба таъсири фонологии забони порсии миёна марбут аст, зеро дар решаи сомии он овози **«r»** вуҷуд надорад [44, с. 282-283].

Д. Саймиддинов ҳарфнавишти ин Ҳ-ро ба тариқи дигар зикр намудааст. Номбурда ба ҷойи ҳарфи «C» ҳарфи «S» ва ба ҷойи ҳарфи «L» ҳарфи «R»-ро зикр карда, ҳарфнавишти Ҳ-ро ба гунаи **YSDRWN-tn** нишон додааст [15, с. 75].

Тибқи маълумоти «ВП(«П»)», шакли шахси сеюми шумораи танҳои феъли мазкур бо бандаки феълии **-ит** (**-ît**) созмон ёфта, он дар матни «П» ба гунаи **aǰdraōnît** қайд шудааст. Шакли ҷамъи Ҳ-и мазкур дар шахси якуми шумораи ҷамъ бо иловаи бандаки феълии **-им** (**-im**) ба гунаи **aǰdrōnim** зикр гардидааст [44, с. 283-284].

Ҳ-и дигари марбут ба амалу ҳолат **пазпунитан** аст, ки дар фарҳанги мавриди омӯзиш доир ба он чунин маълумот омадааст: «**Пазпунитан** پزپونتن - бар вазни **паҳлушикан;** ба забони «Занд»-у «Позанд» ба маънои

*додан* бошад, ки дар муқобили *гирифтан* аст; ва ***пазпуname,*** яъне медиҳам ва ***пазпунед,*** яъне *бидиҳед* [5, ч. 1, с. 236].

М. Муин дар ҳошияи «БҚ» ба Ҳ будани он ишора карда, аммо маънояшро на *додан (дар муқобили гирифтан),* балки *об додан, тар кардан* шарҳ додааст [ниг. 28, ч. 1, с. 398].

Д. Саймиддинов ин Ҳ-ро дар ҳарфнавишт ба гунаи **PRPWN-tn** нишон дода, онро *боло бурдан* маънидод кардааст [15, с. 84].

С. Урён низ ҳарфнавишти ин Ҳ-ро ҳамин гуна сабт карда, вале маънояшро *кашидан* овардааст [44, с. 278].

Бино ба таъкиди ин муҳаққиқ, Нюберг ин вожаро Ҳ надониста, онро ба сурати **pzcwtn** = **pažūtan** = *хойидан, нушхор кардан* ислоҳ намудааст [44, с. 278].

Тибқи иттилои муаллифи «ВП(«П»)», шакли тасрифии ин вожа дар шахси сеюми шумораи танҳо ба гунаи **pazpōnît** ва дар шахси якуми шумораи ҷамъ ба гунаи **pazpōnəm** дучор меояд [44, с. 278-279].

Чунонки мушоҳида шуд, дар ду сарчашмаи марбут ба Ҳ ин вожа ба маънои *додан* (муқобили *гирифтан*) шарҳ наёфтааст. Шояд ғалати котибон ё ҳазфи қисмати аввали ибораи «об додан» ҳангоми нусхабардорӣ боиси ба маънои *додан* сабт шудани ин Ҳ гардида бошад.

Ба ин тариқ, шакли тасрифии Ҳ-и **заритунитан** **زريتونتن** – *коштан*-ро муаллифи «БҚ» дар шахси якуми шумораи танҳо ***заритуниме*** – *мекорам* ва дар шахси дуюми шумораи ҷамъ ***заритунед*** – *бикоред* зикр намудааст [5, ч. 2, с. 98].

Ин Ҳ дар позанднависӣ ба гунаи **zarətōnatan** сабт шудааст. Тибқи иттилои ҳамин муҳаққиқ, шакли тасрифии ин Ҳ дар шахси сеюми шумораи танҳо ба гунаи **zarətōnît** ва дар шахси якуми шумораи ҷамъ дар шакли **zarətōnəm** дучор меояд [44, с. 280-281]. Шояд вожаи иқтибосии **зироат** низ аз ҳамин реша бошад.

Дигар Ҳ **замрунитан** **زمرونتن** – *саройидан* мебошад, ки шаклҳои тасрифияш дар шахси якуми шумораи танҳо ***замруname*** – *бихонам* ва дар

шахси дуюми шумораи ҷамъ ***замрунед** – бисароед* ҳисоб мешавад [5, ч. 2, с. 104].

Дар «ВП(«П»)» ҳарфнавишти Ҳ-и мазкур ба гунаи **ZMLLWN-tn** омадааст, ки он дар овонавишти паҳлавӣ **srūdan** хонда шудааст [44, с. 312]. Дар зикри ҳарфнавишту овонавишти Ҳ-и мазкур назари Д. Саймиддинов андак тафовут дорад, яъне ин муҳаққиқ ба ҷойи ҳарфи «L» ҳарфи «R»-ро зикр кардааст. Дар овонавишт ҳам муҳаққиқи номбурда ҳиҷои дуюмро бо садоноки «u»-и кӯтоҳ қайд кардааст [15, с. 79], вале навишти паҳлавии Ҳ-и мавриди таҳқиқ дар ҳар ду сарчашма ҳам як хел аст: () [15, с. 79; 44, с. 312]. Бояд гуфт, ки гунаи саҳеҳи ҳарфнавишту овонавишти паҳлавии Ҳ бо алифбои лотинӣ дар «ВП(«П»)» мазкур буда, дар навишти паҳлавии он ду аломати ифодакунандаи овози «L» мавҷуд аст.

Зикраш бамаврид аст, ки воҳиди луғавии мазкур дар забони ибрӣ ба гунаи **zmr**, дар оромӣ – **zammėr**, дар сурёнӣ – **zəmar**, дар оромии китоби муқаддас, оромии яҳудӣ, фаластинии масеҳӣ ва мондоӣ – **ZMR** дучор меояд. Дар матни «П» ин Ҳ дар шакли **zimrarōnatan** зикр шуда, дар овонавишт ба гунаҳои **zimlalōnitan, zimlarōnitan, zimr(a)rōnitan, zmlōn(ə)tan** хонда шудааст [44, с. 312].

Шакли тасрифии ин Ҳ низ бо иловаи бандакҳои фавқуззикр созмон ёфтааст. Шакли танҳои он дар шахси сеюми шумораи танҳо ба гунаи **zamraraōnît** ва дар шахси якуми шумораи ҷамъаш ба гунаи **zəmrarōnəm** сохта шудааст [44, с. 313].

Шаклҳои тасрифии Ҳ-и **шаритунитан شریتونتن** – *кушодан* дар «БҚ» дар шахси якуми шумораи танҳо ***шаритуname** – кушоям* ва дар шахси дуюми шумораи ҷамъ ***шаритунед** – бикшоед* тазаккур ёфтааст [5, ч. 2, с. 217]. Ин Ҳ дар ҳарфнавишт ба гунаи **ŠLYTWN-tn** сабт шуда, дар овонавишт ба шакли **wišādan** хонда шудааст. Ҳ-и мазкур дар забони ибрӣ ба гунаи **šārā**, дар ибрии нав ва ошурӣ – **tašrîtu**, **šarū**, дар оромии бостон, оромии императорӣ, оромии китоби муқаддас, оромии яҳудӣ, фаластинии масеҳӣ, сурёнӣ ва мондоӣ – **šrh/y**, дар матни «П» дар шакли **šarîtōnitan**

дучор меояд. Шакли тасрифии Ҳ-и номбурда дар шахси сеюми шумораи танҳо ба гунаи **šarîtōnît**, дар шахси якуми шумораи ҷамъ ба гунаи **šarîtōnəm** мазкур аст [44, с. 366, 367].

Ҳамин тавр, дар «БҚ» чанд Ҳ-и марбут ба феъл ба ҷуз шакли масдарӣ инчунин ба гунаи тасрифӣ тазаккур ёфтаанд. Чунончи, Ҳ-и **шанунитан** شنونتن – *навиштан* дар матнҳои паҳлавӣ дар шахси якуми шумораи танҳо ***шануname*** – *нависам* ва дар шахси дуюми шумораи ҷамъ ба гунаи ***шанунед*** – *бинависед* мавриди истифода қарор дорад [5, ч. 2, с. 235]. Дар мавриди калимаи **шаритунитан** олимон Г. Ҷӯйборӣ ва Ҳ. Наврӯзӣ бар ин назаранд, ки қисми аввали вожа оромиасл ва қисмати дуюм пасванди масдарсози эронии **-tan** аст ва бо овонигориши хониши имрӯзаи луғатшиносон мувофиқат мекунад. Ин вожа дар Забур ба сурати **lytnš**, дар оромӣ – **šr**, дар папирусҳои оромӣ – **yšrh**, дар арабӣ – **šr'h** ва дар оромии бостон – **šera** мушоҳида гардидааст [140, с. 148].

Лозим ба зикр аст, ки дар Ф-ҳои марбут ба Ҳ-ҳо барои ифодаи мафҳуми ***навиштан*** Ҳ-и **YKTYBWN-tn** сабт шудааст. Ин Ҳ дар овонавишти паҳлавӣ ба гунаи **nibištan** ва дар матни «П» ба шакли **ǰagtîbōnitan** зикр гардидааст [44, с. 400; 15, с. 70].

Ҳ-и **шанунитан** ҳам дар «ВП(«П»)» ва ҳам дар «ФҲП» ба маънои *фиристодан* омадааст [44, с. 403; 15, с. 69]. Ин Ҳ дар ҳарфнавишт ба гунаи **ŠDRWN-tn** сабт гардида, дар овонавишт ба шакли **frēstōdan** хонда шудааст. Шакли ибтидоии ин Ҳ дар позанднависӣ ба гунаи **šatōnitan** тазаккур ёфта, шакли тасрифияш дар шахси сеюми шумораи танҳо ба гунаи **šatōnît** ва дар шахси якуми шумораи ҷамъ ба шакли **šatōnəm** дучор меояд [44, с. 403-404].

б) *феълҳои тасрифии шахси якум ва сеюми шумораи танҳо.* Намунаи чунин Ҳ вожаҳои **пасонитан** ва **добоҳонитан** маҳсуб мешаванд. Калимаи **пасонитан** پسانتن ва гунаи дигараш **пасҳонитан** پسهانتن – *афшондан* дар Ф-и мавриди таҳлил дар шахси якуми шумораи танҳо шакли ***пасоname //***

***пасҳонаме*** – *афшонам*-ро гирифта, дар шахси дуюми шумораи танҳо ба гунаи ***пасонид // пасҳонид*** – *бияфшонид* дучор омадааст [5, ч. 1, с. 239].

С. Урён дар ҳарфнавишт ин Ҳ-ро ба гунаи **PṢHWN-tn** нишон дода, дар овонавишт ба шакли **afšurdan** хондааст. Ҳ-и мазкур дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **pāṣaḥ**, оромӣ ва сомӣ – **pəṣaḥ** ва дар матни «П» дар шакли **pashōnatan** дучор меояд. Ҳамчунин, С. Урён зикр мекунад, ки «адами татобиқ байни сурати паҳлавӣ ва сомии ин ҳузвориш мусаллам сохтани қироати паҳлавии онро дучори мушкил сохтааст. Нюберг вожаи фавқро ба **passāndan** маънои *леҳ кардан, фишор додан,* муштақ аз **pat-** ва ҳолати сабабии (causative) феъли **sūtan** дониста ва мутародифи паҳлавии онро **āpištan** қироат мекунад, зимни ин ки иштиқоқи онро ба **pišant-, pištra**-и авестоӣ мерасонад. Ҳауг низ ин Ҳ-ро **afšāndan** қироат намудааст» [44, с. 277-278]. С. Урён бо такя ба решаи сомии ин Ҳ (**pḥs-**) андешаи Юнкерро ҷонибдорӣ мекунад ва дар шакли **afšārdan** хонда шудани ин воҳиди луғавиро дуруст меҳисобад [44, с. 278]. Вуҷуди гунанокии вожа дар «БҚ» низ марбут ба хониши гуногуни котибон мебошад.

Шакли тасрифии ин Ҳ низ бо иловаи бандакҳои феълии тоҷикӣ сурат гирифтааст. Ҳ-и мазкур дар шахси сеюми шумораи танҳо бо иловаи бандаки феълии **-ит (ît)** ба гунаи **pashōnît** ва дар шахси якуми шумораи ҷамъ бо иловаи бандаки феълии **-ем (əm)** дар шакли **pashaōnəm** сохта шудааст.

Гунаи тасрифии воҳиди луғавии **добоҳонитан داباهانتن** – *хандидан*-ро муаллифи «БҚ» дар шахси якуми шумораи танҳо ба шакли ***добоҳонаме*** – *механдам* зикр карда, дар шахси сеюми шумораи танҳо ба гунаи ***добоҳонид*** – *бихандид* овардааст [5, ч. 2, с. 3]. Шаклҳои тасрифии ин Ҳ ҳам бо иловаи бандакҳо созмон ёфта, дар шахси сеюми танҳо бо иловаи бандаки **-ит (-ît)** ба гунаи **dābahōnît** ва дар шахси якуми шумораи ҷамъ бо иловаи бандаки **-ем (-əm)** ба гунаи **dābahōnəm** ташаккул ёфтааст [44, с. 314].

М. Муин бар он назар аст, ки асли Ҳ-и мазкур **dăb(a)hōn(i)stan** аст [ниг. 28, ч. 2, с. 806].

Аз баррасиҳои боло метавон ба натиҷае расид, ки «БҚ» дар баробари шарҳномаи вожаву ифодаҳои забони тоҷикӣ ба шумор омаданаш инчунин дорои қайдҳо ва вижагиҳои муҳимми забоншиносӣ мебошад. Аз ҷумла, зикри корбурди унсурҳои грамматикии мушаххаскунандаи шахсу шумораи феъл на танҳо бо вожаҳои аслии тоҷикӣ, балки бо Ҳ-ҳо низ аз вижагиҳои намоёни ин луғатнома маҳсуб меёбад.

Бояд гуфт, ки муаллифи «БҚ» дар ҷараёни шарҳи аксари Ҳ-ҳои ифодакунандаи ҳаракату ҳолат баробари гунаи масдарии феълҳо шакли тасрифии онҳоро овардааст, ки ин амали муаллифи луғатнома барои ошкорсозии вазифаҳои ғайримунтазираи грамматикии унсурҳои ёвари забон дар гузашта дорои аҳаммияти хос мебошад.

Дар созмонёбии аксари Ҳ-ҳои баррасигардида пасванди масдарсози қадимаи эронии -**тан (-tan)** ё -**итан (-itan)** ва мувозии он **–истан** (**-istan**) вазифаи муҳимро иҷро кардааст. Бандакҳо низ дар тасрифи ин гурӯҳи Ҳ-ҳо вазифаҳои муайянро иҷро карда, дар созмонёбии шахси якуми шумораи танҳои феъл бандаки **-ame,** шахси сеюми шумораи танҳо **-it**, шахси якуми шумораи ҷамъ **-em** ва шахси дуюми шумораи ҷамъ **-ed** истифода шудаанд.

## 1.6. Ҳузворишҳои марбут ба мафҳуми замон

Ҳ-ҳои дар «БҚ» зикргардида чун дигар гурӯҳи калимаҳо аз лиҳози маъно ба қабатҳои гуногуни луғавӣ мансубанд. Дар ин луғатнома Ҳ-ҳои ифодагари вақту замон, фасли сол ва мафҳумҳои ба он вобаста низ ҷой дода шудаанд.

Дар забони адабии тоҷикӣ вожаҳои марбут ба замонро ба яке аз ҳиссаҳои мустақили нутқ – зарф мансуб медонанд ва онҳо дар доираи ҳамин навъи унсурҳои луғавӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Маълум аст, ки «зарфи замон вақту замони воқеъ шудани амалро мефаҳмонад ва ба саволи кай? ҷавоб мешавад: дина, парер, порсол, ҳанӯз, ҳоло, ҳозир, пагоҳ, фардо, шабона, мудом ва ғайра. » [64, с. 361].

Теъдоде аз Ҳ-ҳои мавҷуд дар «БҚ», ки вожаҳои бозмондаи оромист, дар забонҳои гуногуни эронӣ, аз ҷумла забони тоҷикӣ дар ифодаи мафҳуми замон корбаст шудаанд. Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки зарфҳои марбут ба замон аз лиҳози ифодаи маъно ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Роҷеъ ба ин навъҳои зарфи замон дар баъзе китобҳои дарсӣ омадааст, ки «зарфҳои замон аз ҷиҳати ифодаи маънои замонӣ ба ду гурӯҳи калон тақсим мешаванд: 1) зарфҳое, ки замонро ба таври умумӣ ифода мекунанд, замони конкретро далолат намекунанд; 2) зарфҳое, ки ба яке аз замонҳо мансуб мебошад, яъне ё замони гузашта, ё замони ҳозира ва ё замони ояндаро мефаҳмонад. Зарфҳое, ки замони амалро ба таври умумӣ ифода мекунанд, ба замони муайяне маҳдуд намешаванд, дар ҳар се замони феъл баробар истифода мешаванд. Ин гурӯҳи зарфҳо аз ҷиҳати маъно гуногун буда, бардавомии амал, такрор шудани амал, ногаҳон ва ё зуд воқеъ шудани амалро мефаҳмонанд» [64, с. 362].

Ҳ-ҳои марбут ба замон низ дар луғатномаи мавриди омӯзиш айни ҳамин хусусиятро зоҳир кардаанд, яъне қисме аз онҳо умуман мафҳуми замон ва бархе замони мушаххасро ифода намудаанд. Бояд гуфт, ки дар байни ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ муродифот низ мавҷуданд, ки дар хусуси онҳо дар боби баъдӣ мулоҳизаронӣ хоҳад шуд.

Дар «БҚ» Ҳ-ҳои зерини мансуб ба замон сабт шудаанд: **асвар**, **татро**, **распинан**, **зараҳпеч**, **шутон**, **моҳир** ва **ҳамез.**

Ҳ-ҳои **асвар**, **татро**, **распинан**, **зараҳпеч**, **моҳир** ва **ҳамез** ба замони мушаххас мансуб буда, Ҳ-и **шутон** мафҳуми замонро ба таври умумӣ ифода кардааст. Ҳ-ҳои **татро** ва **ҳамез** бо ҳам муродиф шудаанд.

Вожаи **асвар** ба маънои *парерӯз* дар «БҚ» чунин шарҳ ёфтааст: **«Асвар اسور** – ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *парерӯз* аст, ки рӯзи пеши дирӯз бошад» [5, ч. 1, с. 97].

Тибқи иттилои С. Урён, ин вожа дар позанднависӣ ба гунаи **asār** зикр шудааст, аммо Ҳ нест. Ӯ таъкид кардааст, ки вожаи мазкур асли портӣ дорад. Бархе, аз ҷумла Юнкер, онро як Ҳ-и сомӣ донистаанд [ниг. 44, с. 472-473].

М. Бурҳон дар шарҳи Ҳ-и **татро** чунин менависад: **«Татро تترا** – бар вазни **саҳро**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» *тобистон*ро гӯянд, ки муқобили зимистон аст» [5, ч. 1, с. 272].

М. Муин дар ҳошияи «БҚ» овонавишти ин Ҳ-ро ба гунаи **tat(a)râ** нишон дода, онро муродифи вожаи паҳлавии **hamîn** ба маънои *тобистон* нишон медиҳад [ниг. 28, ч. 1, с. 470]. С. Урён ҳарфнавишти вожаро ба гунаи **TTLA** ва овонавишташро ба шакли **hamîn** нишон дода таъкид кардааст, ки реша ва иштиқоқи он дар забонҳои сомӣ номаълум аст. Ҳамчунин, номбурда дар асоси сарчашмаҳои марбут ба Ҳ-ҳо ишора намудааст, ки «Нюберг ин ҳузворишро дар матни худ ба сурати **ᵓWTLᵓ** ва дар тавзеҳоти марбут ба вожаҳо қироати онро ба сурати **ᶜuṭā** ба маънои *тамаввул* ва *тавонгарӣ* овардааст. М. Ҳауг низ ҳеҷ ишорае ба иштиқоқоти вожа накардааст. Ба ҳар ҳол, вожаи фавқ гузаштаи равшане надорад» [44, с. 477].

Дар «ФҲП» ҳарфнавишти вожа бо андак фарқ дар шакли **TTR** зикр шудааст, аммо дар навишти паҳлавӣ ҳар ду сарчашма ҳамгунанд: (). Д. Саймиддинов овози охири навишти паҳлавии калимаро дар ҳарфнавишт сарфи назар кардааст ва ба ҷойи ҳарфи «L» ҳарфи «R» овардааст [15, с. 83].

Шояд муҳаққиқи номбурда барои дар охири вожа ҷой гирифтани садонок ва ё ба назар гирифтани мавқеи задаи таърихӣ ҳиҷои охири онро ҳазф карда бошад, ё шояд сабаби дигар дошта бошад, аммо бо назардошти сабти вожа дар матнҳои позанднависӣ, ки ҳиҷои охир навиштаву хонда шудааст, тазаккур ёфтани он беҳтар буд.

Ҳ-и **распинан** дар «БҚ» чунин тафсир ёфтааст: «**Распинан رسپنن** – бар вазни **тахминан**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» *фасли пойиз*ро гӯянд» [5, ч. 2, с. 67]. Ин Ҳ дар ҳарфнавишт ба гунаи **LSPYNA** ва дар овонавишт ба шакли **pādēz** сабт шуда, дар матни «П» ба сурати **raspinā** дарҷ шудааст. Қайд гардидааст, ки «Нюберг ин ҳузворишро ба сурати  ислоҳ карда ва решаи сомии онро ба таври эҳтимолӣ **RSB** медонад» [44, с. 477-478].

Д. Саймиддинов варианти ислоҳнамудаи Нюбергро асос қарор дода, ҳарфнавишти вожаро ба гунаи **RYSPYN** ва овонавишти паҳлавии онро ба шакли **pāēz** сабт кардааст [15, с. 77].

Муаллифи «БҚ» доир ба Ҳ-и **зараҳпеч** чунин ахборе овардааст: «**Зараҳпеч زرهپچ** - ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *зимистон* бошад» [5, ч. 2, с. 98].

Бино бар таъкиди М. Муин, ин вожа аз Ҳ-и **zarpən, zarpūn** буда, бо вожаи паҳлавии **ziməstān** муродиф аст. **Зараҳпеч** шакли тасҳифшудаи **зарпин** мебошад [ниг. 28, ч. 2, с. 1019]. С. Урён низ гунаи позанднависии ин Ҳ-ро дар шакли **zarpūn** нишон додааст. Ҳамин муҳаққиқ таъкид намудааст, ки «Нюберг ин вожаро гунае навишторӣ барои вожаи **zurwān** *зарвон, замони бекарона, замони куҳан* баробар бо зимистон медонад. Юнкер низ онро як ҳузвориши асил бо решаи сомӣ ба маънои *борон* донистааст, ки назари охир ба вожаи **зимистон** наздиктар аст, вале, ба ҳар ҳол, вожа дорои иштиқоқи равшане нест» [44, с. 478; 15, с. 78].

Ҳ-и дигар **шутон** ба тариқи зайл шарҳ дода шудааст: **«Шутон شتان** - бар вазни **фулон;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *солҳо* бошад, ки ҷамъи *сол* аст ва ба арабӣ **санин** хонанд» [5, ч. 2, с. 210].

Ин Ҳ дар матни «П» ба гунаи **šintan** зикр шуда, баргирифта аз решаи **ŠNT** [**šint**] мебошад. Вожаи мазкур дар ҳарфнавишт ба гунаи **ŠNTᑐn** сабт шуда, дар овонавишти паҳлавӣ ба гунаи **sālān** хонда шудааст [44, с. 469].

Дигар Ҳ-и марбут ба замон воҳиди луғавии **моҳир** аст, ки онро М. Бурҳон чунин шарҳ додааст: **«Моҳир ماهر** - бар вазни **тоҳир**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *фардо* бошад, ки ба арабӣ **ғад** мегӯянд; ва дар арабӣ ба маънои *устод* бошад» [5, ч. 3, с. 79].

Ин Ҳ дар позанднависӣ ба гунаи **mahr** сабт шуда, дар овонавишт ба тариқи **māhu, māhər** хонда шудааст. Ҳарфнавишти вожа **MHL** буда, муродифи вожаи **fradāg**-и паҳлавӣ буда, минбаъд ба шакли **фардо** даромадааст. Ин Ҳ дар забонҳои ибрӣ – **māḥar**, оромӣ ва сурёнӣ – **mᵊḥar**, ошурӣ – **maḫru**, оромии императорӣ, оромии яҳудӣ, бобулӣ – **mᵊḥār** дучор омадааст [44, с. 474].

Дар «ФҲП» танҳо ҳарфнавишти ин Ҳ бо як овоз (**L-R**) фарқ мекунад [15, с. 81].

Воҳиди луғавии **ҳамез** ҳам дар «БҚ» зери мафҳуми «З»-у «П» барои ифодаи вақт омадааст: **«Ҳамез همیز** - бар вазни **азиз**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *тобистон* бошад ва ба арабӣ **тамуз** мегӯянд; ва ба ҷойи зои нуқтадор нун ҳам ба назар омадааст, ки **ҳамен** бар вазни **замин** бошад, …» [5, ч. 3, с. 202].

Ин воҳиди луғавӣ дар Ф-ҳои марбут ба Ҳ-ҳо дар ин шакл ба мушоҳида нарасид. М. Муин дар ҳошияи «БҚ» шакли **ҳамез**-ро гунаи тасҳифшудаи вожаи **ҳамин (ҳомин**) гуфтааст. Тибқи иттилои муҳаққиқи номбурда, вожаи **ҳомин** дар Авесто ба маънои *тобистон* ва дар забони санскрит ба маънои *сол* ба кор рафтааст. Ҳамчунин вожаи **ҳамина** (**hamina**) низ дар Авесто ба маънои *тобистон* корбаст шудааст [28, ч. 4, с. 2374]. Агар ин маълумот ва дар Ф-ҳои шинохти Ҳ-ҳо зикр нашудани вожа ба назар гирифта шавад, бояд ин воҳиди луғавӣ ҳамчун Ҳ маҳсуб наёбад. Шояд бар асари монандии овоӣ ва ё иштибоҳ дар раванди китобату нусхабардорӣ ҳамчун Ҳ сабт шуда бошад. Ба ҳар ҳол, бояд дар назар дошт,

ки ин моддаи луғавӣ дар қатори вожаҳои саҳван Ҳ пиндошташуда мансуб мебошад.

Дар робита ба вожаи **ҳамин** бояд гуфт, ки дар забони эронии куҳан калимаи **hāmîna** маънои *мавсими тобистон*-ро дошта, решааш **ham** *тобистон* аст. Дар даврони баъдии инкишофи забони тоҷикӣ он тадриҷан аз истифода хориҷ гардида, муодили он дар забони англисӣ дар шакли **summer** (англисии куҳан: **sumor**) ба ҳамон маъно то ҳол истифода мегардад. Сарчашмаи **ҳамин**-и тоҷикӣ ва **summer**-и англисӣ **sem**-и забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ аст [102, с. 128].

Иттилооти зикршуда нишон дод, ки дар ин гурӯҳи луғатҳо тасҳифу тағйир ва таъсири забонҳои хешу бегона бештар аён аст. Анқариб ҳамаи Ҳ-ҳои дар ин фасл баррасишуда бо таъсири забонҳои гуногун тағйироти қонуниву ғайриқонунии табдилу азбайнравӣ ва инкишофро аз сар нагузаронидаанд ва теъдоде аз онҳо ба ҷойи вожаҳои бегона корбаст шудаанд.

## 1.7. Ҳузворишҳои марбут ба мафҳумҳои маънӣ

Теъдоде аз вожаҳои мансуб ба «З»-у «П», ки дар «БҚ» сабт шудаанд, барои ифодаи мафҳумҳои маънӣ ба кор рафтаанд. Дар хусуси исмҳои маънӣ (абстракт) дар бархе китобҳои дарсии мактабҳои олӣ оварда шудааст, ки чунин воҳидҳои луғавӣ «мафҳумҳои амал, аломат ва ҳолатро мефаҳмонанд» [64, с. 105]. Ин гурӯҳи калимаҳо нисбат ба дигар навъи луғатҳо миқдоран бештар мебошанд ва аксар барои ифодаи мафҳумҳои марбут ба оину ниёиш ва тафаккуру андеша истифода шудаанд.

Омӯзиш нишон дод, ки Ҳ-ҳои зерини марбут ба мафҳумҳои маънӣ дар «БҚ» сабт шудаанд: ***андоча, потипрос, пайтом, ҷӯҷин, заматро, сиргуто, сиргутон, субаро, кайшманд, гадмин, вожа, виҷориш, вандо, овушт, ҳирнез, ҳеб, шузу***.

Яке аз Ҳ-ҳои марбут ба мафҳуми маънӣ, ки мафҳуми *мукофоти некию бади*ро ифода карда, маъмулан дар ҳукмҳои динӣ истифода мешавад, воҳиди луғавии **потипрос** аст. Ин Ҳ дар «БҚ» ба таври зайл тафсир гардидааст: **«Потипрос پاتپراس** - ба луғати «Занд»-у «Позанд» *ҷазо* ва *мукофоти бади*ро гӯянд» [5, ҷ. 1, с. 211].

М. Муин ин воҳиди луғавиро бо вожаи **бодафроҳ** ҳамреша медонад. Тибқи иттилои ӯ, ин вожа аз калимаи паҳлавии **pâtifrâs** ба маънои *подош* аст, ки вожаи мураккаб аз решаҳои **pâti** ва **frâsa** мебошад, аммо номбурда ба Ҳ буданаш ишорае накардааст [ниг. 28, ҷ. 1, с. 206].

А.Деҳхудо ҳам дар зикри ин вожа шарҳи «БҚ»-ро такрор намуда, дар зимн таъкид кардааст, ки асли паҳлавии ин калима **потифрос** (پاتصفراس) ва муодили авестоии он **paitiy-frasa** ва дар порсии бостон **paitiy-pras** аст, ки дар форсӣ **бодофароҳ** ва **бодофараҳ** гуфта мешавад. Бинобар ин, луғати манқул дар «БҚ» (**потипрос**) паҳлавӣ аст, на «Занд» [30, ҷ. 4, с. 5354].

С. Урён ҳам дар овонавишт ин вожаро ба гунаи **pādifrāh** нишон додааст. Бино бар таъкиди ӯ, ин вожа дар форсии миёна ба гунаи **pʾdyprʾh**, дар портии монавӣ – **pʾdyprʾs** баргирифта аз авестоии **paiti / patiy + fras**,

дар порсии бостон – **fraϑ**, дар санскрит – **prás**, дар матни «П» ба шакли **pātaprās** дучор омадааст [44, с. 262; 15, с. 84].

Маълумоти зикргардида баёнгари он аст, ки воҳиди луғавии **потипрос** вожаи аслии тоҷикӣ буда, дар форсии муосир ба гунаи **бодафроҳ** мустаъмал аст. Шаклҳои дар забонҳои куҳани тоҷикӣ дучоромадаи вожаи мазкур аз лиҳози инкишофи қонунии овозҳои таркиби калимаҳо бо вожаи **бодафроҳ** мутобиқат мекунад.

Воҳиди луғавии **кайшманд** дар «БҚ» чунин шарҳ ёфтааст: **«Кайшманд کیشمند** - бар вазни **равшманд;** ба маънои *ҷабборӣ* ва *қаҳҳорӣ* бошад ба луғати «Занд»-у Авесто» [5, ҷ. 2, с. 422].

А.Деҳхудо бо такя ба «НА» ин воҳиди луғавиро ба маънои *мутадаййин ва диндор*; *пайғамбар* шарҳ додааст, вале ба Ҳ будани он ишорае надорад [30, ҷ. 12, с. 18830].

Бо такя ба маънои вожа дар сарчашмаҳо ва дар Ф-ҳои дигар ҳамчун Ҳ ишора нашудани он метавон ҳадс зад, ки ин моддаи луғавӣ Ҳ набуда, вожаи сохта аз ҷузъи **кайш** (кеш) ва пасванди -**манд** маҳсуб меёбад ва шакли аз ҷиҳати овӣ фарқкунандаи вожаи **кешманд** мебошад.

Ҳ-и дигар **ҳовушт** аст: **«Ҳовушт هاوشت** - ба маънои *ҳовуш* бошад, ки *уммати пайғамбар* аст; ва тарҷумаи мутааллиқ ҳам ҳаст ба луғати «Занд»-у «Позанд» [5, ҷ. 3, с. 185].

А. Деҳхудо дар шарҳи ин воҳиди луғавӣ овардааст, ки «дар паҳлавӣ **hawisht** ба маънои *муғ* (руҳонии зардуштӣ), *муъбад*; *шогирд*; *руҳонии ҷавон* (зардуштӣ), ки дар маросими динӣ ба қурбоникунанда ёрӣ кунад. Дар Авесто **havishta** омада, ки дар Ф-ҳои форсӣ ҷузви луғати «Занд»-у «Позанд» забт шуда, ба маънои *уммат* гирифтаанд» [30, ҷ. 15, с. 23370].

Вожаи дигар **андоча** аст: **«Андоча انداچه** - бар вазни **дарёча;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *фикр* ва *андеша*ро гӯянд» [5, ҷ. 1, с. 117].

А.Деҳхудо ҳам бо такя ба «БҚ», «А», «НА» ва «О» вожаи мазкурро ҳамин гуна шарҳ додааст, вале ба Ҳ будани он ишорае накардааст [30, ҷ. 3, с. 3490].

М. Муин дар ҳошияи «БҚ» бо такя ба маълумоти Нюберг ин вожаро аз **handâcak** ба маънои *андохтан* сабт кардааст [ниг. 28, ч. 1, с. 169].

Ин воҳиди луғавӣ дар «ВП(«П»)» мушоҳида нашуд ва аз он ки мушобеҳи вожаи **андеша** асту дар М. Муин ҳам шарҳи М. Бурҳонро ҷонибдорӣ накардааст, мо ин вожаро ба гурӯҳи шибҳиҳузворишҳо (псевдоидеограммаҳо) мансуб медонем.

Воҳиди луғавии **пайтом** дар «БҚ» ба таври зайл шарҳ ёфтааст: **«Пайтом** پیتام - бар вазн ва маънои ***пайғом*** аст, ба луғати «Занд»-у «Позанд» [5, ч. 1, с. 255].

С. Урён ҳарфнавишти ин вожаро ба гунаи **pgtʾm** ва овонавишт дар шакли **paygām** нишон додааст. Ҳамчунин, дучор омадани ин вожа дар забони форсии миёна ба гунаи **pygʾm**, портии монавӣ дар шакли **pdgʾm** ба маънои *хабар* баргирифта аз вожаи **paitiyām** аст. Инчунин ба ҳайси вомвожа дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **pitgām**, оромии бостон – **pityāmā**, сурёнӣ – **peṭgom** дучор омадани ин воҳиди луғавӣ низ қайд гардидааст. Вожаи мазкур дар забони оромии китоби муқаддас ва матни «П» дар шакли **pait(ɗ)ąm** зикр ёфта, ба гунаҳои **pətam, pitąm, paigąm, paēgąm, piyąm** хонда шудааст [44, с. 239]. М. Муин аз вожаи паҳлавии **paitâm** будани ин воҳиди луғавиро таъкид кардааст [ниг. 28, ч. 1, с. 436].

Бо назардошти маълумоти боло метавон натиҷа гирифт, ки ин вожа Ҳ-и оромиасл набуда, вомвожаи ҳиндуаврупоии ба гурӯҳи забонҳои сомӣ воридшуда аст.

Ҳ-и **заматро** чунин эзоҳ ёфтааст: «**Заматро** زمترا - бар вазни **фалаксо**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *тамасхур* ва *ришханд* бошад» [5, ч. 2, с. 103].

А.Деҳхудо ҳам бо ишора ба Ф-ҳои «БҚ», «О» ва «НА» шарҳи фавқро мукаррар овардааст [30, ч. 9, с. 12914]. Воҳиди луғавии мазкур аз ҷониби Ҳ. Амид ба маънои *тамасхур* шарҳ гардида, ин муҳаққиқон ба Ҳ буданаш ишорае накардаанд [26, ч. 2, 1319].

Дигар воҳиди луғавии марбут ба мафҳуми маънӣ, ки маънои *қарз*-ро ифода кардааст, **зупа** мебошад. Зикри ин вожа дар «БҚ» ба тариқи зайл аст: **«Зупа** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *қарз* бошад ва ба арабӣ **дайн** хонанд» [5, ҷ. 2, с. 210].

С. Урён ҳарфнавишти вожаро ба тариқи **ZWP(M)E** нишон дода таъкид кардааст, ки «ин ҳузвориш ва низ ҳузвориши **ZBA** ба маънои «нома» ҳар ду дорои ваҷҳи иштиқоқи муштараканд, лизо Нюберг ин ҳар дуро «вом» маънӣ кардааст» [44, с. 259].

Тибқи иттилои ҳамин муҳаққиқ, ин Ҳ дар матни «П» ба гунаи **zaŏpmənam** мазкур аст.

Ҳ-и **сиргуто** ва гунаи он **сиргутон** ҳам барои ифодаи мафҳуми маънӣ ба кор рафтааст. Муаллифи «БҚ» Ҳ-и мазкурро ба таври зайл эзоҳ додааст: **«Сиргуто//сиргутон سرگوتا//سرگوتان** ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *роз* бошад, ки сухани махфист; ва ба фатҳи аввал (яъне **саргуто//саргутон**) ҳам ба назар омадааст; ва ба маънои *доре, ки дуздонро аз ҳалқ овезанд*» [5, ҷ. 2, с. 153]. М. Муин овонавишти ин вожаро ба гунаи **s(a)rkōtā** нишон дода, дар паҳлавӣ ба гунаи **rōz** истифода шудани онро таъкид кардааст [ниг. 28, ҷ. 2, с. 1127].

**Субаро** низ дар қатори моддаҳои луғавии марбут ба мафҳуми маънӣ қарор дорад: **«Субаро سوبرا** - ба луғати «Занд»-у «Позанд» *умед* ва *умедворӣ* бошад» [5, ҷ. 2, с. 180].

А.Деҳхудо низ ба Ҳ будани ин моддаи луғавӣ ишора карда, эзоҳи М. Бурҳонро такрор кардааст [30, ҷ. 9, с. 13823].

Бино бар маълумоти С. Урён, ин вожа дар овонавишти паҳлавӣ ба гунаи **ummēd** ва дар ҳарфнавишт ба шакли **SWBLA** сабт шудааст. Дар забонҳои оромии яҳудӣ, сурёнӣ, мондоӣ, оромии китоби муқаддас, бобулӣ вожаи мазкур ба гунаи **sab̠rā** дучор омада, дар позанднависӣ дар шакли **sōbrā** зикр ёфтааст [44, с. 462].

Воҳиди луғавии **гадмин** дар «БҚ» бо ишора ба луғати «З»-у «П» ба маънои *нур, рӯшноии маънавӣ* шарҳ гардидааст [5, ҷ. 3, с. 9].

А.Деҳхудо ҳам ин маъниро такрор кардааст [30, ҷ. 12, с. 18980].

М. Бурҳон дар шарҳи вожаи **виҷориш** менависад: **«Виҷориш وجارش -** бар вазни **сифориш**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *гудозиш* ва *коҳидан* ва *заиф* ва *лоғар шудан* бошад» [5, ҷ. 3, с. 180].

А.Деҳхудо ҳам дар шарҳи ин вожа нақли «БҚ»-ро такрор карда, ба унвони сарчашма Ф-ҳои «БҚ», «О» ва «НА»-ро нишон додааст [30, ҷ. 15, с. 23126].

Дар «БҚ» моддаи луғавии **вандо** низ дар қатори вожаҳои ифодакунандаи мафҳуми маънии мансуб ба «З»-у «П» сабт шудааст. Чунончи: **«Вандо وندا -** бар вазни **амдо**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *хоҳиш* ва *хоста* бошад» [5, ҷ. 3, с. 180].

Тибқи иттилои А.Деҳхудо, ба ҷуз «БҚ» боз муаллифони Ф-ҳои «О» ва «А» ҳам вожаи мавриди назарро ба тариқи фавқ шарҳ додаанд [30, ҷ. 15, с. 23250].

Дигар аз воҳиди луғавии ифодакунандаи мафҳуми маънӣ **ҳирнез** аст: **«Ҳирнез هرنيز** - бар вазни **миҳмез**; ба маънои *таайюн* ва *чизе ба худ супурдан* бошад ва **ҳирнезманд** *соҳибтаайюнро* гӯянд ба луғати «Занд»-у «Позанд» ва ба маънои *таъин* ва *қарор додан* ҳам ҳаст…» [5, ҷ. 3, с. 189].

Дар «Л»-и А.Деҳхудо ҳам ҳамин шарҳ мазкур аст [30, ҷ. 15, с. 23456].

Воҳиди луғавии **ҳеб** ҳам дар «БҚ» аз исмҳои маънии марбут ба «З»-у «П» буда, ба маънои *оқибати кор* пиндошта шудааст [5, ҷ. 3, с. 208].

Дар «Л»-и А.Деҳхудо низ ҳамин маънӣ ишора шуда, зимнан, ба маънои *тарсидан* истифода гардидани вожаи мазкур тазаккур ёфтааст [30, ҷ. 15, с. 23598].

**Шузу (شزو)** аз воҳидҳои луғавии дигари мансуб ба исми маънист, ки ба луғати «З»-у «П» маънои *гуноҳкор* ва *муҷримро* ифода кардааст [5, ҷ. 3, с. 222].

А.Деҳхудо ин вожаро бо такя ба «НА» ба маънои *гунаҳкору базаҳкору осӣ* шарҳ додааст [30, ҷ. 9, с. 14260].

Бо сабаби дар зери дастамон мавҷуд будани ахбори хеле ночиз ва пароканда дар бораи Ҳ будан ё набудани чанд воҳиди луғавии фавқ ба таври возеҳу равшан нуктаеро афзудан душвор аст.

## 1.8. Ҳузворишҳои марбут ба дину оин

Омӯзиш нишон дод, ки вожаҳои зерини марбут ба оини зардуштӣ ва Ҳ-ҳои марбут ба оину мафҳумҳои ба он вобаста дар «БҚ» зикр шудаанд: **дарун**, **дастур**, **Дайбамеҳр**, **шӯлман**, **насиман**, **мадунеҳ**, **яштан**, **Яҳон**.

Воҳидҳои луғавии мазкур ба ду даста ҷудо карда шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба гурӯҳи якум **шӯлман**, **насиман**, **мадунеҳ**, **яштан**, **Яҳон** дохил карда шуданд ва ба гурӯҳи дуюм вожаҳои **дарун**, **дастур**, **Дайбамеҳр** мансубанд.

***Гурӯҳи аввал.*** Воҳиди луғавии **шӯлман** аз гурӯҳи калимаҳоест, ки ба ҳайси Ҳ танҳо як маънoро ифода кардааст. М. Бурҳон дар шарҳи он чунин менависад: **«Шӯлман شولمن** бар вазни **кӯҳкан**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *дӯзах* бошад, ки дар баробари биҳишт аст» [5, ч. 2, с. 238]. М. Муин низ ба Ҳ будани ин моддаи луғавӣ ишора карда, ҳарфнавишти онро ба гунаи **sholmn** ва овонавишти паҳлавияшро ба шакли **dōzhaxv** зикр кардааст [ниг. 28, ч. 3, с. 1311], аммо Д. Саймиддинов овонавишти паҳлавии ин вожаро ба гунаи **dōzaxw** овардааст [15, с. 68]. Ҳарфнавишти ин Ҳ ҳам, ки аз ҷониби Д. Саймиддинов ишора шудааст, аз ахбори дар «ВП(«П»)» зикркардаи С. Урён андак тафовут дорад. Дар «ФҲП»-и Д. Саймиддинов дар ҳарфнавишт ба гунаи **Š'LH** сабт шудани Ҳ-и мазкур таъкид шудааст [15, с. 68].

Дар «ВП(«П»)»-и С. Урён ҳарфнавишти ин Ҳ ба гунаи **ŠWLE** сабт шуда, он дар овонавишт дар шакли **dušux** тазаккур ёфтааст. Ҳамчунин таъкид шудааст, ки ин воҳиди луғавӣ дар забони ибрӣ ба гунаҳои **šāōl**, **šˀol**, **šˀl** истифода шуда, решааш номаълум аст ва дар забони оромии бостон ба гунаи **šˀol**, дар ошурӣ – **šu-alu**, дар сурёнӣ – **šyōl** ва дар матни «П» – **šaōllnman** сабт шудааст [44, с. 59]. Зикраш бамаврид аст, ки ба чанд гуна оварда шудани овонавишт ва ҳарфнавишти ин Ҳ ба дастнависҳои гуногуни «Фарҳанги паҳлавик» ва дастурҳои овонависиву ҳарфнависӣ вобаста мебошад.

Ҳ-и **насиман** дар «БҚ» чунин зикр шудааст: **«Насиман نسیمن** – бар вазни **расидан**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» *ибодат* ва *намоз кардан*ро гӯянд» [5, ч. 3, с. 139].

М. Муин дар овонавишт ин вожаро ба гунаи **nasîm(an)** зикр карда, ба Ҳ будани он ишора кардааст [ниг. 28, ч. 4, с. 2142].

А. Каримов Ҳ-и мазкурро дар ҳарфнавишт ба гунаи **ŠGDH** ва дар овонавишт ба шакли **namaz** нишон додааст [7, с. 14].

Д. Саймиддинов воҳиди луғавии мазкурро дар ҳарфнавишт ба гунаи **'SGDH** зикр карда, овонавишти паҳлавии онро дар шакли **namāz** нишон додааст [15, с. 65].

Дар зикри ҳарфнавишти ин Ҳ ҳам дар тадқиқоти С. Урён ва Д. Саймиддинов тафовути андаки овоӣ ба назар мерасад.

Дар «ВП(«П»)» ҳарфнавишти вожа ба гунаи **OSGDE** ва овонавишти паҳлавии он дар шакли **namāz** мазкур аст. Инчунин, тибқи иттилои ҳамин сарчашма, Ҳ-и **насиман** дар забони ибрӣ ба гунаи **sāgad**, дар забони оромии бостон – **SGD**, **sgidā**, дар сурёнӣ – **s**ᵊ**gēd**, дар набатӣ, оромии императорӣ, оромии китоби муқаддас ва оромии яҳудӣ – ᵓᾱ**sgādeh** сабт шудааст. Дар матни «П» ин вожа ба гунаи **naskadiman** зикр шуда, он ба гунаҳои **nasîm(an), sāydman, naskadman, naskidiman, nadiman, n(a)sāid(a)n** хонда шудааст [44, с. 309]. Гунаҳои мутафовити овонавишт ва ҳарфнавишти ин Ҳ низ шояд ба тафовути меъёри дастурҳои таърихии забоншиносӣ марбут бошад.

**Мадунеҳ** низ дар «БҚ» барои ифодаи мафҳуми марбут ба дин истифода шудааст: **«Мадунеҳ مدونه** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *мину*ро гӯянд, ки биҳишт бошад ва ба арабӣ **ҷаннат** хонанд» [5, ч. 3, с. 86].

М. Муин ба Ҳ будани ин моддаи луғавӣ ишора карда, овонавишти онро ба гунаҳои **madaōnd, madaonad, m(a)dōnat** нишон додааст [ниг. 28, ч. 4, с. 1977].

Д. Саймиддинов ин моддаи луғавиро дар ҳарфнавишт ба гунаи **mybwd** ва дар овонавишт ба шакли **mēnōg** зикр кардааст [15, с. 81]. Дар

тадқиқи С. Урён дар ҳарфнавишт ин Ҳ ба гунаи **mybwk̲** ва дар овонавишт ба гунае, ки Д. Саймиддинов нишон додааст (**mēnōg**), сабт шудааст [44, с. 34-35]. Тибқи иттилои ҳамин сарчашма, воҳиди луғавии мазкур дар забон-асоси ҳиндуаврупоии оғозин ба гунаи **men** зикр шуда, дар санскрит – **mén,** дар форсии бостон – **man**, дар авестоӣ – **manyav, mainyav** аз решаи **man**, дар лотинӣ – **menin**, дар порсии миёна – **mainyava-ka** > **menōg** ва дар матни «П» – **madōd** сабт шуда, он дар овонавишт ба гунаҳои **madaōnd, m(a)dōnat, minō, mainu, madōnad** хонда шудааст [44, с. 35].

Агар чунин бошад, пас пиндори муаллифи «БҚ» дар мавриди Ҳ будани ин воҳиди луғавӣ зери шубҳа қарор мегирад.

Ҳ-и **яштан** низ аз гурӯҳи воҳидҳои луғавии марбут ба дину оин аст. М. Бурҳон дар шарҳи он чунин овардааст: **«Яштан یشتن** – бар вазни **гаштан**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» *замзама кардан* ва *чизе хондан бар таом*. Ва он ибодатест муғонро дар вақти таом хӯрдан» [5, ч. 3, с. 215].

Д. Саймиддинов ҳарфнавишти паҳлавии ин вожаро дар шакли **YZBHWN-tn** нишон дода, дар овонавишт ба гунаи **yaštan** зикр кардааст [15, с. 70].

Тибқи иттилои С. Урён, ҳарфнавишти паҳлавии ин Ҳ **YDBHWN** буда, дар овонавишт **yaštan** аст. Бино бар иттилои ҳамин муҳаққиқ, Ҳ-и мазкур дар санскрит ба гунаи **yaj ati**, дар авестоӣ – **yaz**, дар порсии бостон – **yad**, дар портии монавӣ – **yštn**, дар паҳлавӣ – **yštn'** ва дар катибаи паҳлавӣ – **YDBHWN-tn** зикр шудааст. Дар матни «П» воҳиди луғавии мазкур ба гунаи **yaštan** сабт гардидааст [44, с. 307].

Бино бар таъкиди М. Муин, вожаи **яштан**, ки дар «БҚ» зикр шудааст, аз решаи авестоии **yaz** ба маънои *фидя овардан, нисор кардан, ибодат намудан, ситоидан, парастидан* мебошад [ниг. 28, ч. 4, с. 2435].

**Яҳон** воҳиди луғавии дигари марбут ба дину оин аст. Ин вожа дар «БҚ» чунин сабт шудааст: **«Яҳон یهان** – бар вазни **даҳон**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *Яздон* аст, ки яке аз номҳои Худои таоло бошад, …» [5, ч. 3, с. 221].

Бино бар иттилои М. Муин, ин вожа «қироатест нобаҷо аз расмулхати паҳлавӣ, ки ҳамон **yazatān** (Яздон) аст ва қубало онро Ҳ пиндошта, **yehan** мехонданд» [ниг. 28, ҷ. 4, с. 2460].

С. Урён низ дар мавриди вожаи *Эзид* зикр кардааст, ки он аз решаи **iaĝ**-и забон-асоси ҳиндуаврупоӣ буда, дар санскрит ба гунаи **yajatá**, дар авестоӣ – **yazata** аз решаи **yaz** ба маънои *ситоиш кардан*, дар катибаи паҳлавӣ – **yzdˀn** ва дар матни «П» – **jātan** зикр шудааст [44, с. 33].

Аз маълумоти боло аён аст, ки дар хониши Ҳ-и мазкур ғалат рафта, дар «БҚ» ба гунаи **яҳон** сабт шудааст. Шояд бар асари бадхонии матни дастнависҳо ва ё таъсири забонҳои гуногун ё ин ки дар вақти китобат чунин ҳолат рух дода бошад.

Аз чунин қайдҳо бармеояд, ки муаллифи «БҚ» баъзе калимаҳои аз забони авестоӣ ба тоҷикӣ иқтибосшударо низ Ҳ ба шумор овардааст.

***Гурӯҳи дуюм.*** Калимаи **дарун** яке аз вожаҳои сермаъноест, ки дар радифи дигар маъноҳо ҳамчун воҳиди луғавии баёнгари дуову ниёишот ташреҳ шудааст. М. Бурҳон дар шарҳи ин вожа чунин менависад: **«Дарун درون** – ба маънои *андарун* бошад; ва номи шаҳрест дар Хуросон мобайни Марв ва Нисо, ки онҳо низ ду шаҳранд; ва ба замми авввал (яъне **дурун**) паймонаи ғалларо гӯянд; ва дуое бошад, ки муғон дар ситоиши Худои таоло ва Озар хонанд ва бар хӯрданиҳо бидаманд ва баъд аз он бихӯранд; ва ҳар чиз, ки бар он дурун хонда ва дамида бошанд, гӯянд яшта шуда; ва ҳар чизи нахонда бошанд, нояшта, яъне нохонда, чи яштан (бо таҳтонӣ ва шини қарашат ва фавқонӣ) ба маънои *хондан* бошад ба забони «Занд»-у «Позанд» [5, ҷ. 2, с. 19].

Чунонки мушоҳида шуд, ин вожа дорои маънои зиёд буда, танҳо ба маънои *дуову ниёиш* Ҳ ба шумор омадааст. Пас, бояд дар назар гирифт, ки Ҳ-и оромии **дарун** (**drun**) бо вожаи **дарун**-и имрӯз истифодашаванда ҳамреша нест, зеро вожаи **дарун** аз решаи **andar**, **andarūn**-и забон-асоси ҳиндуаврупоӣ буда, дар авестоӣ ба гунаҳои **antar**, **antarō**, дар порсии

бостон – **antar** ва дар паҳлавӣ – **andar, andarag** истифода шудааст ва ҳеч як аз ин вожаҳо аз ҷиҳати тағйиру табдили овоз бо Ҳ-и **drūn** мувофиқ нест.

**Дайбамеҳр** низ аз гурӯҳи вожаҳои сермаънои марбут ба оини зардуштист: «**Дайбамеҳр** دیبمهر – номест аз номҳои илоҳӣ; ва номи фириштаест; ва номи рӯзи понздаҳум бувад аз ҳар моҳи шамсӣ. Ва муғон ин рӯзро аз моҳи дай муборак донанд ва ҷашн кунанд ва ид созанд. Ва сурате аз гил ва аз хамир нон бисозанд ва дар роҳгузар ниҳанд ва таъзим кунанд, чунонки мулук ва салотинро мекунанд. Ва баъд аз он бисӯзонанд. Ва фитоми Фиредун дар ин рӯз буда, яъне дар ин рӯз аз шир боз шуда ва дар ин рӯз ба гов нишаста. Ва Зардушт дар ин рӯз аз Эрон берун рафт» [5, ҷ. 2, с. 51].

Дар хусуси воқеан Ҳ будану набудани вожаи мавриди таҳлил мо иттилое пайдо накардем.

Баррасии масъалаи мазкур нишон дод, ки дар андешаронии муаллифи «БҚ» дар мавриди Ҳ-ҳо се ҳолат мушоҳида мешавад: 1) як ҳиссаи вожаҳои ба қатори Ҳ дохилкардаи ӯ воқеияти илмӣ надоранд; 2) чанде аз унсурҳои луғавии аз ҷониби М. Бурҳон Ҳ ҳисобёфта дар асл вожаҳои авестоии ба забони тоҷикӣ иқтибосшудаанд; 3) ҳиссае аз ин гуна вожаҳо дар асл Ҳ нестанд.

### Хулосаи боби якум

Бо назардошти гуфтаҳои боло метавон таъкид кард, ки аксари Ҳ-ҳои ифодакунандаи аломату хусусият дар «БҚ» барои ифодаи хислату сифати инсон истифода шудаанд.

Баъзе Ҳ-ҳои баррасишуда аз лиҳози шаклу маъно бо вожаҳои аслии тоҷикӣ, ки решаашон ба забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ мерасад, қаробат дошта, шояд бар асари тасҳиф ба гурӯҳи Ҳ-ҳо шомил шуда бошанд.

Ҳангоми муқоиса аён гардид, ки қисми асосии вожаҳои дар ин бахш матраҳшуда бо унсурҳои луғавии аслии тоҷикӣ қаробати шаклӣ надоранд.

Муаллифи «БҚ» иддае аз вожаҳоро бо яке аз шаклҳояшон Ҳ ҳисобидааст.

Соҳибони Ф-ҳои куҳану нав, аз ҷумла муаллифи «БҚ», дар бораи баъзе Ҳ-ҳо ахбори фаровон овардаанд, вале дар нисбати дигар маълумоти иҷмолӣ зикр кардаанд.

Дар мавридҳои алоҳида байни андешаи муаллифи «БҚ», аз як тараф, ва пиндори муаллифони дигари луғатномаҳо зиддият ба мушоҳида мерасад. Мо бо сабаби ба масъалаи шинохти Ҳ бештар ворид будани муаллифи «БҚ» дар ин масъала ҳақ будани ӯро ҷонибдорӣ мекунем.

Дар мавриди ҳамчун Ҳ нақш доштани бархе унсурҳои луғавии ин гурӯҳ низ М. Бурҳон роҳи иштибоҳро пеш гирифтааст, яъне ӯ гунаи бостонии иддае аз вожаҳоро Ҳ пиндоштааст.

Ҳ-ҳои ифодакунандаи амалу ҳолат, ки дар «БҚ» зикр гардидаанд, ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз лиҳози вижагиҳои забоншиносӣ бисёр муҳимманд, зеро бо тадқиқи ин масъала таърихи пурпечутоби корбасти унсурҳои тасрифии феъл ва мавридҳои иқтибосу вомгирии вожаҳоро муайян кардан имкон дорад.

Исмҳои маънии дар ин боб баррасишуда дарбаргирандаи соҳаҳои гуногуни ҳаёт мебошанд. Бояд дар назар гирифт, ки чанде аз ин воҳидҳои луғавӣ дар сарчашмаҳои марбут ба шинохти Ҳ-ҳо ба мушоҳида нарасид. Маълумоте низ мавҷуд аст, ки барои ифодаи баъзе аз ин мафоҳим дар луғатномаҳои Ҳ-ӣ Ҳ-ҳои дигар зикр шудаанд. Ба ҳар ҳол, тадқиқи ин вожаҳо муайянсозандаи ғановати луғавии забон буда, дорои аҳаммияти вижа дар илми забоншиносӣ мебошад.

Таҳлил ва қиёси гурӯҳҳои маъноии Ҳ-ҳои дар «БҚ» дарҷёфта нишон дод, ки дар байни онҳо теъдоди бештарро Ҳ-ҳои мансуб ба феъл дар бар гирифтаанд.

Муаллифи «БҚ» дар мавридҳои алоҳида дар зикри гунаи саҳеҳи бархе аз Ҳ-ҳо ба ғалатнависӣ роҳ додааст.

Ҳ-ҳои марбут ба феъл дар «БҚ» қайдшуда аз лиҳози хусусиятҳои маъно ба феълҳои самтҳои ҳаракат ва ҳолати инсонро ифодакунанда ҷудо шуда, аз ҷиҳати шаклашон ба гурӯҳҳои тасрифӣ ва ғайритасрифӣ ҷудо мешаванд.

Баъзе унсурҳои луғавии дар «БҚ» ҳамчун Ҳ шарҳёфта ва дар чанд забони ҷаҳон мустаъмал дар асл ба ин гурӯҳи калимаҳо мансуб набуда, вожаҳое мебошанд, ки решаи ҳиндуаврупоӣ дошта, дар даврони мухталиф ба таркиби луғавии соири забонҳои дунё интиқол ёфтаанд.

# БОБИ II
# ГУРӮҲҲОИ МАВЗУӢ ВА ВОЖАГОНӢ-МАЪНОИИ ҲУЗВОРИШҲО

Иддае аз вожаҳои забони тоҷикӣ маънои махсуси ягон соҳаро ифода кардаанд, ки дар забоншиносӣ ба номи «истилоҳ» (термин) ёд мешаванд. Истилоҳот воҳидҳои луғавие мебошанд, ки махсуси соҳаи муайян буда, аз лиҳози маъно ва мавқеи истифода аз вожаҳои маъмулӣ тафовут доранд.

Муаллифони «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ» дар мавриди воҳиди луғавии **истилоҳ** чунин навиштаанд: «Истилоҳ (ар.) калима ё ибораест, ки мафҳумҳои ба илм, техника ё санъат вобастаро ифода мекунад. Тафовути истилоҳ аз калимаҳои умумиистеъмолӣ, ки маъмулан сермаъно мешаванд, ин аст, ки он чун қоида марбути як маъност ва хусусияти эҳсосотию экспрессивӣ надорад. Истилоҳ маъмулан шомили ин ё он соҳаи мушаххас аст …» [4, с. 145].

Дар «БҚ» низ теъдоде аз вожаҳо, хосса Ҳ-ҳо, ҳамчун истилоҳ марбут ба соҳаҳои муайяни илм мебошанд. Ин гурӯҳи Ҳ-ҳо ба мафҳумҳои ифодакунандаи номи ҳайвоноту парандагон, гулу гиёҳу дарахтон, ҷойвожаҳо, номи китоб ва дину оин рабт доранд.

Дар забоншиносии тоҷик навиштаҳои илмии марбут ба истилоҳу истилоҳшиносӣ ва таҳқиқи вожаҳои марбут ба набототу ҳайвонот, мафҳумҳои марбут ба дину оин зиёданд, аммо омӯзиши хусусиятҳои Ҳ-ҳои марбут ба мафҳумҳои зикршуда аз мадди назар дур мондааст. Метавон гуфт, ки, дар маҷмуъ, оид ба Ҳ-ҳо дар забоншиносии тоҷик пажуҳиши фарогир сурат нагирифтааст.

Бо назардошти ин ва дигар вижагиҳои унсурҳои луғавии баррасишаванда лозим дониста шуд, ки чунин гурӯҳи вожаҳо дар боби алоҳида мавриди таҳлил қарор гиранд.

## 2.1. Ҳузворишҳои марбут ба номи ҳайвоноту парандагон ва хазандагон

Дар «БҚ» зоонимҳо мавқеи муҳим доранд ва гурӯҳи назарраси лексикаи луғатномаро ташкил додаанд. Дар Ф-и мавриди омӯзиш 20 Ҳ мавҷуд аст, ки номи ҳайвонот ва мафҳумҳои ба он марбутро ифода кардаанд. Ҳ-ҳои дар ин бахш баррасишаванда номи чаҳорпоёни хонагӣ, кӯҳӣ, даранда, паранда ва хазандагонро фаро гирифтаанд. Аз лиҳози теъдод Ҳ-ҳои марбут ба чаҳорпоёни хонагӣ имтиёз доранд.

Гӯсфанд аз ҷумлаи ҳайвоноти маъмул буда, аксари мардум ба парвариши он дар хона машғул буданду ҳастанд. Аз ин ҷост, ки истифодаи вожаи **гӯсфанд** ё **гӯспанд** дар забони тоҷикӣ истифодаи дерин дорад. Ин вожа дар забони авестоӣ ба шакли **gauspənta** гардиш дошта, дар паҳлавӣ ба гунаи **gwspndy** ва имрӯз шакли **гӯсфанд**-ро (**gōspand**) гирифтааст [44, с. 112].

Бояд гуфт, ки дар баъзе маврид ду ё зиёда Ҳ-и дар «БҚ» тазаккурёфта дар баёни як мафҳум ба кор рафтаанд, ки вижагиҳои чунин моддаҳои луғавӣ дар фасли муродифот матраҳ хоҳад шуд. Барои ифодаи мафҳуми *гӯсфанд* низ дар «БҚ» ду Ҳ: **килё** ва **гуна** истифода гардидааст. Ҳ-и ***килё*** дар забони оромӣ ҳамин маъниро ифода кардааст. Ҳамчунин он ба маънои ***шихор*** **(қалё)**, ки аксар аз ҷониби собунпазон истифода мегардад, шарҳ гардидааст.

М. Бурҳон ин воҳиди луғавиро ба ҳайси Ҳ ба маънои *гӯсфанд* шарҳ додааст [5, ҷ. 2, с. 394]. Ин вожа аз Ҳ-и **KLYA** буда, дар матнҳои позанднависӣ ба гунаи **karӯa** мазкур аст [44, с. 111-112].

Ҳ-и дигари ифодагари номи гӯсфанд **гуно** аст. Муаллифи фарҳанг дар шарҳи он чунин навиштааст: **«Гуно** – ба маънои *гуна* ва *ранг* ва *рангоранг* аст; ва *ғозае, ки занон ба рӯй моланд*; ва ба маънои *тарз ва равиш ва қоида ва қонун ва сифат* ҳам омадааст; ва ба луғати «Занд»-у «Позанд» *бача* ва *барраи гӯсфандон*ро гӯянд» [5, ҷ. 3, с. 44]. Шоистаи зикр аст, ки вожаи **гуна** имрӯз низ дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои *ҳарранга* дар таркиби

вожаи мураккаби **рангоранг** ва ба маънои *тарзу равиш* мустаъмал аст, аммо ҳамчун Ҳ, ки барраи гӯсфандро ифода кунад, танҳо дар «БҚ» зикр шудааст. Муҳаққиқ А. Каримов ҳарфнавишти ин Ҳ-ро ба гунаи **GDLLN** нишон додааст [7, с. 10].

Ҳ-и дигари марбут ба ҳайвони хонагӣ вожаи **рамаго** аст. Ин моддаи луғавӣ ҳамчун Ҳ барои ифодаи *аспи модиён* ба кор рафтааст [5, ч. 2, с. 73]. Дар «Фарҳанги форсии Амид» низ ба ин маънӣ омада, бо ихтисори садоноки «а»-и ҳиҷои дуюм ба гунаи **рамго** зикр шудааст [26, ч. 2, с. 1251-1252]. А.Деҳхудо ҳам бо ишора ба «БҚ» ва «О» ба ҳамин маънӣ ишора кардааст [30, ч. 8, с. 12261]. С. Урён ин вожаро аз Ҳ-и **LMKA** ҳисобида, бар он назар аст, ки «ин вожа, эҳтимолан, дар тамоми забонҳои сомӣ дохил аст ва бояд бо вожаи форсии миёна: **ram, rama** мутобиқ бошад». Зикр мешавад, ки ин Ҳ дар арабӣ ба гунаи **r<sup>ᵓ</sup>māk**, дар сурёнӣ ва оромӣ – **ramkā** ва дар матни «П» – **rəmakā** омадааст [44, с. 109]. Боиси зикр аст, ки дар ҷараёни табдили овозҳо дар давраи гузариши забон ҳамсадои «**L**» ба «**R**» ва «**K**» ба «**G**» бадал шуда, Ҳ-и **LMKA** ба гунаи **ramagā** дар забонҳои эронӣ ба кор рафтааст.

Вожаи дигари ифодакунандаи номи ҳайвон **кутино** мебошад, ки М. Бурҳон онро ба гунаи зайл шарҳ додааст: **«Кутино –** бар вазни **Бӯсино;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *астарро* гӯянд, ки модараш асп аст» [5, ч. 2, с. 408]. Вожаи **астар** дар «ФЗТ» ба ду маъно, яъне *хачир* (Агар уштуру аспу астар набошад, / Куҷо қаҳрамонӣ бувад қаҳрамонро – Носири Хусрав) ва *қисмати дохили ҷома ва кӯрпа* шарҳ дода шудааст [19, ч. 1, с. 94]. Вожаи **сутур**, ки мафҳуми *чорпоён*, аз қабили *асп, шутур, хачир*-ро ифода мекунад, бо калимаи **астар** ҳамреша мебошад. Шакли дурусти Ҳ-и **кутино** ба гунаи **KWDNTA** мустаъмал аст, ки дар оромӣ ба гунаҳои **kūdnā**, **kōdantā,** дар оромии яҳудӣ, оромии императорӣ ва палмирӣ – **kōḏantā,** дар сурёнӣ – **kaodnā** ва дар матнҳои позанднавсӣ – **kōtînā** мазкур аст [44, с. 110].

Дар таҳқиқи А. Каримов ин Ҳ дар шакли **KWTYN**> ҳарфнависӣ шудааст [7, с. 19].

Воҳиди луғавии дигари марбут ба номи чаҳорпоён **говид** аст. **«Говид** – бар вазни **холид;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *гови кӯҳиро* гӯянд» [5, ҷ. 3, с. 5]. Ин Ҳ дар матнҳои позанднависӣ ба гунаи **kāwit** омада, дар овонавишт ба гунаҳои **kāw(i)t** ва **gāwid** хонда шудааст [44, с. 114-115].

Дигар аз ҳайвоноти маъмули хонагӣ, ки аксар барои ҳифзи хонаву манзил нигоҳдорӣ ва парвариш мешавад, саг аст. Вожаи **саг** аз решаи **kwōn**-и забон-асоси ҳиндуаврупоӣ аст ва дар авестоӣ ба гунаи **spā**, дар порсии бостон ба шаклҳои **saka**, **spaka**, **spaxa** зикр шуда, дар порсии миёна шакли **sak**, **sag**-ро гирифтааст.

Тибқи иттилои М. Бурҳон, дар Ҳ-ҳои бозмондаи забони оромӣ вожаи **калбо** ба ҳамин маънӣ истифода шудааст [5, ҷ. 2, с. 388]. А.Деҳхудо низ бо такя ба «НА», «О» ва «БҚ» вожаи **калбо**-ро ҳамчун Ҳ ба маънои *саг* шарҳ додааст [30, ҷ. 12, с. 18473]. Ин Ҳ дар финиқӣ ба гунаи **klb**, оромии императорӣ, набатӣ, оромии яҳудӣ, мондоӣ – **kalbā**, дар сурёнӣ – **kelb** ва **kalbā**, дар ошурӣ – **kalbu** зикр шуда, дар матни «П» шакли **kallnabā**-ро гирифта, ин шакл дар овонавишт ба гунаҳои **kalbā, kalab, kallnbā** хонда шудааст [44, с. 135].

Чанде аз вожаҳои дар ин фасл баррасишаванда дар ифодаи номи чаҳорпоёни кӯҳӣ ба кор рафтаанд. Чунончи, вожаи **ангутин** дар Ф-и мавриди омӯзиш ба маънои *гови кӯҳӣ* зикр шудааст [5, ҷ. 1, с. 122]. А.Деҳхудо ҳам бо такя ба «БҚ» ва «НА» вожаи мазкурро ба ҳамин маънӣ шарҳ додааст [30, ҷ. 3, с. 3600]. Дар повараҷи «БҚ» М. Муин ба тарзи **(a)ngā(an)** ва муродифи паҳлавиашро дар шаклҳои **kâpêt [kâwêd]** оварда, ба маънои *гови нари кӯҳӣ, гови даштӣ* сабт намудааст [ниг. 28, ҷ. 1, с. 177]. Олим Нюберг ин вожаро Ҳ намедонад ва онро лафзи мураккаб дар шаклҳои **meš, hangūt, kūpēt** ба маънои *меш, ҳаммонанди гови ваҳшӣ* ҳисобидааст [ниг. 44, с. 114]. Мо ҳам дар асоси овонавишт ва гунаҳои

паҳлавияш бар онем, ки ин моддаи луғавӣ Ҳ набуда, ба гурӯҳи шибҳиҳузворишҳо (псевдоидеограммаҳо) мансуб аст.

Ҳ-и дигар **оҳӣ** аст. «**Оҳӣ** – бар вазни **моҳӣ**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *оҳу* бошад, ки арабон **ғазол** гӯянд» [5, ч. 1, с. 66]. А.Деҳхудо ҳам чунин шарҳ додааст [30, ч. 1, с. 261].

Бояд гуфт, ки ин воҳиди луғавӣ шояд бар асари бадхонӣ ба гунаи **оҳӣ** сабт шуда бошад ва эҳтимол асли он вожаи **оҳу** аст. Тибқи маълумоти фарҳангҳои решашиносӣ, пешинаи вожаи **оҳу** бо ин моддаи луғавӣ ҳамсон нест ва дар матнҳои позанднависӣ ҳам ин вожа дар шакли **оҳӣ** зикр нашудааст. М. Муин дар поварақи «БҚ» зикр мекунад, ки ин воҳиди луғавӣ барои ифодаи мафҳуми *оҳу* аст ва Ҳ нест [ниг. 28, ч. 1, с. 73].

Калимаи **бонбарбито** بانبربيتا дар фарҳанги мавриди омӯзиш ба маънои *фил* ташреҳ гардида, ишора меравад, ки шарҳи вожа аз луғати «З»-у «П» оварда шудааст [5, ч. 1, с. 151]. Бояд қайд кард, ки ин вожа мураккаб буда, аз ҷузъҳои **бонбар** ва **бито** созмон ёфтааст. Вожаи **бито** дар худи «БҚ» ба маънои *хона* бо далел аз луғати «З»-у «П» шарҳ дода шуда, муродифи арабии он ба гунаи **байт** сабт гардидааст [5, ч. 1, с. 204]. Дар «Луғати фурс»-и Асадӣ вожаи **бито** ба маънои *бигзор* шарҳ гардида, мураттибони нусхаи кириллии Ф дар поварақ бо такя ба «Л»-и А.Деҳхудо маонии *гузоштан, раҳо кардан, ба ҳоли худ ҳавола кардан*-ро дар шарҳи ин вожа овардаанд [17, с. 48]. А. Каримов Ҳ-и мазкурро ба гунаи **BHL-BRBYT**> ҳарфнависӣ кардааст [7, с. 12].

С. Урён вожаи **бонбарбито**-ро бо такя ба маълумоти таҳқиқгарон аз ду ҷузъ – ***бонбар-бито*** иборат медонад. Ба андешаи ин муҳаққиқ, олим Нюберг ҷузъи аввали вожаро ба маънои *хизматкор* шарҳ дода, шакли пурраи онро ба маънои *хизматгори хона* хондааст, вале С. Урён ин андешаро саҳеҳ намеҳисобад [44, с. 139]. Шояд олим Нюберг бо назардошти маънои қисми охири калима – **бито** ва дар шакли **OBD** ҳисобидани овонавишти қисми аввали калима онро ба маънои *хизматгори*

*хона* зикр карда бошад. А.Деҳхудо дар шарҳи вожаи **бонбарбито** ба «БҚ», «О» ва «НА» такя карда, шарҳи М. Бурҳонро овардааст [30, ч. 3, с. 4305].

Ҳ-и дигари ифодакунандаи номи ҳайвон **баррун** аст. Моддаи луғавии мазкур зимни шарҳи вожаи бирун ҳамчун Ҳ зикр гардидааст. Ин вожа сермаъност, зеро дар луғатномаи мавриди таҳқиқ ба маънои зиёд шарҳ дода шудааст. М. Бурҳон дар шарҳи ин моддаи луғавӣ чунин менависад: «**Бирун** برون – бар вазни **фусун;** мухаффафи **берун** аст; ва ба маънои *барои... ва ба ҷиҳати...* ҳам омадааст, чунонки гӯянд: бируни ту, яъне барои ту ва ба ҷиҳати ту; ва ба замми аввал (яъне **бурун**) мутлақ *ҳалқаро* гӯянд умуман ва *ҳалқаи бинии шутур*ро хусусан; ва ба фатҳи аввал ва ба ташдиди сонӣ (яъне **баррун**) ба луғати «Занд»-у «Позанд» *гӯсфанде* ва *бузеро* гӯянд, ки пешопеши гала роҳ равад; ва *бузи кӯҳи*ро низ гуфтаанд» [5, ч. 1, с. 172-173]. А.Деҳхудо низ ин моддаи луғавиро ба ҳайси Ҳ ба маънои *бузи кӯҳӣ* шарҳ додааст [30, ч. 3, с. 4660]. Ба иттилои М. Муин, овонавишти гунаи бостонии вожа дар сарчашмаҳо дар шаклҳои **barxun, b(a)r(a)xūn** мазкур аст ва онро дар паҳлавӣ ба гунаи **pâcên** хондаанд [ниг. 28, ч. 1, с. 268]. Тибқи нишондоди С. Урён, дар сарчашмаҳо се Ҳ: **BLHN, BLLN, P$^{\supset}$CUN** ба ҳамин маънӣ зикр шудаанд. Гуфта мешавад, ки Ҳ-и **BLHN** ба маънои *бузи кӯҳӣ* дар оромии яҳудӣ, сурёнӣ ва мондоӣ ба гунаи **barhā** ва дар матнҳои позанднависӣ ба шаклҳои **barxun, b(a)r(a)xūn** дучор омадааст [44, с. 112]. Аз ин ҷо маълум аст, ки М. Муин дар асоси ин андеша овонавишти Ҳ-и мавриди назарро ба гунаҳои фавқ овардааст, аммо дар сурати ба назар гирифта шудани шакли зоҳирӣ ва гунаи имрӯзаи воҳиди луғавӣ Ҳ-и баъдӣ (**BLLN**) мувофиқтар аст. Ин Ҳ дар оромии китоби муқаддас, оромии яҳудӣ ва сурёнӣ ба гунаи **barrān** ва дар матнҳои позанднависӣ ба шакли **barrun** омадааст, ки аз лиҳози таркиби овоӣ бо шакли зикркардаи М. Бурҳон наздик аст [44, с. 112-113]. Шоистаи зикр аст, ки ҳар се Ҳ-и зикршуда дар овонавишт ба гунаи **позин (pāzin)** хонда шудааст.

Гурӯҳе аз Ҳ-ҳои мавҷуд дар «БҚ» номи парандагонро ифода кардаанд. Воҳиди луғавии **бартибо** аз ҳамин гурӯҳи калимаҳост. Ин моддаи луғавӣ зери таъбири «ба забони «З»-у «П» ба маънои *піристук* (имрӯз дар шакли *парасту / фароштурук* мустаъмал аст) шарҳ дода шудааст, ки *навъе аз паранда* мебошад [5, ч. 1, с. 163].

С. Урён ин моддаи луғавиро аз Ҳ-и **SWS-BL-BYTA** шуморида, дар матнҳои позанднависӣ ба тарзи **saōsbarbîtā** зикр шудани онро ишора кардааст [44, с. 129]. Агар ба маълумоти С. Урён такя шавад, ҷузъи дуюми вожа, ки дар «БҚ» зикр гардида, дар Ф-ҳои баъдӣ сабт шудааст, дуруст нест, зеро ба таври Ҳ нигошта шавад, гунаи зикркардаи «БҚ» дар шакли **BL-TYBA** бояд бошад, ки бо андешаи С. Урён мувофиқат намекунад ва ё шояд дар хониш ва сабти Ҳ ғалат рафта бошад. А. Каримов дар ҳарфнавишт Ҳ-и мазкурро ба шакли **SWSWBRBYT**> қайд кардааст [7, с. 25].

Дигар аз Ҳ-и марбут ба паранда вожаи **зазрунатирбо** ززرونتربا аст. Ин моддаи луғавӣ дар «БҚ» ба маънои *мурғи хонагӣ* шарҳ ёфтааст [5, ч. 3, с. 222], дар «ВП(«П»)» ба маънои *товус* омадааст. Муаллифи ин вожанома моддаи луғавии мавриди назарро аз Ҳ-и **Z(Y)PLIWTGLYA** ҳисобида, зикри вожаро дар матнҳои позанднависӣ ба гунаи **zazrōtnrȳā** ва тарзи хонишашро ба гунаҳои **zaz(a)rūntîrȳā**, **zazrūntîā** нишон додааст [44, с. 125-126].

Ҳодисаи бо Ҳ-ҳо ифодашавии номи дарандагон низ дар «БҚ» ҷой дорад. Вожаи **татмато** تتمتا яке аз воҳидҳои луғавии марбут ба номи ҳайвонот аст, ки дар Ф-и мавриди омӯзиш ҳамчун Ҳ ба маънои *хирс* омадааст [5, ч. 1, с. 272]. Дар «Л»-и А.Деҳхудо ҳам ба ҳамин маънои вожаи мазкур ишора шудааст [30, ч. 5, с. 6431]. Тибқи иттилои «ВП(«П»)», дар Ф-ҳо ин Ҳ ба тарзи **TTMTA** сабт шудааст, вале он мувофиқ нест ва тасҳифшуда аст. Манбаъ шакли саҳеҳи ин Ҳ-ро дарислоҳи Нюберг ба гунаи **DWBRMTA** нишон додааст, ки маънои *хирси кӯҳиро* ифода мекунад

ва дар матнҳои позанднависӣ ба гунаи **tatmatā** сабт шудааст [44, с. 137-138].

Дар байни Ҳ-ҳои мавҷуд дар «БҚ» вожаи марбут ба хазандагон низ ҷой дорад. Ин маъниро ҳамчун Ҳ воҳиди луғавии **камча** ифода карда, дар «БҚ» ба маънои *малах* омадааст [5, ҷ. 2, с. 397]. А. Каримов Ҳ-и мазкурро ба гунаи **QMČ** ҳарфнависӣ кардааст [7, с. 20].

Аз баррасиҳо аён шуд, ки вожаҳои марбут ба номи ҳайвонот низ дар байни Ҳ-ҳои мавҷуд дар «БҚ» мавқеи муҳим доранд.

Пиндори муаллифи «БҚ» дар мавриди Ҳ будани аксари воҳидҳои луғавӣ саҳеҳ аст, вале М. Бурҳон дар ҳолатҳои алоҳида дар ин масъала роҳи ғалатро пеш гирифтааст. Бархе аз унсурҳои луғавии ба ҳайси Ҳ шарҳдодаи ӯ дар асл ҳамвожаҳое (изоглосс) мебошанд, ки дар аксари забонҳои ҳиндуаврупоӣ гардиш дошта, чанде аз онҳо ба забонҳои сомию ҳомӣ интиқол ёфтаанд. Ин аст, ки дар бархе маврид андешаи муаллифи «БҚ» бо назари фарҳангнигорони дигар ва муҳаққиқони имрӯза мувофиқат мекунад ва дар иддае ҳолат байни онҳо ихтилофи назар низ ба мушоҳида мерасад.

## 2.2. Ҳузворишҳои марбут ба гиёҳу гулу дарахт

Ҳ-ҳо низ мисли дигар унсурҳои луғавӣ дорои қабатҳои гуногуни луғавӣ мебошанд. Байни Ҳ-ҳое, ки дар «БҚ» ҷой гирифтаанд, онҳое низ мавҷуданд, ки марбут ба истилоҳоти соҳаи гуногун мебошанд. Теъдоде аз чунин воҳидҳои луғавӣ барои ифодаи гиёҳвожаҳо ва мафҳумҳои ба он вобаста истифода шудаанд. Омӯзиши вожаҳои марбут ба гулу гиёҳ ва дарахтон дар мақолаҳои илмии алоҳида ва рисолаҳо ба дараҷаи зарурӣ набуда, фарогири кулли вижагиҳои онҳо нест, хосса, Ҳ-ҳои марбут ба гиёҳу дарахтон дар «БҚ» ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст. Аз ин ҷост, ки дар ин фасли рисола Ҳ-ҳои марбут ба гулу гиёҳ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Вожаи **анибо انيبا** аз гурӯҳи Ҳ-ҳое аст, ки дар «БҚ» бо ишора ба луғати «З»-у «П» ба маънои *дарахти мӯрд* омадааст. Ҳамчунин таъкид гардидааст, ки ин воҳиди луғавӣ бо иваз шудани овози «бо»-и абҷад ба «то»-и қарашат дар шакли **анито** низ ба мушоҳида мерасад [5, ч. 1, с. 123]. Тибқи маълумоти дар поварақи «БҚ» тазаккурёфта, **анибо** шакли тасҳифшудаи ин Ҳ буда, гунаи дурусти он **anytā, anîtā** мебошад ва муодили **mûrt**-и паҳлавӣ аст [28, ч. 1, с. 179].

Ҳ-и мазкур аз ҷониби А. Каримов ба гунаи **>S>** ҳарфнависӣ шудааст [7, с. 10].

Ҳ-и дигари марбут ба ин гурӯҳ воҳиди луғавии **базро** аст. Ин вожа дар Ф-и мавриди омӯзиш ба чунин тарз нигошта шудааст: **«Базро** – бар вазни **сафро;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *тухми зироат*ро гӯянд мутлақан, яъне ҳар чиз, ки ба ҷиҳати хӯрдани ҳайвонот кошта шуда бошад» [5, ч. 1, с. 175].

Бино ба маълумоти М. Муин, ин воҳиди луғавӣ аз Ҳ-и **bāzrag** аст ва муродифи паҳлавиаш **tōxm** мебошад. Гуфта мешавад, ки ин Ҳ бо вожаи арабии **базр (بذر)** ҳамреша аст [ниг. 28, ч. 1, с. 273].

А. Каримов Ҳ-и мазкурро дар ҳарфнавишт ба шакли **BZR>K** зикр кардааст [7, с. 13].

Ҳ-и **дакниё** низ аз моддаҳои луғавии марбут ба номи дарахтон аст, ки дар «БҚ» бо ишора ба «З»-у «П» ба маънои *нахли хурмо* шарҳ ёфтааст [5, ч. 2, с. 33]. Тибқи иттилои М. Муин, воҳиди луғавии мазкур аз Ҳ-и **daknyā**, **dagnyā** буда, дар паҳлавӣ моддаи луғавии **mugh** ба ҳамин маъност [ниг. 28, ч. 2, с. 872].

Ҳ-и дигари марбут ба дарахт, ки дар «БҚ» қайд гардидааст, **шаҷоро** мебошад. М. Бурҳон дар шарҳи он чунин навиштааст: **«Шаҷоро –** бар вазни **насоро;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *дарахт* бошад, ки арабон **шаҷар** гӯянд» [5, ч. 2, с. 212].

Вожаи мазкур дар «ҒЛ» ба гунаи **шаҷара** мазкур аст: «Шаҷара ба маънои *дарахт*; ва ба маънои *насабнома*; ва он чи машоихон асомии пирони худ ба тартиб навишта ба мурид медиҳанд» [13, ч. 1, с. 457].

Тибқи иттилои М. Муин, ин вожа аз Ҳ-и **shajarây** буда [ниг. 28, ч. 3, с. 1255), бо вожаи паҳлавии **draxt** муродиф аст.

А. Каримов Ҳ-и мазкурро ба гунаи **ŠGR**> ҳарфнависӣ кардааст [7, с. 27].

Ҳ-и дигари марбут ба гулу гиёҳ, ки дар «БҚ» бо такя ба луғати «З»-у «П» тазаккур ёфтааст, **шимашдар** мебошад. Бино бар шарҳи М. Бурҳон, **«шимашдар** – бар вазни **ситамгар;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *сири бародари пиёз*ро гӯянд» [5, ч. 2, с. 230]. С. Урён таъкид мекунад, ки ин вожа аз Ҳ-и **ŠMŠGL** [**piyāz**] буда, дар забони ибрӣ ба гунаи **šûm**, дар оромӣ – **tomā**, дар сурёнӣ – **tōmá**, дар ошурӣ – **šûmu** ва дар матни «П» – **šəmšedar** сабт шудааст. Ӯ ҳамчунин қайд мекунад, ки «Нюберг вожаи фавқро **šamšēr** (شمشیر) қироат карда ва онро номи навъе пиёз медонад. Албатта, чун баргҳои пиёз ҳаммонанди шамшер аст, лизо ин вожаро ҳузвориши пиёз гирифтаанд» [44, с. 102].

Ҳ-и дигари марбут ба мафҳумҳои гулу дарахт **канё** аст. Ин воҳиди луғавӣ дар «БҚ» бо такя ба луғати «З»-у «П» ба маънои *найи миёнхолӣ* шарҳ ёфтааст [5, ч. 2, с. 405]. М. Муин дар повараќи «БҚ» ба Ҳ будани он

ишора карда, бо вожаи паҳлавии **nadh (най)** муродиф буданашро таъкид кардааст [ниг. 28, ч. 3, с. 1714].

Дигар аз Ҳ-ҳои марбут ба гиёҳу вожаҳои ба он вобаста **гияҳо** аст. Моддаи луғавии мазкур дар «БҚ» ба таври зер зикр шудааст: **«Гияҳо** – ба луғати «Занд»-у «Позанд» *гиёҳ* ва *алаф*ро гӯянд» [5, ч. 3, с. 49]. М. Муин дар ҳошияи Ф дар расмулхатти паҳлавӣ дар кадом шакл омадани онро нишон дода, ба маъхаз ишора кардааст, вале ба Ҳ будани он таъкиде нест [ниг. 28, ч. 3, с. 1872]. Дар «ВП(«П»)» низ дар забонҳои дигар сабт шудани ин калима ишора нашудааст. С. Урён бар он назар аст, ки «ин вожа ҳузвориши воқеӣ набуда, балки сурати ошуфтае аз вожаи **giyāh**» мебошад [44, с. 104]. Бо такя ба далелҳои фавқуззикр гуфтан мумкин аст, ки ин моддаи луғавӣ ба гурӯҳи шибҳиҳузворишҳо (псевдоидеограмма) мансуб аст.

Ҳ-и дигари дар матни «П» ба ҳайси гиёҳвожа истифодашуда **маг** аст. Ин воҳиди луғавӣ дар «БҚ» ба ду маънӣ шарҳ гардидааст: **«Маг** – ҷамоатеанд, ки эшон дар савоҳили баъзе аз буҳур мебошанд; ва ба луғати «Занд»-у «Позанд» *дарахт* ва *нахли хурмо*ро гӯянд» [5, ч. 3, с. 105]. Тибқи иттилои М. Муин, ин вожа аз Ҳ-и **tag** буда [ниг. 28, ч. 4, с. 2029], бо вожаи паҳлавии **(x)armāw** муродиф аст.

Ҳ-и дигари марбут ба «З»-у «П», ки *гул*ро ифода мекунад, **варто** аст. Воҳиди луғавии мазкур дар «БҚ» чунин сабт шудааст: **«Варто** – бар вазни **фардо**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» *гул*ро гӯянд ва ба арабӣ **вард** хонанд» [5, ч. 3, с. 171]. М. Муин ин вожаро аз Ҳ-и **var(a)tā** ҳисобида, дар паҳлавӣ бо вожаи **vul [gul]** ҳамвазн буданашро нишон додааст [ниг. 28, ч. 4, с. 2265].

Таҳқиқи ин гурӯҳи вожаҳо нишон дод, ки чанде аз Ҳ-ҳои дар «БҚ» сабтшуда дорои вижагии махсус буда, яке аз қабатҳои луғавиро фаро гирифтаанд.

Шоистаи зикр аст, ки теъдоде аз вожаҳои дар «БҚ» Ҳ пиндошташуда имрӯз дар забони тоҷикӣ аз лиҳози таркиби овозӣ ва шакли зоҳирӣ таҳаввул ёфта, ба ҳайси вожаи маъмулӣ дар забон мустаъмаланд.

Дар бархе маврид муаллифи «БҚ» гунаи бостонии унсурҳои луғавиро иштибоҳан Ҳ донистааст.

Ин нукта низ аён шуд, ки баъзе вожаҳои маъмулӣ низ саҳван ба гурӯҳи Ҳ-ҳо ворид гардидаанд.

## 2.3. Ҳузворишҳои марбут ба ҷою макон

Ҳ-ҳо воҳидҳои махсуси забон мебошанд, ки тули солҳо дар осори хаттӣ истифода гардида, дар радифи вожаҳои аслии тоҷикӣ дар ифодаи мафҳумҳои алоҳида мавриди истифода қарор доштаанд. Омӯзиш ва матраҳсозии чунин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ дар «БҚ» нишон дод, ки, воқеан, таҳқиқи ин дастаи унсурҳои луғавӣ барои гиреҳкушоии масоили мубрами марбут ба гузаштаи забон амри муфид мебошад.

Байни Ҳ-ҳои дар «БҚ» зикршуда вожаҳои марбут ба ҷою макон мавқеи муҳим доранд. Чунин Ҳ-ҳо номи мавзеъ, ҷой, маҳал ва ибодатгоҳҳоро ифода кардаанд. Аз ҷумла, воҳидҳои луғавии **арто**, **аркиё**, **дамо, кӯп, арбито, аршиё, бафкин** ва **шатан** намунаи ин дастаи Ҳ-ҳо ба шумор меоянд.

Ҳ-и **арто** дар Ф-и мавриди омӯзиш дар ифодаи мафҳуми *замин* ба кор рафтааст: «**Арто** ارتا – бар вазни фардо; ба луғати «Занд»-у «Позанд» *бум* ва *замин*ро гӯянд» [5, ч. 1, с. 76]. М. Муин овонавишти ин вожаро ба гунаи **ar(a)tā** нишон дода, ба Ҳ будани он ишора кардааст. Тибқи иттилои ӯ, муродифи ин Ҳ дар забони паҳлавӣ воҳиди луғавии **zamik** аст, ба маънои *замин*, ки муодили вожаи арабии **арз** (عرض) мебошад [ниг. 28, ч. 1, с. 96].

Ин вожа дар финиқӣ ба гунаи **ˀrs**, дар ошурӣ – **irsitu**, дар оромӣ – **ˀēraṣ**, дар матни «П» – **artā** истифода шудааст [44, с. 47-48]. Д. Саймиддинов ин вожаро дар ҳарфнавишт ба гунаи '**RT**' ва дар овонавишт ба гунаи **zamîg** нишон додааст [15, с. 73]. А. Каримов ин Ҳ-ро дар ҳарфнавишт ба гунаи ˃**RT**˃ зикр кардааст [7, с. 11].

Шоистаи зикр аст, ки баъзе аз мафҳумҳо бо ду ё зиёда Ҳ ифода ёфтаанд. Аз ҷумла, барои ифодаи мафҳуми замин дар «БҚ» ду Ҳ: **арто** ва **ҳамез** ба кор рафтааст.

Ҳ-и **аркиё** дар «БҚ» бо ишора ба луғати «З»-у «П» ба маънои *ҷӯйи об* шарҳ дода шудааст [5, ч. 1, с. 82]. М. Муин ба Ҳ будани ин моддаи луғавӣ ишора карда, овонавишти онро ба гунаҳои **arkyā**, **arkîā** зикр кардааст ва муродифашро воҳиди луғавии паҳлавии **yōy** ҳисобидааст [ниг. 28, ч. 1, с.

108]. Д. Саймиддинов дар ҳарфнавишт вожаи мазкурро ба гунаи **HRKY'** оварда, овонавишташро ба гунаи **jōy** нишон додааст [15, с. 73].

Ин Ҳ дар ҳарфнавишт ба гунаи **HLKYA** сабт гардида, дар овонавишт ба гунаи **ĵō(y)** хонда мешавад. Ҳамчунин аз рӯйи маълумоти ҳамин муҳаққиқ, ин Ҳ дар забонҳои оромии бостон, оромии императорӣ, оромии яҳудӣ, набатӣ, палмирӣ, фаластинии масеҳӣ, сурёнӣ ва мондоӣ дар шакли **hlk** ба маънои *рафтан* гардиш дошта, дар матни «П» ба гунаи **arkyā** нигошта шудааст ва дар овонавишт дар шаклҳои **akyā, allnkyāy, arlikyāy, arkiā** тазаккур ёфтааст [44, с. 66]. Шояд дар байни сабти гунаҳои **yōy** ва **jōy** фосилаи муайян бошад, зеро бо гузашти замон ва табдили овозҳо дар таркиби аксар калимаҳои тоҷикӣ бар ивази ҳамсадои «**y**»-и бостон ҳамсадои «**j**» зуҳур кардааст.

А. Каримов дар ҳарфнавишт ин Ҳ-ро ба шакли **HRQY**> нишон додааст [7, с. 11].

Вожаи **димо** моддаи луғавии дигари сермаъно ё ҳамшаклест, ки дар осори хаттии куҳан ҳамчун Ҳ сабт шудааст. Ин Ҳ дар «БҚ» зимни шарҳи вожаи **дамо** чунин зикр шудааст: «**Дамо** دما – бар вазни **ҳаво;** ба маънои *даму нафас* бошад; ва ба касри аввал (яъне, **димо**) ба маънои *рӯдхона* аст ба луғати «Занд»-у «Позанд»; ва ба маънои *мизоҷ ва табиат* ҳам омадааст» [5, ҷ. 2, с. 35].

М. Муин дар повараҷи «БҚ» овонавишти ин Ҳ-ро ба гунаҳои **dəmā, d(a)mā** нишон дода, дар паҳлавӣ бо вожаи **rōt** муродиф будани онро таъкид мекунад [ниг. 28, ҷ. 2, с. 877].

Тибқи иттилои Д. Саймиддинов, ин Ҳ дар ҳарфнавишт ба гунаи **GM'** сабт шуда, дар овонавишт гунаи **rōd**-ро гирифтааст [15, с. 70].

С. Урён дар ҳарфнавишт ин Ҳ-ро ба гунаи **YMA** ва дар овонавишт ба шакли **rōd** нишон додааст. Тибқи иттилои ин муҳаққиқ, Ҳ-и мазкур дар матни «П» дар шакли **dimā** зикр гардида, ба гунаҳои **d(a)mā, dəmā** хонда шудааст [44, с. 64].

Ҳ-и дигари дар «БҚ» сабтёфта **кӯп** мебошад: **«Кӯп کوپ** – бар вазни **тӯп;** ба маънои *кӯҳ* бошад, ки арабон **ҷабал** гӯянд; ва ба луғати «Занд»-у «Позанд» ҳам *кӯҳро* **кӯп** хонанд; ва *ҳасири гунда*ро низ гӯянд» [5, ҷ. 1, с. 407].

Бино ба маълумоти дар ҳошияи «БҚ» тазаккурёфта, ин вожа гӯё бо вожаи паҳлавии **kōf** муродиф буда, баргирифта аз вожаи эронии бостони **kaufā** мебошад [ниг. 28, ҷ. 3, с. 1719]. Доир ба вожаи мазкур маълумоти чандон назаррасе мавҷуд нест. Танҳо аз рӯйи шакли зоҳирӣ ва дигаргуншавии овозҳои калима метавон гуфт, ки ин воҳиди луғавӣ ҳамон вожаи решагии **kaufa** буда, имрӯз бо тағйир ёфтани овози «**p**» ба «**h**» дар шакли **кӯҳ** (**kōh**) мустаъмал гардидааст. Ба назар мерасад, ки муаллифи «БҚ» бо назардошти шакли қадими вожаи **кӯҳ** саҳван онро ба қатори Ҳ-ҳо шомил кардааст.

Ҳ-и **арбито** اربيتا дар «БҚ» ба маънои *боми хона* омадааст [5, ҷ. 1, с. 73].

Бино ба иттилои С. Урён, ин Ҳ мураккаб буда, аз решаҳои **OGL** ва **BYTA** созмон ёфтааст ва дар матнҳои паҳлавӣ ба маънои *сақф, пушти бом* ба кор рафтааст [44, с. 56]. А.Деҳхудо ҳам айнан шарҳи «БҚ»-ро овардааст [30, ҷ. 2, с. 1639].

Ҳ-и **аршиё** ارشيا аз ҷониби муаллифи «БҚ» ба маънои *тахт ва аврангi шоҳон* шарҳ ёфтааст [5, ҷ. 1, с. 80]. Дар «Л»-и А.Деҳхудо низ ба ҳамин маъност [30, ҷ. 2, с. 1863]. Ин вожа аз решаи ибрии **ᶜrś** буда, ба забони ошурӣ дар шакли **iršu**, ба арабии нав – **ᶜariṣā**, ба сурёнӣ – **ārṣā**, ба арабӣ – **ᶜriṣʾ** ва дар матни «П» ба гунаи **aršȳā** дучор омада, маънои *гоҳ, тахт ва арш* доштанаш ишора шудааст [44, с. 55]. Гуфтан ҷоиз аст, ки вожаи **аршиё,** агарчи дар забони порсӣ ба маънои *тахт* ва *гоҳ* истифода шудааст, зоҳиран, дар забони форсӣ ва ҳатто оромӣ ҳам вомвожа маҳсуб мешавад. Шакли имрӯзаи суфташудаи он вожаи **арш** буда, пешинааш ба забони ибрӣ мерасад. Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи мафҳуми *тахт* ва *авранги шоҳон* вожаи решагии **гоҳ** низ мавҷуд аст, ки он аз решаи **gᵘem**-и забон-

асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ мебошад ва он дар натиҷаи табдилу азбайнравии овозҳои таркиби калима ва таъсири забонҳои ғайр ба гунаи **гоҳ** то ба мо расидааст [44, с. 55]. Ин вожа дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ тадриҷан камистеъмол гардида истодааст ва бештар дар адабиёти классикӣ ба мушоҳида мерасад.

Воҳиди луғавии **бафкин بفكين** дар «БҚ» ба маънои *кӯшк ва болохона* мазкур аст [5, ҷ. 1, с. 186]. Аз рӯйи таъкиди С. Урён, ин моддаи луғавӣ вомвожаи юнонӣ буда, ба маънои *кӯшк, қаср, хайма, ҳуҷра* дар гурӯҳи забонҳои сомӣ мавриди истифода қарор гирифтааст. Муаллифи «ВП(«П»)» овонавишти ин моддаи луғавиро ба гунаи **b(a)p(a)gūn** нишон додааст [44, с. 56]. А.Деҳхудо ҳам ин вожаро дар ҳамин шакл шарҳ карда, ба Ҳ будани он ишора кардааст ва ба сифати сарчашма «БҚ», «НА», «А» ва «О»-ро овардааст [30, ҷ. 4, с. 4900]. Агар андешаи С. Урён дар мавриди вомвожаи юнонӣ будани моддаи луғавии **бафкин** ба назар гирифта шавад, ин вожа Ҳ нест, балки калимаи иқтибосии юнонӣ дар гурӯҳи забонҳои сомӣ аст.

Моддаи луғавии **шатан** ҳам аз ҷумлаи Ҳ-ҳои мансуб ба ҷою макон аст. М. Бурҳон дар шарҳи он чунин менависад: «**Шатан** شتن - бар вазни **чаман**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *шаҳр* бошад ва ба арабӣ **мадина** гӯянд» [5, ҷ. 2, с. 212]. А.Деҳхудо ҳам ин моддаи луғавиро ба маънои *шаҳр* шарҳ додааст ва ба Ҳ будани он ишора карда, «БҚ»-ро ҳамчун сарчашма нишон додааст. Зикраш бамаврид аст, ки дар «Л»-и А.Деҳхудо вожаи **шатан** ба маънои *бофтан* низ қайд шудааст. Зиёда аз ин, **шатан** бо «**то**-и итқӣ» **(ط)** ба маноҳои *расан* ва *бастани чизе* низ дучор омадааст [30, ҷ. 9, с. 14163]. Дар «ФЗТ», «ҒЛ» ва «О» низ вожаи **шатан** бо «**то**-и итқӣ» **(ط)** ба маънои *расани дароз* зикр шудааст [19, ҷ. 1, с. 629; 13, ҷ. 1, с. 463; 41, ҷ. 4, с. 2596].

Аз гуфтаҳои боло метавон ба натиҷае расид, ки Ҳ-ҳои марбут ба номи ҷою макон сарфи назар аз лиҳози теъдод кам буданашон вазифаҳои муҳимми забониро иҷро кардаанд ва дорои вижагиҳои махсуси лексикиву грамматикӣ мебошанд.

Таҳлили ин гурӯҳи калимаҳо баёнгари он аст, ки ҳанӯз дар гузаштаи дур забони форсӣ-тоҷикӣ усулҳои мухталифи баёнро соҳиб будааст. Омӯзишу баррасии ин дастаи вожаҳо, бешак, гиреҳкушои масоили мубрами илмӣ низ маҳсуб меёбад.

## 2.4. Ҳузворишҳои марбут ба номи китоб

Истилоҳи «З»-у «П», ки маҳаки асосии рисоларо ташкил медиҳад, дар ин навишта ба ду маъно мустаъмал аст. Чунонки дар фаслҳои қаблӣ ҳам ишора шуд, мафҳумҳои «З»-у «П» ифодагари Ҳ-ҳои бозмондаи забони оромист, ки тавассути сарчашмаҳои гуногун, аз ҷумла Ф-ҳо то мо расидаанд ва ин навъи воҳидҳои луғавӣ аз ҳамин дидгоҳ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Бояд донист, ки аслан «З»-у «П» чӣ гуна истилоҳанд ва сарчашмаи ин вожаҳо ба куҷо мерасад. Аз ин рӯ, зарур шуморида шуд, ки истилоҳоти «З»-у «П» ҳамчун ифодакунандаи номи китобҳои ҷудогона дар гузаштаи фарҳангии мо ба риштаи таҳлил кашида шаванд.

Равшан аст, ки гузашти замон ва тағйироти забон дарки мазмуни матнҳои маъмултаринро ҳам барои соҳибони забон мушкилу нофаҳмо мегардонад ва зарурати истифодаи сарчашмаҳои ёрирасон пеш меояд. Ин ҳолат ҳатто дар хониши матнҳои забони адабии тоҷикии даврони асримиёнагӣ низ пеш омада истодааст. Чунончи, бе истифодаи луғати тафсирӣ маърифати шеъри адибони классикамон барои аксари соҳибони забон имрӯз ғайриимкон шудааст.

Зикраш бамаврид аст, ки матрук гаштани забони авестоӣ, инчунин душвориву нофаҳмии забони мазкур боис гардид, ки дар даврони баъд китоби бузурги Авесто аз нав таҳрир гардад. Дар замони ҳукмронии Ардашери Бобакон, Хусрави Парвиз китоби Авесто таҳрир ва ба забони форсии миёна тарҷума карда шуд, ки онро «З» номиданд [98 (давраи қадим), с. 24-25]. Ин калима чун ифодакунандаи номи китоби муқаддаси пайравони Зардушт дар аксари луғатномаву донишномаҳо шарҳу баррасӣ гардидааст. М. Бурҳон низ дар «БҚ» ба шарҳи вожаи мазкур пардохтааст: «**Занд**» – номи китобест, ки Иброҳими Зардушт даъво мекард, ки аз осмон барои ман нозил шудааст; ва баъзе гӯянд, ки номи суҳуфи Иброҳим аст ва баъзеи дигар гӯянд «Занд»-у «Позанд» ду нусканд ва суҳуфи Иброҳим, яъне ду қисм аз ақсоми он; ва номи паҳлавоне буда туронӣ, ки вазири Суҳроб ибни Рустам ӯро ба як мушт кушт ва ӯро Зинда ҳам мегӯянд; ва ба

маънои бузург ва азим ҳам омадааст; ва оҳанеро низ гӯянд, ки бар санг зананд ва аз он оташ барҷаҳад ва ба туркӣ чохмох хонанд; ва чӯбе бошад, ки харродон бар болои чӯби дигар гузоранд ва чӯби зеринро монанди бармоҳ ва унф бигардонанд, то аз он ҳар ду чӯб оташ ба ҳам расад ва чӯби болоро занд ва поёнро позанд гӯянд ва арабон чӯби болоро занд ва поёнро занда хонанд; ва дарахти *мӯрд*-ро низ гуфтаанд; ва дар арабӣ *устухони сари даст*ро гӯянд, ки ба ҷониби соид бошад; ва ба касри аввал (яъне зинд) ба забони фурси қадим ба маънои *ҷон* бошад, ки руҳи ҳайвонӣ аст ва аз ин ҷиҳат аст, ки зиҳаётро зинда хонанд» [5, ч. 2, с. 106].

Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» ин вожа чунин шарҳ гардидааст: «**Занд**» (аз авестоии zanti, дар паҳлавӣ – zand – *дониш, донистан*), тарҷума ва тафсири Авесторо ба забони форсии миёна (паҳлавӣ) гӯянд. Пайдоиши «Занд» ба асри VI – замони подшоҳии Хусрави I (ҳукм. 531-579 м.) таалluқ дорад. Тарҷума ва шарҳи Авесто ба забони паҳлавӣ замоне сурат гирифта буд, ки забони Авесто забони матрук буд ва дастурон (донишмандон)-и зардуштӣ низ дар ташреҳи аксар калимаҳои он душворӣ мекашиданд. Аз ин рӯ, ба тарҷума ва тафсири матнҳои авестоӣ, яъне «Занд» зарурат пеш омад. Истилоҳи паҳлавии «Авестоку Занд» дар ҳамин замина пайдо шудааст. Аз дастнависҳои боқимонда бармеояд, ки тарҷумаи матнҳои авестоӣ таҳтуллафзӣ ва тафсир ба тарзи зайл буд: аввал дар як сатр матни авестоӣ, сипас дар поёни он тафсиру тарҷума ба забони форсии миёна омадааст. Шарҳи калимаҳои алоҳида пас аз тарҷумаву тафсири ҷумла меояд. Қисмҳои муҳимтарини Авесто – «Вандидод» (шакли дурусташ «Видевдод»), «Виспарад», «Ясна» ва порае аз «Хурд-Авесто» тарҷумаву тафсир шудаанд. Мутобиқи маълумоти Е. В. Вест, матни Авесто тақрибан аз 345 ҳазор ва «Занд»-и он 2 млн калима иборат аст…» [85, ч. 1, с. 452-453].

Вожаи мазкур дар «ФФА» ба чаҳор маъно шарҳ ёфтааст: «**Занд**» – (паҳлавӣ **zand**) *тафсир, шарҳ, баён, тафсири Авесто, шарҳи Авесто* - *китоби мазҳабии Зардушт*; *тарҷумаи паҳлавии Авесто, ки дар замони*

*Сосониён анҷом ёфт, чун забони китоби Авесто дар давраи Сосониён куҳна ва мансух шуда буд ва ҳамаи мардум маънои онро дарк намекарданд лизо матни Авесторо ба забони паҳлавии сосонӣ, ки забони мутадовили он аст, тарҷума карданд ва онро «Занд» номиданд»* [26, ҷ. 2, с. 1326].

Дар «ТА»-и Ҳофизи Убаҳӣ бо як ишораи кӯтоҳ дар шарҳи ин ном *китоби габрон* омадааст [18, с. 65].

Устод Айнӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» ин воҳиди луғавиро ба ду маънӣ шарҳ додааст: Якум ба маънои *пора, дарида* ва дуюм ба маънои *китоби таълифнамудаи Зардушт барои оташпарастон* [2, с. 119].

Мураттибони «ФЗТ» панҷ маънои калимаи ***занд***-ро эзоҳ додаанд: 1) *номи китоби тафсири Авесто ба забони паҳлавӣ*; 2) *бузург, азим*; 3) *дарахти буттамонанди мурт*; 4) *номи ду устухони калон дар байни оринҷ ва банди даст;* 5) *ду порча чӯб, ки онҳоро ба ҳам совида оташ ҳосил мекарданд*. Чӯби болоӣ «***занд***» ва поёнӣ ***«позанд»*** номида мешудааст [19, ҷ. 1, с. 438].

Бино ба иттилои адабиётшинос Н. Салимов, «Занд» дақиқан ба маънои тарҷумаи китоби Аваасто-ст ба забони паҳлавӣ, ки ғолибан ба тафсир ҳамроҳ аст. Зардуштиён ин тарҷумаро ҳампои Аваасто медонистанд ва таъбирҳои «Аваасто ва Занд» ё худ «Занд ва Аваасто» дар ин замина пайдо шудаанд» [87, с. 26].

Бояд гуфт, ки доир ба истилоҳи «Занд» ҳамчун номи китоб дар маъхазҳои таърихиву адабӣ ва динӣ маълумот зикр шудааст ва иқтибоси ҳамаи онҳо бо сабаби муҳтавои бо ҳам монанд доштанашон зарурат надорад.

Лозим ба зикр аст, ки бо гузашти даврон ва дигаргуниҳои забонӣ, чунонки ишора гардид, китоби «З» низ барои соҳибони забон нофаҳмо шуд ва зарурати тафсиру шарҳи он пеш омад. Дар оғози давраи миёнаи мавҷудияти забони форсӣ китоби «З» шарҳу тафсир ва бо овонавишти махсус омода карда шуд, ки онро «П» унвон карданд. М. Бурҳон дар

шарҳи ин истилоҳ менависад: **«Позанд»** – бар вазни **побанд**; тафсири «Занд» бошад ва «Занд» китоби Зардушт аст. Ва бар акси ин ҳам гуфтаанд, яъне «Занд» тафсири «Позанд» аст. Ва баъзе гӯянд «Занд»-у «Позанд» ду китобест аз таснифоти Иброҳими Зардушт дар ойини оташпарастӣ. Ва дигаре мегӯяд тафсири китоби «Занд» аст. Ва бо **зо**-и форсӣ (яъне «Пожанд») ҳам омадааст» [5, ҷ. 1, с. 214].

Бо вуҷуди он ки муаллифи «БҚ» андешаҳои гуногунро дар мавриди «З»-у «П» оварда, ба таври вижа оид ба «П» шарҳи қотеъ наовардааст, бояд дар назар дошт, ки «З» дақиқан тарҷумаи Авестост ва «П» шарҳу тафсир ва овонавишти «З» мебошад.

Доир ба пайдоиши китоби «Позанд» дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» омадааст, ки «Позанд» дар асрҳои VIII-IX ба ивази хатти душвори маъмул дар забони паҳлавӣ ва дар оғози зуҳури забони форсии нав ба миён омадааст. Ҳангоми ба «Позанд» баргардонидани матнҳои паҳлавӣ ҳузворишҳо (ҳетерограммаҳо) бо нусхаи форсиашон иваз карда мешуданд. Ба форсии нав ва лаҳҷаҳое, ки зардуштиёни Эрон гуфтугӯ мекарданд (яздӣ, сивандӣ, симнонӣ…), ба назар мерасад. Дар калимоти матнҳои «Позанд» ба лаҳҷаҳои зикршуда аз ҷиҳати сохт ва хусусиятҳои фонетикӣ монандӣ дида мешавад. «Позанд» фонологияи забони паҳлавиро дар бар гирифта, барои дарк кардани маънои калимаҳои ин забон ва дарёфтани таҳаввул дар фаҳмиши онҳо бештар мусоидат мекард. Аксари ёдгориҳои адабии динии паҳлавӣ (форсии миёна), аз қабили «Бундаҳишн», «Минуи хирад», «Ҷомоспнома», «Ардавирофнома», «Баҳманяшт», «Аогемадаеча», «Хурд-Авесто» ва ғайра ҳам дар шакли паҳлавӣ ва ҳам дар навишти «Позанд» то замони мо расидаанд. Дар адабиёти классики форс-тоҷик баробари Авесто ва «Занд» ба «Позанд» низ ишораҳо мавҷуданд. Вале баъзан «Позанд» на ба он шаклу тарзи аслие, ки буд, ба қалам дода шудааст. Масалан, Фаррухӣ дар байти:

З-ӯ дӯсттарам ҳеч касе несту гаҳ ҳаст,

Онам, ки гӯям[1] «Позанд» Қуръон аст.

«Позанд»-ро ҳамчун як нома, китоби алоҳидае фаҳмидаанд, ки ин ба асли масъала мувофиқате надорад» [85, ҷ. 2, с. 541-542].

Ҳофизи Убаҳӣ низ дар ишора ба «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ «П»-ро нигоштаи Зардушт гуфтааст [18, с. 132]. Дар «ФФА» омадааст, ки «Позанд» тарҷумаи «Занд» ба форсӣ, тафсири китоби «Занд», шарҳе, ки монанди ҳошия дар пойи авроқи «Занд» навиштаанд ва он ба забони паҳлавӣ ва ғолибан бо луғоти форсӣ ва ба хатти авестоӣ ва гоҳ ба хатти форсӣ буда, худи «Занд» низ тафсири китоби Авесто аст ба забони паҳлавӣ…» [26, ҷ. 1, с. 498].

Дар «ҒЛ» ба гунаи «Пожанд» сабт ёфта, дар шарҳи он омадааст: «Пожанд» олатест оҳанӣ, ки бад-он оташро бишкананд ва бигиранд; ва ба муносибати ҳамин маънӣ номи тафсири «Жанд», ки китоби Зартушт аст дар баёни дини оташпарастӣ» [13, ҷ. 1, с. 157].

Муаллифи «СС» «З»-у «П»-ро ду китоб дар дини оташпарастии Иброҳими Зардушт ном бурдааст [3, с. 88].

Соҳиби «Фарҳанги Қаввос» бар он назар аст, ки «З» ва «П» номи дигари Авесто аст, ки онро дар шакли мухаффафи «Асто» нишон додааст: «Занд» ва «Позанд» китоби муғон аст ва «Асто» низ гӯянд. Оғоҷӣ гуфта:

Яке Зардуштворам орзу ҳаст,

Ки пешам «Занд»-ро бархонӣ аз бар» [6, с. 38].

Таъкидаш бамаврид аст, ки дар «БҚ» вожаи **хишт** ба маънии марбут ба «З»-у «П» омадааст: «**Хишт** – бар вазни **зишт**; *оҷури хом ва пухта*ро гӯянд; ва навъе аз силоҳи ҷанг бошад ва он найзаи кӯчакест, ки дар миёни ҳалқае аз ресмон ё абрешум бофта баста бошанд ва ангушти ҳаббобаро дар он ҳалқа карда ҷониби хасм андозанд; **ва номи нуски дувоздаҳум аз ҷумлаи бисту як нуски китоби «Занд»-у «Позанд»**, яъне қисм аз ҷумлаи бисту як қисм, чи нуск ба маънии *қисм* бошад; ва *навъе аз ҳалво* ҳам ҳаст,

---

[1] Шакли дурусти калима «ҳамегӯям» аст. Ниг.: Тӯсӣ, Асадӣ. Луғати фурс [Матн]: Муқаддима, таҳия, таълиқот, ҳошия ва феҳристи Нурулло Ғиёсов / Асадии Тӯсӣ. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2015. –С.132.

ки дар машкҳо ва чоҳо резанд, ки то як порча ва қурс шавад» [5, ч. 1, с. 393].

Аз баррасии маъхазҳои зикргардида метавон ба натиҷае расид, ки «П»-ро баъзе фарҳангнигорон дар асоси матнҳои осори шоирон нигоштаи худи Зардушт ё гунаи дигари номи Авесто пиндошта ва ҳамин тавр сабт кардаанд, ки ин андеша қобили қабул нест.

Чунонки аксари маъхазҳо иттилоъ медиҳанд, «З» тарҷумаву тафсири Авасто ба паҳлавӣ ва «П» гузориши «З» ва дигар осори динии паҳлавӣ мебошад, ки ба хатти авестоӣ нигошта шудаанд. Омили асосии бо ин хат нигошта шудани матнҳои паҳлавӣ душвории алифбои он буд, ки барои аксар котибону нотиқони матнҳои паҳлавӣ душвориҳову духӯрагиҳо пеш оварда буд.

Бояд гуфт, ки «БҚ» ҳамчун сарчашмаи муҳимми лексикографӣ барои ҳифзи воҳидҳои луғавии «З»-у «П», ки номи китобҳои арзишманди ниёгони мо маҳсуб меёбанд, нақши муҳим бозидааст.

## 2.5. Ҳузворишҳои марбут ба кайҳоншиносӣ

Лексикаи «БҚ» дар баробари дигар гурӯҳҳои луғавӣ вожаҳои марбут ба кайҳону ҷирмҳои осмониро ҳам фаро гирифтааст. Теъдоди чунин калимаҳо дар луғатномаи мазкур нисбатан зиёд аст, вале дар ин навишта танҳо Ҳ-ҳои марбут ба кайҳоншиносӣ матраҳ мешаванд. Бо назардошти вижагиҳои назаррас ва арзишҳои илмии онҳо дар фасли алоҳида Ҳ-ҳое мисли **анҳубо, рабзабо** ва **камриё** баррасӣ хоҳанд шуд.

Воҳиди луғавии **анҳубо** дар Ф бо ишора ба луғати «З»-у «П» ҳамчун номи ситораи Муштарӣ сабт шудааст [5, ҷ. 1, с. 123].

М. Муин дар поварақи «БҚ» бо такя ба маълумоти сарчашмаҳо таъкид кардааст, ки ин вожа Ҳ набуда, қироати ғалати калимаи паҳлавии **Ôhrmazd** мебошад ва бо сабаби он ки ин калимаро дар шакли **anhōmā** талаффуз мекарданд, М. Бурҳон ба ҷойи «мим» «бо» оварда, ба гунаи **анҳубо** сабт кардааст [28, ҷ. 1, с. 179]. А. Каримов ин моддаи луғавиро ба гунаи $^{>}$**WHZHZD** қайд карда, онро дар қисмати воҳидҳои луғавии шибҳиҳузвориш (псевдоидеограмма) овардааст [7, с. 33].

**Рабзабо** моддаи луғавии дигар аст, ки дар «БҚ» омада, онро М. Бурҳон бо ишора ба луғати «З»-у «П» ба маънои *хуршед* зикр кардааст [5, ҷ. 2, с. 63].

Д. Саймиддинов ин Ҳ-ро дар ҳарфнавишт ба гунаи **ZBZB'** нишон дода, овонавишти онро ба гунаи **xwaršēd** овардааст [15, с. 78].

С. Урён Ҳ-и фавқро дар ҳарфнавишт ба гунаи **ZBZBA** ва дар овонавишт ба шакли **xwar(x)šēd** зикр карда зимнан таъкид намудааст, ки «ин ҳузвориш ба ин сурат дар ҳеҷ як аз забонҳои сомӣ наёмадааст. Эҳтимолан, бояд ба ҷойи ҳузвориши **ZOYWA**, ки худ сифате аст дар баробари **(x)šēd**-и эронӣ ба маънои *дурахшон* ба кор рафта бошад» [44, с. 38].

А. Каримов Ҳ-и мазкурро дар ҳарфнавишт ба гунаи **ZBZB>** ва дар овонавишт ба шакли **x$^{v}$aršēd** зикр кардааст [7, с. 18].

М. Муин дар ҳошияи «БҚ» ба Ҳ будани ин вожа ишора карда, гунаи **рабзабо**-ро шакли таҳрифшудаи Ҳ-и **забзабо** ҳисоб кардааст [28, ч. 2, с. 937].

**Камриё** дар «БҚ» бо такя ба луғати «З»-у «П» ба маънои *моҳтоб* оварда шудааст [5, ч. 2, с. 398]. Тибқи маълумоти дар ҳошияи «БҚ» тазаккурёфта, ин вожа аз Ҳ-и **k(a)mryā** буда, дар паҳлавӣ бо вожаҳои **ēghām, ēyām** ба маънои *айём, ҳангом* ва *қамар (моҳ)* [28, ч. 3, с. 1696] муродиф аст. Дар ҳарфнавишт ин Ҳ-ро С. Урён ба гунаи **KMLYA** ва дар овонавишт ба шакли **māh** зикр карда, дар матни «П» дар шакли **kmaryā** омадани онро ишора намудааст [44, с. 39].

Чунонки мушоҳида шуд, ҳар се воҳиди луғавии дар шакли Ҳ сабтгардида ба тағйироти кулливу ҷузъӣ дучор шудаанд ва ё комилан ба ҷойи дигар воҳиди луғавӣ тазаккур ёфтаанд.

Таҳқиқи чунин гурӯҳи калимаҳо имкон фароҳам меорад, ки вожаҳои сараву иқтибосӣ ва шакли ғалати унсурҳои луғавӣ ва омехташавии онҳо бо унсурҳои бегона муайян карда шавад.

## 2.6. Ҳузворишҳои марбут ба номи шахс, вазифа ва мафҳумҳои ба он вобаста

«БҚ» дар баробари фаро гирифтани гурӯҳҳои гуногуни луғавӣ вожаву ифодаҳои марбут ба номи шахс ва мафҳумҳои ба он вобастаро низ дар худ ҷой додааст. Зикри номвожаҳо дар луғатномаи мавриди назар хеле зиёданд ва имкони баррасии ҳамаи онҳо дар ин фасл нест. Ин ҷо танҳо Ҳ-ҳои ифодакунандаи номи шахс, ки дар луғатнома зери унвони «луғати «З»-у «П»» зикр шудаанд, ба риштаи таҳқиқ кашида мешаванд.

Лозим ба зикр аст, ки воҳидҳои луғавии дар ин фасл баррасишаванда, асосан, ҷонишинҳо ва исмҳои ҷомеи марбут ба шахс мебошанд, вале дар зимн номвожаҳои шахсиятҳои таърихии дар Авесто, «З» ва «П» дарҷёфта низ ишора мешаванд. Ба ин гурӯҳ моддаҳои луғавии ***ирг*, *раман, шарито, варман, кад, като, гумашун, маншиё ва ваҳманиш*-**ро шомил кардан мумкин аст. Вожаҳои зикршуда дар «БҚ» исми шахсро ифода карда, бо такя ба луғати «З»-у «П» мавриди шарҳу баррасӣ қарор гирифтаанд.

М. Бурҳон дар шарҳи вожаи **ирг** чунин овардааст: «**Ирг** ارگ – ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *мардум* бошад, чи **иргон** мардумонро гӯянд»[1] [5, ҷ. 1, с. 132].

А. Деҳхудо, М. Муин гунаҳои **арк, арг** ва **ирг**-ро ба маънои *қалъаи кӯчак дар дохили қалъа, диж* ва ҷойе ҳамчун истилоҳи физикии марбут ба воҳиди кор шарҳ додаанд [30, ҷ. 2, с. 1891-1892; 37, ҷ. 1, с. 205]. Аз шарҳи муаллифон пайдост, ки онҳо воҳиди луғавии **ирг**-ро ба ҳайси Ҳ шарҳ надодаанд ва ин ташреҳ дар «БҚ» мазкур аст. Вожаи **ирг**, ки луғатнависони зикршуда ба маънои *қалъаи кӯчак* шарҳ додаанд, дар адабиёти классикии тоҷик ба гунаи **арк** зиёд ба мушоҳида мерасад.

М. Бурҳон дар шарҳи воҳиди луғавии **раман** чунин навиштааст: «**Раман** رمن – бар вазни **чаман**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои

---

[1] Ба хотири фарқ кардани маънои вожаҳо аз зикри унсурҳои ҳамвазн дар дохили иқтибос маънои вожаҳо тариқи моил (курсив) ва муодили арабияшон бо ранги сиёҳи баланд (жирный) оварда шудааст, ки таъкиди мо аст, на асли матн. Дар саҳифаҳои баъдӣ низ чунин тартиб риоя мешавад.

*маҷмуъ* ва *ҳама* бошад, чунонки ҳар гоҳ гӯянд «***раманро дидам***», яъне ҳамаро ва маҷмуъро дидам» [5, ч. 2, с. 73]. М. Муин бар он назар аст, ки дар хониши Ҳ-и мазкур саҳв рафтааст ва он бояд дар шакли **lenā - lnh** қироат шавад [ниг. 28, ч. 1, с. 962]. А.Деҳхудо ҳам ба ҳамин маънӣ ишора кардааст [30, ч. 13, с. 1800].

С. Урён ҳарфнавишти ин Ҳ-ро ба гунаи **HL** нишон дода ишора кардааст, ки ин вожа дар забон-асоси ҳиндуаврупоӣ ба гунаи **solu̯os,** дар санскрит – **sárva**, дар авестоӣ – **haurva**, дар порсии бостон – **haruva**, дар портӣ – **KLˀ**, дар паҳлавӣ – **KRˀ** ва дар матнҳои позанднависӣ – **har** дучор омадааст [44, с. 443].

Ҳ-и **шарито شريتا** – дар «БҚ» ба маънои *подшоҳ* омадааст, ки ифодакунандаи исми шахс мебошад [5, ч. 2, с. 217]. Дар Ф-ҳои «О», «НА» ва «Л» низ вожаи мавриди назарро ба ҳамин маънӣ шарҳ додаанд [30, ч. 9, с. 14251].

Ин моддаи луғавӣ дар арабӣ ба гунаи **šālat > šallît,** дар оромии сурёнӣ – **šālit, šəlat**, дар ошурӣ – **šalātu**, дар набатӣ – **šlt**, дар оромии китоби муқаддас, оромии императорӣ, оромии яҳудӣ – **šallîtā** ва дар матнҳои позанднависӣ – **šarîtā** дучор омадааст [44, с. 191-192]. Маълумоти фавқ баёнгари он аст, ки воҳиди луғавии баррасишуда Ҳ аст.

Воҳиди луғавии **гумашун گومشون** низ дар «БҚ» ҳамчун вожаи ифодакунандаи мафҳуми шахс шарҳ дода шудааст. Тибқи иттилои ҳамин луғатнома, ин вожа ба забони «З»-у «П» *ӯшон* ва *эшон* ва *онҳо*-ро ифода мекунад [5, ч. 3, с. 44]. А.Деҳхудо ҳам бо ишора ба «БҚ», «О» ва «НА» вожаи мавриди назарро ҳамин тавр шарҳ додааст [30, ч. 12, с. 19415].

М. Муин овонавишти вожаро дар шакли **avshān** нишон додааст [ниг. 28, ч. 2, с. 1461]. Вожаи мазкур дар Ф-ҳои решашиносӣ аз шакли зикркардаи М. Бурҳон фарқи овоӣ дорад. Дар «ВП(«П»)» овонавишти калима ба гунаи **ōy-šān** сабт шуда, дар матнҳои позанднависӣ ба гунаи **varmanšan** ишора шудааст [44, с. 424]. Агар ба қонуниятҳои тағйиру табдили овозҳо дар гузашта такя гардида, шакли позанднависии моддаи

луғавии мавриди таҳлил ба назар гирифта шавад, ба чунин натиҷа метавон расид, ки вожаи мазкур дар шакли зикркардаи М. Бурҳон (**гумашун**) Ҳ аст ва гунаҳои **ōу-šān** ва **avshān** муодили паҳлавии он аст.

Воҳиди луғавии **маншиё منشیا** - ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи исми шахс ба маънои *хидматгори оташкада* шарҳ дода шудааст [5, ч. 3, с. 108]. М. Муин Ҳ-и ин вожаро дар шаклҳои **mansh(y)â, maghshyâ, magôshîyâ** нишон дода, гунаи охиринро саҳеҳ ҳисобидааст [ниг. 28, ч. 4, с. 2043]. А.Деҳхудо ҳам ҳамин тавр шарҳ додааст [30, ч. 14, с. 21647].

Ҳ-и дигари ифодагари номи шахс моддаи луғавии **варман** аст. М. Бурҳон дар шарҳи он чунин навиштааст: «**Варман** ورمن - бар вазни **арзан**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *ӯ* бошад, ки замири ғоиб аст ва ба арабӣ **ҳува** мегӯянд» [5, ч. 3, с. 174]. Овонавишти ин воҳиди луғавӣ дар повараки луғатнома дар шакли **v(a)rman** ва гунаи паҳлавии он **ô(y)** нишон дода шудааст [28, ч. 4, с. 2276].

Муҳаққиқон Г. Ҷӯйборӣ ва Ҳ. Наврӯзӣ ин тарзи сабти Ҳ-ро тасҳифшуда ҳисобида, гунаи саҳеҳи онро **'LH** ҳарфнависӣ кардаанд. Ин муҳаққиқон ғалат сабт гаштани Ҳ-и мазкурро *«натиҷаи надонистани мавридҳои корбасти унсури «п» (н) дар оғози калима»* ҳисобидаанд [140, с. 149].

Моддаи луғавии дигари сермаъно **кад** аст, ки ҳамчун Ҳ мафҳуми шахсро ифода кардааст. Ин унсури луғавӣ дар «БҚ» ба таври зер оварда шудааст: «**Кад**کد – ба маънии *хона* бошад ва ба арабӣ **байт** хонанд; ва ба маънии *нухуст* ва *аввал* ҳам омадааст; ба ташдиди сонӣ (яъне **кадд**) дар арабӣ ба маънии *ҷидду ҷаҳд* ва *кӯшиш* бошад; ва ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънии ***кас*** бошад (бо фатҳи коф) ва арабон **шахс** гӯянд» [5, ч. 2, с. 360].

Вожаи **ваҳманиш** وهمنش дар фарҳанги мавриди омӯзиш бо такя ба луғати «З»-у «П» ба маънои *шахси гуфтор ва кирдор ва дилу забони ӯ ба Ҳақ таоло росту дуруст* шарҳ ёфтааст [5, ч. 3, с. 400]. А.Деҳхудо ҳам ин моддаи луғавиро бо такя ба «А», «НА» ва «БҚ» ба ҳамин тартиб шарҳ

додааст [30, ҷ. 15, с. 23256]. Дар повараќи луғатнома омадааст, ки вожаи **ваҳманиш** аз пайвасти калимаҳои ***ваҳ*** ба маънои *нек, хуб, беҳ* ва **маниш -** *ниҳод, тинат* созмон ёфтааст. Ин вожа дар Авесто ба гунаи **Vohumana** ва дар забони паҳлавӣ дар шакли **vahuman** ба маънии *марди хушхӯю хуштабъ* дучор омадааст [28, ҷ. 4, с. 2296; 41, ҷ. 7, с. 4526].

Аз шакли зоҳирӣ, маъно, тағйиру табдили овозҳои таркиби калима пайдост, ки он вожаи аслии форсӣ-тоҷикӣ буда, чунонки баъзе муҳаққиқон ишора кардаанд, саҳван ба қатори Ҳ-ҳо оварда шудааст. Ин моддаи луғавӣ ҳамон вожаи авестоии **Vohumana** аст, ки аз ҷузъҳои **vah** ба маънии *беҳ, боло, хуш; нидои таҳсину офарин* [41, ҷ. 7, с. 4524], **man (***ман* ё *мен*) – *кас, шахс* [41, ҷ. 6, с. 4134] ва **-iš** пасванди исмсоз мураккаб шуда, бо ҳазфи садоноки «**u**» ба гунаи **vahmanish** дар «БҚ» сабт гардидааст. Шояд аз сабаби бисёр дучор омадани вожа дар матнҳои позанднависишуда муаллифи «БҚ» онро зери ибораи «ба забони «З»-у «П»» сабт карда бошад.

Аз гуфтаҳои боло метавон натиҷа гирифт, ки вожаҳои марбут ба шахс, ки ба луғати «З»-у «П» марбутанд, теъдоди муайяни Ҳ-ҳои забонро ташкил додаанд ва бори арзишманди маъноиро кашидаанд. Чунонки мушоҳида шуд, панҷ вожаи дигар ба исми шахс мансубанд. Се Ҳ-и матраҳшуда ҷонишин буда, аз лиҳози тағйироти овоии таркибашон барои муайян кардани бисёре аз унсурҳои забонӣ имкон фароҳам овардаанд.

Таҳқиқи ҳар кадоми чунин унсурҳои луғавӣ имкон медиҳад, ки гиреҳҳои таърихи ташаккули вожаҳои марбут ба ҷонишинҳо ва исми шахс, давраҳои дақиқи тағйири шакливу маъноии онҳо равшан гардад.

## 2.7. Ҳузворишҳои марбут ба мафҳумҳои хешутаборӣ

Дар забони тоҷикӣ теъдоди муайяни вожаҳо барои ифодаи мафҳумҳои хешутаборӣ ва муносибатҳои наздикону пайвандон ба кор бурда мешаванд. Ин навъи калимаҳо низ дар қатори дигар гурӯҳи унсурҳои луғавӣ дорои таърихи тулонӣ ва вижагиҳои худ мебошанд. Хусусиятҳои барҷастаи ин гурӯҳи калимаҳо бештар дар асарҳои таърихии марбут ба шоҳону давлатдории сулолаҳои гуногун инъикос шудааст. Ин қабати луғавии забон ҳам аз аҳаммияти таърихӣ бархурдор асту ҳам бозгӯйи роҳи пурпечутоби забон мебошад. Аз ин ҷиҳат шоиста аст, ки чунин воҳидҳои луғавӣ бо такя ба сарчашмаҳои муътамад таҳқиқ шаванд. Дар «БҚ» низ чанде аз вожа ва Ҳ-ҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ истифода шудаанд. Ин калимаҳо агарчи аз лиҳози теъдод нисбатан каманд, дорои хусусиятҳои сохториву маъноии назаррас мебошанд. Дар ин фасл вожаҳои **банмин, хотмар, нишмин** ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Воҳиди луғавии **банмин بنمين** аз ҷониби М. Бурҳон бо такя ба луғати «З»-у «П» ба маънои *писар* шарҳ гардидааст [5, ҷ. 1, с. 195]. Муаллифи «О» низ вожаи мавриди назарро ҳамин гуна шарҳ карда, ба Ҳ будани он ишора намудааст [41, ҷ. 1, с. 781]. А.Деҳхудо ҳам бо такя ба луғатномаҳои фавқ ба ҳамин маънӣ тафсир кардааст [30, ҷ. 4, с. 5034].

Дар «ВП(«П»)» омадааст, ки вожаи мазкур дар забони ибрӣ ба гунаи **bar**, дар сурёнӣ – **bur**, дар оромии бостон, набатӣ ва палмирӣ – **b$^{e}$reh** истифода шуда, дар матни «П» дар шакли **binman** омадааст [44, с. 183]. Агар ба овонависии вожа нигарем, зикри ин калима аз ҷониби муаллифи «БҚ» носаҳеҳ аст ва он бояд дар шакли **бинман** ё **бенман** хонда шавад. Дар ҳоли ба гунаи **банмин** ё **бенмин** хондан низ бояд бо ҳазфи **«ё»** дар шакли بنمن зикр шавад.

Ҳ-и дигари марбут ба мафҳуми хешутаборӣ воҳиди луғавии **хотмар** аст. М. Бурҳон дар шарҳи он чунин менависад: **«Хотмар خاتمر** бар вазни **тоҷвар**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *хоҳар* аст; ва ба касри мим

(яъне **хотмир**) ҳам дуруст аст; ва ба ҷойи **ро**-и қарашат **нун** ҳам ба назар омадааст, ки **хотман** бошад» [5, ҷ. 1, с. 370]. Дар «О» ҳам шарҳи калима ба тарзи зикргардида омадааст [41, ҷ. 3, с. 1572]. А.Деҳхудо низ ташреҳи «БҚ»-ро пайравӣ кардааст, вале ба Ҳ будани ин воҳиди луғавӣ ишора нашудааст [30, ҷ. 6, с. 9267].

С. Урён чаҳор сарчашмаи вожаи **хоҳар**-ро нишон дода, дар забонҳои бостонӣ ба кадом шакл омадани онҳоро зикр кардааст. Варианти ба «БҚ» наздик ва ҳам ба унвони Ҳ зикркардаи ӯ вожаи **AHTE [xwah]** мебошад. Тибқи иттилои ин сарчашма, воҳиди луғавии мазкур шакли муаннаси Ҳ-и **AH** аст ва дар матни «П» ба гунаи **x$^{v}$ātman** омадааст [44, с. 181-182].

М. Муин бар он назар аст, ки асли ин вожа аз Ҳ-и **xāt(ə)man** буда, дар матн ба гунаи **xātmar** тазаккур ёфтааст [ниг. 28, ҷ. 1, с. 695]. Шоистаи зикр аст, ки дар забони паҳлавӣ гунаҳои носаҳеҳи вожаи **хоҳар**, аз қабили **HWK** [**xwah**] низ дучор шудааст ва шояд бо таъсири забонҳои гуногун ва бадхониҳо Ҳ-и мазкур гунаи **xātmar**-ро гирифта бошад. Ин ҳам мумкин аст, ки муаллифи «БҚ» бо таъсирпазирӣ аз решаи қадимаи вожаи **хоҳар – hw$^{\text{ɔ}}$hl** [**xwāhar**] ва маънои Ҳ-и **x$^{v}$ātman** ба шакли **хотмар** зикр карда бошад.

Ҳ-и **нишмин** низ дар Ф-и мавриди омӯзиш ҳамчун воҳиди луғавии ифодакунандаи мафҳуми хешутаборӣ шарҳ гардидааст. М. Бурҳон дар шарҳи он чунин навиштааст: **«Нишмин نشمن** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *хешу табор*ро гӯянд» [5, ҷ. 3, с. 140]. «О» ҳам чунин тарзи ташреҳи вожаро тасдиқ кардааст [41, ҷ. 7, с. 4340]. А.Деҳхудо низ бо такя ба Ф-ҳои мазкур ҳамин маъниро ишора намудааст. Зимнан, ӯ бо ишора ба «НА» ин вожаро *қавм, қабила, ол, тоифа; тахт, курсӣ, маснад ва авранг* шарҳ додааст [30, ҷ. 14, с. 22507].

Ин вожа дар забони ибрӣ ба гунаи **n$^{\text{ə}}$paš**, дар ошурӣ – **napāšu**, дар финиқӣ, оромии бостон, набатӣ ва палмирӣ – **n$^{\text{ə}}$pas**, дар ибрии нав – **n$^{\text{ə}}$paš**, дар суръёнӣ – **napšā**, дар арабӣ – **نفس** (**nafs**) ва дар матни «П» ба шакли **nipišman** зикр шудааст [44, с. 185-186]. Бо такя ба ин маълумот, метавон

гуфт, ки ин Ҳ дар «БҚ» носаҳеҳ оварда шудааст, зеро агар қонуниятҳои тағйири овоз дар забон ба инобат гирифта шавад, таркиби овозии вожаи зикркардаи М. Бурҳон бо Ҳ-и **nipišman** мувофиқат намекунад. Тасҳиф шудани вожаро аз ҷониби М. Бурҳон фарҳангнигор М. Муин низ таъкид кардааст [ниг. 28, ҷ. 4, с. 2147].

Чунонки қайд гардид, Ҳ-ҳои ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ бо вуҷуди миқдоран кам будан дорои вижагиҳои барҷастаанд. Баррасиҳо нишон дод, ки дар раванди тағйироти сохтории забон ва ҳодисаҳои фонетикии он вожаҳои аслӣ аз Ҳ-ҳо таъсир пазируфтаанд. Ҳолатҳои таъсирпазирии Ҳ-ҳо аз вожаҳои аслӣ низ ба мушоҳида расид. Мавридҳое ҳам муайян шуд, ки дар хониши Ҳ-ҳо ва вожаҳои решагӣ ба омехтагӣ ва духӯрагӣ роҳ дода шудааст. Ба ҳар бобат, зикр ва шарҳи чунин унсурҳои луғавӣ ҷиҳати бардавомии онҳо дар забон ва ғановати таркиби луғавӣ мусоидат кардааст ва омӯзишу баррасии онҳо мубрам маҳсуб меёбад.

## 2.8. Ҳузворишҳои марбут ба узви бадан ва мафҳумҳои ба он вобаста

Ҳ-ҳои куҳани мансуб ба «З»-у «П», ки тавассути Ф-ҳо то мо омадаанд, дар забоншиносии тоҷик омӯхта нашудаанд, шояд бино ба дастрас набудани сарчашмаҳо муҳаққиқон ба ин самти таҳқиқ таваҷҷуҳ накардаанд.

Ҳ-ҳое, ки дар «БҚ» зикр шудаанд, мисли вожаҳои маъмулӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёт мансуб буда, чанде аз онҳо барои ифодаи узви бадан ба кор рафтаанд.

Барои муайян намудани дараҷаи истифодаи ин воҳидҳои луғавӣ дар асоси маводи Ф-ҳои дастрас ба таври муқоиса вожаҳо матраҳ гардида, дар сурати гуногун будани маонии калимаҳо фарқи онҳо зикр мешавад ва дар сурати ҳамгун будани маънои Ҳ-ҳои баррасишуда ба Ф-ҳо танҳо ишораи ҳавола гузошта мешавад.

Дар ин бахш вожаҳои **учатпаман, ядмин, шатмин, маниш, шуман, раро, како** ва **губиё** таҳлилу баррасӣ мегарданд.

Ҳ-и моддаи луғавии ифодакунандаи *ангушт*, ки аз узви фаъоли инсон маҳсуб меёбад, **учатпаман** аст. М. Бурҳон ин моддаи луғавиро чунин шарҳ додааст: «**Учатпаман اوچت پمن** – бар вазни **туғралтакан;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *ангушт* бошад, мутлақан, хоҳ ангушти по ва хоҳ ангушти даст» [5, ҷ. 1, с. 125; 28, ҷ. 1, с. 181]. А.Деҳхудо ҳам бо такя ба луғатномаҳои «НА», «О» ва «БҚ» вожаи фавқро айнан ҳамин гуна шарҳ додааст [30, ҷ. 3, с. 3623]. Ин Ҳ аз решаи **AWCḆ $^{(C)}$TE** буда, дар ибрӣ бо вожаи **ṣəḇaʾ**, дар оромӣ бо вожаи **ʾṣḇ$^{c}$a**, дар ошурӣ бо вожаи **ṣibû** ифода ёфтааст. Дар матни «П» ба гунаи **hōjptaən** мазкур аст, ки он дар овонавишт ба гунаҳои **hōčatapman, hučatpaman, hōjatpaman** хонда шудааст [44, с. 163].

Тибқи иттилои «ФРҲЗФ» вожаи **ангушт** дар забони санскрит ба гунаи **āngam**, дар юнонӣ – **ānkos**, **āgkos**, **ankulūs**, дар авестоӣ – **anguhsta**, дар

порсии бостон – **angst** ва паҳлавӣ ба шакли **angust** ба мушоҳида расидааст [34, с. 95].

Ҳ-и дигари ифодакунандаи узви инсон **шатмин** شتمن – аст, ки дар луғати «З»-у «П» мафҳуми «*нишастангоҳ*» (*мақъад*)-ро ифода мекунад [5, ҷ. 2, с. 212]. Дар «Л»-и А.Деҳхудо ҳам ба ҳамин маънӣ шарҳ дода шуда, ба унвони сарчашма танҳо «БҚ» зикр шудааст [30, ҷ. 9, с. 14163]. С. Урён низ дар матни «П» ба гунаи **šatman** зикр шудани вожаро таъкид кардааст [44, с. 169].

Моддаи луғавии **шуман** شومن низ дар Ф-и мавриди омӯзиш дар қатори Ҳ-ҳои ифодакунандаи узви инсон сабт шудааст. Ин Ҳ ба забони «З»-у «П» ба маънои *пешонӣ* ба кор рафта, тибқи иттилои муаллифи «БҚ», бо касри мим дар шакли **мумин** ҳам мушоҳида шудааст [5, ҷ. 2, с. 238; 28, ҷ. 3, с. 1311]. А.Деҳхудо ҳам бо такя ба Ф-ҳои «А», «БҚ» ва «О» ҳамин гуна шарҳ додааст [30, ҷ. 10, с. 14581]. Ин Ҳ аз решаи **GḆYNE** буда, овонавишти он ба гунаи **pēšānîg** аст. Ин мафҳум дар забони ибрӣ бо вожаи **jibēn,** дар арабӣ – **jabîn**, дар оромӣ – **gəḇinā** ифода ёфтааст [44, с. 151].

Ҳ-и **како** ككا – дар Ф-и мавриди омӯзиш барои ифодаи узви инсон омада, дар забони «З»-у «П» ба маънои *дандон* шарҳ дода шудааст [5, ҷ. 2, с. 386; 28, ҷ. 3, с. 1664]. А.Деҳхудо ҳам бо иқтибос аз «БҚ», «О» ва «НА» моддаи луғавии **како**-ро ҳамчун Ҳ ба ҳамин маъно қайд карда, бо такя ба маълумоти «А» ва «О» ба маънои *саргин ва фазлаи одамӣ* шарҳ додааст [30, ҷ. 12, с. 18433].

Мавриди зикр аст, ки ин моддаи луғавӣ ҳам чун Ҳ-ҳои бозмондаи оромӣ барои ифодаи узви инсон омада, ба пешинаи вожаи **дандони** имрӯза робитаи овоӣ надорад, зеро таҳаввули овозии таркиби калимаи **како** ва таърихи таҳаввули калимаи **дандон** ҳамгун нест. Ҳ-и **како**, ки барои ифодаи *дандон* ба кор рафтааст, аз решаи **KKA** буда, вожаи аслии дандон аз решаи **dndʾn** аст [44, с. 156]. Калимаи **дандон** таърихан дар забони тоҷикӣ мавҷуд буда, аз решаи **донт, дент, едонт**-и забон-асоси ҳиндуаврупоӣ сарчашма гирифтааст ва дар лотинӣ ба гунаи **dantān,**

авестоиву порсии бостон ба шакли **dantān** ва дар давраи миёнаи мавҷудияти забони порсӣ бо бадал шудани овози «**t**» ба «**d**» гунаи **dandān-**ро гирифтааст [34, с. 284].

Воҳиди луғавии **губиё** **گوبیا** дар Ф-и мавриди омӯзиш бо такя ба луғати «З»-у «П» ба маънои *забон* ба кор рафтааст [5, ч. 3, с. 39]. Вожаи мазкур, тибқи иттилои М. Муин, дар «Бундаҳишн» ба гунаи **gôbyâ** омада, дар забони паҳлавӣ ба гунаҳои **gôbâk** ва **gôyâk** ба маънои *гӯё, гӯянда, сухангӯ* истифода шудааст [ниг. 28, ч. 3, с. 1849].

А.Деххудо ҳам дар шарҳи ин калима ба «БҚ» ишора кардааст [30, ч. 12, с. 19340]. Лозим ба зикр аст, ки ин моддаи луғавӣ аз лиҳози овоӣ бо вожаи **забон** мутафовит бошад ҳам, аз лиҳози маъно ва иҷрои амал ҳамгун аст. Олимон Г. Ҷӯйборӣ ва Ҳ. Наврӯзӣ ҳам мутобиқати маъно ва шакли ин вожаро ишора карда, онро ба гурӯҳи Ҳ-ҳои оромиасл шомил кардаанд: «…«Губиё» дар «Бурҳон» ба маънои забон омадааст. Ин вожа дар фарҳангҳои имрӯзӣ низ ба сурати **gwby** забт шудааст. Дар аккодӣ **qubbu** ба маънои *гуфтан* аст, агар ин маъниро бипазирем, «**губиё**» ҷузъи ҳузворишҳои навъи аввал ва оромиасл аст» [140, с. 147].

Ин моддаи луғавӣ аз решаи **GWBŠN** буда, дар овонавишт ба гунаи **gōwišn** сабт шудааст ва маънои *гӯиш, гуфтор*-ро ифода кардааст. Ин вожа аз решаи **gōw** – аз феъли **гуфтан** ва пасванди созандаи исми маънӣ **-išn** сохмон ёфтааст. Вожаи мазкур дар матни «П» ба гунаи **gōbÿān** мазкур аст [44, с. 157]. Агар ба таркиби овозии калима ва маонии дар сарчашмаҳо зикршудаи он такя шавад, метавон натиҷа гирифт, ки ба маънои *забон* шарҳ додани калима аз ҷониби муаллифи «БҚ» сатҳист, зеро вожаҳои **забон** ва **гуфтор** ё **гӯиш** аз ваҷҳи маъно шабоҳати кам доранд. Вожаи **губиё** аз лиҳози овоз ва маъно ба вожаи имрӯзаи **гуфтор** мувофиқ аст, на вожаи **забон**. Аз тарафи дигар, вожаи **забон** дар матни «П» ба гунаи **huzv̄ąn** сабт гардидааст [44, с. 157-158], ки он, ба тахмини мо, ба шакли куҳани калимаи мазкур наздикӣ дорад.

Аз таҳлили вожаи мазкур метавон ба натиҷае расид, ки новобаста аз он ки М. Бурҳон ин моддаи луғавиро таҳти итилоҳи **«З»-у «П»** овардааст ва муҳаққиқон Г. Ҷӯйборӣ ва Ҳ. Наврӯзӣ онро Ҳ-ҳои оромиасл гуфтаанд, мо муқобили ин андеша ҳастем, зеро ин воҳиди луғавӣ аз лиҳози маъно ва шакл бо вожаи аслии тоҷикии гӯйиш ҳамгун аст.

Моддаи луғавии **маниш** дар Ф-и мавриди омӯзиш илова ба се маънои марбут ба инсон ҳамчун вожаи ифодакунандаи узви инсон шарҳ дода шудааст. М. Бурҳон дар шарҳи ин моддаи луғавӣ чунин менависад: «**Маниш** منش – ба маънои *хӯй* ва *табиат* бошад, чи манишӣ ба маънои табъӣ аст; ва табъи баланд ва тинати бузургро низ гӯянд; ва ба маънои *ҳиммат* ва *сахо* ва *карам* ҳам ба назар омадааст; ва ба забони «Занд»-у «Позанд» ба маънои *дил* бошад, ки арабон **қалб** хонанд [5, ҷ. 3, с. 108].

Ин моддаи луғавӣ аз исми масдари паҳлавии **mên(i)shn** буда, аз решаи **man** ба маънои *андешидан* аст ва сарчашмааш вожаи санскрити **durmanas** ва ҳиндии бостон **mânas** ба маънои *андеша* мебошад [ниг. 28, ҷ. 4, с. 2042].

А.Деҳхудо дар асоси қайдҳои дар Ф-ҳои «БҚ», «ҒЛ», «О» ва «ФР» омада ин моддаи луғавиро ба маънои *хӯй, табиат* шарҳ дода ишора мекунад, ки дар «НА» ба маънои *хӯю табъ ва табиату хислату ниҳоду сиришт* омадааст. Ҳамчунин дар «Ёддоштҳо»-и А.Деҳхудо ба маънои *фитрат, табиат, ҷибиллат, одат* тафсир гардидааст [30, ҷ. 14, с. 21640]. Дар «ФФ»-и М. Муин ва «ФФА» низ вожаи мазкур ба маънои *табиат, фитрат, хӯй, ҳиммат* зикр шудааст [26, ҷ. 3, с. 2320; 180].

Лозим ба таъкид аст, ки вожаи **маниш** бо вуҷуди дар Ф-и мавриди омӯзиш зери унвони «З»-у «П» оварда шуданаш таърихан дар забони тоҷикӣ мавҷуд аст ва пешинааш ба забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ мерасад. Ин воҳиди луғавӣ дар ҳиндуаврупоӣ чун сарвожа (**men-, mne-**) дар оғози калимаҳо истифода шуда, дар забони санскрит ба гунаи **manas**, **durmana**, дар авестоӣ – **manah**, **mathro**, дар порсии бостон – **(hakha) manrsh**, дар юнонӣ – **memona**, дар паҳлавӣ – **mēnishn**, дар порсии муосир ба шакли **manesh** истифода шудааст [34, с. 480]. Дар аксари Ф-ҳое, ки

воҳиди луғавии **маниш**-ро шарҳ додаанд (ба истисноии «БҚ»), ин вожа ҳамчун Ҳ қайд нашудааст ва маънои *дил*-ро ҳам ифода накардааст. Ин маъно танҳо дар «БҚ» бо такя ба луғати «З»-у «П» зикр шудааст. Бо назардошти чунин ҳолат метавон тахмин зад, ки воҳиди луғавии мавриди баррасӣ ё баробари ифодаи маънои *хӯю табиат* чун Ҳ барои ифодаи узви инсон ба кор рафтааст, ё чунонки олимон Г. Ҷӯйборӣ ва Ҳ. Наврӯзӣ қайд карданд[1], ба иллати бадхонӣ ва нуқси сарчашмаҳо ба қатори Ҳ-ҳо шомил гардидааст.

Ҳ-и дигари ифодакунандаи қисме аз узв, ки дар «БҚ» қайд шудааст, калимаи **варкато**-ст. Ин моддаи луғавӣ дар луғати «З»-у «П» устухонро ифода кардааст [5, ҷ. 3, с. 174; 28, ҷ. 4, с. 2275].

Бо такя ба маълумоти «ФРҲЗФ» метавон гуфт, ки ин вожа ҳам чун Ҳ дар забони оромӣ барои ифодаи мафҳуми устухон ба кор рафтааст ва, зоҳиран, робитаи овӣ бо вожаи аслии **устухон** надорад [34, с. 88].

А.Деҳхудо ҳам зимни шарҳи ин калима ба унвони сарчашма Ф-ҳои «БҚ», «О» ва «НА»-ро нишон дода, маънои фавқро қайд намудааст [30, ҷ. 15, с. 23168]. Ин Ҳ дар оромӣ ба гунаи $^{ci}$**lgātā**, дар оромии императорӣ – $^{c}$**l**$^{c}$**y**, дар оромии китоби муқаддас – $^{c}$**il**$^{c}$**în,** дар фаластинии масеҳӣ – $^{c}$**il**$^{c}$**ā** ва сурёнӣ – $^{c}$**el**$^{c}$**ā** зикр шуда, дар матнҳои позанднависӣ дар шакли **varkatā** сабт шудааст [44, с. 147].

М. Бурҳон калимаи **хуном**ро ҳам дар қатори вожаҳои «З»-у «П» ҷой додааст. Муаллиф ин вожаро ба маънои *андом* чунин зикр мекунад: «**Ҳуном** هنام – бар вазни **ғулом**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои *андом* бошад, ки дар баробари беандом аст» [5, ҷ. 3, с. 203].

Бино ба иттилои М. Муин, ин вожа мухаффафи вожаи паҳлавии **«handâm»** аст [ниг. 28, ҷ. 4, с. 2375]. А.Деҳхудо низ ҳамин маъниро қайд кардааст [30, ҷ. 15, с. 23558]. Агар ба ишораи М. Муин ва шарҳи А.Деҳхудо такя кунем, ин вожаро ҳам метавонем ба гурӯҳи сеюми Ҳ-ҳо

---

[1] Олимон Наврӯзӣ ва Ҷӯйборӣ вожаҳои мансуб ба «Занд»-у «Позанд» будаи фарҳанги «Бурҳони қотеъ»-ро ба се гурӯҳ ҷудо кардаанд, ки гурӯҳи сеюми он аслан Ҳ набуда, ба иллати бадхонӣ ба Ҳ-ҳо шомил гардидаанд.

*(вожаҳои бар асари бадхонӣ ба қатори Ҳ-ҳо дохилшуда)* шомил намоем, зеро Ҳ-и забони оромӣ, ки чандин аср пеш аз забони паҳлавӣ аст, наметавонад мухаффафи вожаи паҳлавӣ бошад.

Ҳ-и дигари дар «БҚ» зикршуда моддаи луғавии **ҳупман** هوپمن аст, ки ба луғати «З»-у «П» ба маънои *рӯй* омадааст [5, ч. 3, с. 205].

А.Деҳхудо ҳам танҳо бо такя ба «БҚ» ҳамин маъниро ишора кардааст [30, ч. 15, с. 23579].

Ин вожа аз Ҳ-и «**hôp(a)man**» ё **«hûp(a)man»** буда, дар паҳлавӣ ба гунаи **rôd** мушоҳида мешавад [28, ч. 4, с. 2388]. Ин Ҳ дар забони ибрӣ ба гунаи **ʾanf**, дар ошурӣ – **appu**, дар оромӣ – **ʾanpeh**, дар сурёнӣ – **ʾapay** ва дар матни «П» – **aōpaman** дучор омадааст [44, с. 154].

Ҳ-и вожаи **рӯй**, ки имрӯз мустаъмал аст, **ANPE [rōy]** буда, он худ аз вожаи санскритии **róha** аст. Ин воҳиди луғавӣ аз санскрит ба забони авестоӣ дар шакли **raoda** ва аз авестоӣ ба порсии миёна ба гунаҳои **rwy, rōd** гузаштааст [44, с. 154]. Вожаи мазкур дар давраи миёнаи инкишофи забони порсӣ аввал ба гунаи **рӯд** (**rôd**) дучор шуда, баъдан ба **рӯй** (**rôy**) табдил ёфтааст ва имрӯз ҳам дар шакли **рӯй (rôy)** истифода мешавад. Табдили овози охири калима аз **«д»** ба **«й»** ***(d>y)*** дар порсии миёна тибқи қонуни таҳаввули овоӣ дар аксар калимаҳо рух додааст, яъне ҳамсадои «**d**» дар байни калимаҳо баъди садонок ба ҳамсадои **«y»** гузаштааст. Ба ин монанд ҳодисаи табдили овоз дар калимаҳои **пой** (***pâda>pây***), **май** (***madu>may***), **бӯй** (***bauda>bôy***) ва чанде дигар рух додааст [98 (давраи миёна), с. 44].

Ҳ-и **ядмин** يدمن – дар луғати «З»-у «П» ба маънои *даст* омадааст [5, ч. 3, с. 214]. М. Муин дар поварақи «БҚ» ишора кардааст, ки ин вожа аз Ҳ-ҳои **yadm(a)n, yadamn, yadhaman, gdman(i)** буда, муродифи паҳлавии он ба гунаи **dast** мушоҳида мешавад [ниг. 28, ч. 4, с. 2428].

Тибқи иттилои А.Деҳхудо, дар «НА» вожаи мазкур танҳо ба маънои *даст* ва *яд* омада, дар «БҚ» ва «О» ҳамчун Ҳ шарҳ дода шудааст [30, ч. 15, с. 23759].

Бо такя ба маълумоти «ФРҲЗФ» [34, с. 278-279], метавон ҳадс зад, ки ин моддаи луғавӣ ба ҳайси Ҳ барои ифодаи узви инсон ба кор рафта, бо вожаи **даст**, ки имрӯз мустаъмал аст, робитаи овӣ надорад, зеро пешинаи вожаи **даст** аз лиҳози таркиби овӣ ба ҳеч як аз овонигориши вожаи **ядмин** ҳамгун нест.

Ин Ҳ дар матни «П» ба гунаи **yadaman** зикр шудааст [44, с. 163].

Дар забони тоҷикӣ вожаи иқтибосии арабии **яд** мавҷуд аст, ки дорои маънои бисёр мебошад. Вожаи мазкур дар «ФЗТ» ба маонии *даст,* **яди байзо** (киноя аз дасти муъҷизакори Мӯсо пайғамбар), *киноя аз дасти сафеди ёр, равшанӣ, киноя аз офтоб, муъҷиза, корнома, маҳорат, тавоноӣ, қудрат, машҳур, маълум, забардаст* шарҳ ёфтааст [19, ҷ. 2, с. 627].

Гуфтан ҷоиз аст, ки вожаи иқтибосии **яд** дар адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ дар алоҳидагӣ ва дар таркиби ибораҳои **яди байзо, яди суфло, яди туло, яди улё** ва ғайра серистеъмол аст. Бавижа, дар осори Хоқонӣ, Саъдиву Ҳофиз ва дигар шоирони ориф хеле зиёд ба кор рафтааст. Чунончи:

Яди зулм ҷое, ки гардад дароз,

Набинӣ лаби мардум аз ханда боз (Саъдӣ). [19, ҷ. 2, с. 627].

Аз маонии вожаи **ядмин** дар «БҚ» ва шарҳи вожаи **яд** дар «ФЗТ» метавон тахмин кард, ки ин Ҳ аз забони оромӣ ба арабӣ ва аз арабӣ дар шакли ихтисор (ба гунаи **яд**) ба форсӣ-тоҷикӣ иқтибос шудааст.

Моддаи луғавии дигар **роро** аст, ки дар «БҚ» бо такя ба луғати «З»-у «П» ба маънои *гӯш* омадааст [5, ҷ. 3, с. 222]. Тибқи иттилои А.Деҳхудо, дар «НА» ҳам ин воҳиди луғавӣ ба ҳамин маънӣ зикр шудааст [30, ҷ. 8, с. 11999].

Ин вожа аз Ҳ-и **LLA** буда, дар оромӣ ба гунаи **lillā**, дар сурёнӣ – **lellā**, дар аккодӣ – **lillu** ва дар матни «П» дар шакли **rara** зикр гаштааст [44, с. 150-151]. Ҳамчунин, қайд гардидааст, ки Нюберг саҳван ин Ҳ-ро ба гунаи **дӯш (dōš)** хонда ва маънидод кардааст, ки дуруст нест. Муҳаққиқ ба

маънои *гӯш* низ истифода шудани Ҳ-и мазкурро низ зери шубҳа қарор додааст ва баъд аз овонавишту маъникушоии вожаи **гӯш** аломати савол (?) гузоштааст [44, с. 150-151].

Шоистаи зикр аст, вожаи **гӯш**, ки имрӯз мустаъмал аст, бо ин Ҳ ҳамреша нест ва решаи он **gheus**-и забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ аст. Ин вожа дар забони авестоӣ ба шакли **gaoša**, дар форсии бостон ба гунаи **gauša** ва дар порсии миёна – **gōš** дучор шудааст [44, с. 151; 34, с. 446-447].

Аз баррасии Ҳ-ҳои ифодакунандаи узви инсон дар «БҚ» метавон ба хулосае омад, ки Ф-и мавриди омӯзиш нисбат ба дигар сарчашмаҳои лексикографӣ дар ҳифзу интиқоли Ҳ-ҳои марбут ба узви бадан нақши бештар дорад. Ҳамчунин, бо такя ба маводи сарчашмаҳо гуфтан мумкин аст, ки чанде аз калимаҳо дар асл Ҳ набуда, ба иллати бадхонӣ ва ё нақси навиштаҷоти бозмонда ба гурӯҳи Ҳ-ҳо шомил шудаанд.

Чанде аз Ҳ-ҳо аз лиҳози маъно ва талаффуз бо ҳам мувофиқ буда, аммо таркиби овозиашон мутафовит аст, ки баёни андешаи қатъӣ дар ин маврид таҳқиқи васеъ ва далелҳои устувор мехоҳад.

Дар маҷмуъ, баррасии Ҳ-ҳои мазкури «БҚ» барои муайян намудани чанд вижагии онҳо ва кушодани гиреҳҳои дигари самти таърихи забон мусоидат хоҳад кард.

## 2.9. Ҳузворишҳои марбут ба воситаҳои рӯзгор ва афзори ҷанг

Афзори ҷанг ва асбоби мавҷудаи рӯзгор аз васоити серистифода байни мардум маҳсуб меёбанд ва табиист, ки вожаҳои ифодакунандаи ин маънӣ доираи васеи истеъмол доранд. Ин гурӯҳи калимаҳо фоизи зиёди таркиби луғавии ҳар кадом забонро ташкил медиҳанд, зеро вожаҳое, ки дар дараҷаи аввал мавриди истифодаи мардум қарор мегиранд, дар ифодаи васоити рӯзгор меоянд. Табиист, ки хоҳ дар фарҳанги тафсирӣ бошад, хоҳ фарҳанги дузабона, ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ фаровонанд. «БҚ»-и М. Бурҳон низ аз ин қонуният мустасно нест. Дар Ф-и мазкур вожаи зиёди ифодакунандаи васоити рӯзгор ва асбоби ҷанг сабт ёфтаанд, аммо дар ин навишта аз сабаби маҳдудии имкони рисола танҳо Ҳ-ҳои марбут ба қабати луғавии ҷангафзорҳо ва асбоби рӯзгор баррасӣ мегардад.

Зимни таҳқиқ ошкор гашт, ки Ҳ-ҳои зерин дар луғатномаи мавриди омӯзиш асбоби рӯзгор ва афзори ҷангро ифода кардаанд: ***ҷубол, дубуро, расин*, *закиё*, *кашубо*, *монмин*** ва ***мизно***.

Бо назардошти вижагиҳои луғавию маъноияшон ин Ҳ-ҳоро ба ду даста тақсим ва таҳлил намудан беҳтар аст: а) Ҳ-ҳои марбут ба асбоби рӯзгор; б) Ҳ-ҳои марбут ба афзори ҷанг.

а) *Ҳ-ҳои марбут ба асбоби рӯзгор*. Яке аз воҳидҳои луғавие, ки имрӯз ҳам дар манотиқи кӯҳӣ ва деҳоти кишвар мавриди истифода қарор дорад, вожаи **ҷувол** аст, ки аз муҳимтарин афзори нигоҳдории ғалла, сабзавоти гуногун ва воситаи интиқоли коҳу коло аст. Ин моддаи луғавӣ дар «БҚ» ба гунаи **ҷубол** бо такя ба луғати «З»-у «П» сабт ва шарҳ гардидааст. М. Бурҳон дар шарҳи он чунин менависад: **«Ҷубол جوبال** – бар вазни **рӯмол**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» *ҷуволро* гӯянд; ва он зарфе бошад, ки аз мӯй ва пашм бофанд» [5, ч. 1, с. 327].

Муаллифи «ФҶ» низ ин вожаро ба маънои *ҷувол* шарҳ додааст, вале бар Ҳ будани он ишора накардааст [50, ч. 2, с. 1958].

А.Деҳхудо ҳам вожаи мазкурро ба ҳамин шакл шарҳ додааст [30, ч. 5, с. 7894].

Дар «ФФА» ҳамчун исм барои ифодаи *ҷувол* омадааст [26, ч. 1, с. 799].

Агар ба ҳодисаи фонетикии гузариши овозҳои забони тоҷикӣ дар даврони гуногуни таърихи забон нигоҳ кунем, хеле унсурҳои луғавӣ ва овозҳои таркиби калимот тағйиру табдил ёфтаанд ё аз байн рафтаанд.

Бино ба иттилои профессор А. Ҳасанзода, овози «**b**»-и қадим дар даврai форсии миёна баъди овозҳои садонок ба «**v**» табдил ёфт [98 (давраи миёна), с. 43]. Бар асоси ин далел метавон гуфт, ки вожаи мавриди баррасӣ низ чунин тағйири овозиро аз сар гузаронидааст.

Андешае низ ба миён меояд, ки шояд ин вожа саҳван ба гурӯҳи Ҳ мансуб дониста шуда бошад, зеро **ҷувол** гунаи таҳаввулёфтаи **yava_bazəra** буда, маънояш ***ҷав бурдан*** аст [98, ч. 21, с. 969]. Ба ҳар бобат, мо ҷонибдори вожаи аслии тоҷикӣ будани ин воҳиди луғавӣ ҳастем.

Ҳ-и дигари марбут ба асбоби рӯзгор вожаи **монмин** аст. М. Бурҳон дар шарҳи он чунин менависад: «**Монмин** مانمن – ба луғати «Занд»-у «Позанд» *ҷоме* бошад, ки бад-он шаробу об ва амсоли он хӯранд [5, ч. 3, с. 78].

А.Деҳхудо ҳам вожаи мазкурро бо такя ба «БҚ» ва «О» айнан ҳамин гуна эзоҳ дода, шарҳи «НА»-ро ба гунаи «ба луғати «Занд»-у «Позанд» пиёлаи шаробхӯрӣ ва обхӯрӣ» овардааст. Зимнан, дар асоси маводи повараки «БҚ» ба Ҳ будани ин моддаи луғавӣ ва дар паҳлавӣ ба чӣ шакл зикр шудани он ишора кардааст [30, ч. 13, с. 20024].

Вожаи мазкур аз паҳлавии **ҷом (yām > jām)** буда, Ҳ-и он **māna** аст ва «ин Ҳ-ро пештар **монмин** мехонданд» [ниг. 28, ч. 3, с. 1952].

Моддаи луғавии **мизно** ҳам аз гурӯҳи Ҳ-ҳои марбут ба асбоби рӯзгор ва воситаи андозагирии вазн дар бозору корзорҳост. Дар «БҚ» шарҳи ин вожа ба таври зер оварда шудааст: «**Мизно** مزنا – ба касри аввал ва сукуни сонӣ ва нун ба алифи кашида ба луғати «Занд» *тарозу* бошад ва ба арабӣ **мизон** гӯянд [5, ч. 3, с. 94].

А.Деҳхудо низ бар асоси маводи «БҚ», «О» ва «НА» ба ҳамин маънӣ ишора кардааст [30, ҷ. 13, с. 20763]. Тибқи иттилои М. Муин, Ҳ-и ин вожа ба гунаҳои **maznā, mazînā** хонда шуда, бо вожаи **tarāzūk**-и паҳлавӣ муродиф аст [ниг. 28, ҷ. 4, с. 2002].

Чунонки мушоҳида шуд, аз лиҳози қаробати овоӣ Ҳ-и мазкур бо вожаи арабии **мизон** шабоҳат дорад. Шояд пешинаи ягона дошта бошад ё яке аз забонҳо вомгир бошад.

б) *Ҳ-ҳои марбут ба афзори ҷанг.* Теъдоде аз Ҳ-ҳо марбут ба афзори ҷанг мебошанд. Воҳиди луғавии **дубуро** яке аз чунин Ҳ-ҳо аст. М. Бурҳон ин воҳиди луғавиро бо ишора ба луғати «З»-у «П» ба маънои *теғ* ва *шамшер* шарҳ додааст [5, ҷ. 2, с. 42]. А.Деҳхудо ҳам бо такя ба «БҚ», «О» ва «НА» вожаи мазкурро ба ҳамин маънӣ эзоҳ додааст [30, ҷ. 7, с. 11171-11172].

Ин вожа аз Ҳ-и **DWBLↄY** буда, дар овонавишт ба гунаи **dō-brāy** хонда шудааст. Муҳаққиқи номбурда бар он назар аст, ки Ҳ-и мазкур вожаи мураккаб буда, аз ҷузъҳои **dō** - *шумора* ва **brāy** – *лаби буранда* созмон ёфтааст. Аз рӯйи нишондоди ҳамин сарчашма, ин вожа дар забони санскрит ба гунаи **bhîrnáti**, дар авестоӣ – **brāy** ва дар матни «П» – **dōbarā** дучор омадааст [44, с. 226].

Муҳаққиқон Ҳ. Наврӯзӣ ва Г. Ҷӯйборӣ бар он назаранд, ки дар хониши Ҳ-и мазкур ғалат рафтааст ва гунаи дурусти он **GRBR** аст. Бино бар таъкиди онҳо, ба ҷойи ҳарфи **«g»** дар оғози калимаҳо ҳарфи **«d»** зикр шудааст [140, с. 150-151].

Агар гуфтаи муҳаққиқони фавқ ба инобат гирифта шавад, метавон тахмин кард, ки шакли зоҳирии вожа ва эзоҳи он муаллифи «БҚ»-ро ба тасҳиф рӯ ба рӯ кардааст.

Вожаи **расин** аз Ҳ-ҳои дигари марбут ба афзори ҷанг аст. Ин моддаи луғавӣ дар «БҚ» ба маънои *найза* шарҳ дода шудааст [5, ҷ. 2, с. 68].

Вожаи мавриди назар дар «Л»-и А.Деҳхудо чунин эзоҳ ёфтааст: «… ба луғати «Занд» **найза** («Низом-ул-атиббо»). *Расанвод* аст, ки *найза* бошад

ба луғати «Занд»-у «Позанд» («Бурҳон»). Дар «Бурҳон» гуфта, ба маънои *расанвод* аст, ки *найза* бошад ба луғати «Занд»-у «Позанд» («Анҷуманоро», «Онандроҷ»)» [30, ҷ. 8, с. 12070].

Тибқи иттилои сарчашмаҳои мавҷуда, дар хониши ин вожа низ тасҳиф рух додааст.

Аз рӯйи нишондоди С. Урён, «ваҷҳи иштиқоқи ин вожа дар забонҳои сомӣ мушаххас нест». Нюберг онро бо вожаи найза (**nēzag**) ба сурати ибораи **rasnîk vēčak** ба маънои *омодаи набард* нишон додааст. Дар ҳамин сарчашма дар матни «П» ба гунаи **rasnîk** омадани вожа ишора шудааст [44, с. 228].

М. Муин дар ҳошияи «БҚ» овардааст, ки ин вожа аз авестоии **Rashnu** аст ба маънои *одил* ва *додор*. Ҳамчунин, дар Авесто ба чунин унвон зикр шудани фариштаи адлро ҳам ишора кардааст [ниг. 28, ҷ. 2, с. 951].

Аз рӯйи ин маълумот метавон натиҷа гирифт, ки ё дар хониши ин Ҳ ғалат рафтааст, ё дар натиҷаи тағйироти овоӣ Ҳ-и мазкур шакли **расин**-ро гирифтааст.

Ҳ-и дигари марбут ба афзори ҷанг воҳиди луғавии **закиё** аст. Бино ба шарҳи М. Бурҳон, вожаи **закиё** زکیا ба луғати «З»-у «П» ба маънои *корд* омада, муродифи вожаи арабии **сиккин** мебошад [5, ҷ. 2, с. 102].

А.Деҳхудо низ вожаи зикршударо ҳамин гуна шарҳ дода, ба унвони сарчашма Ф-ҳои «БҚ», «А», «О» ва «НА»-ро меорад. Зимнан, бо такя ба маълумоти М. Муин қайд кардааст, ки **закиё** шакли тасҳифшудаи Ҳ буда, гунаи саҳеҳи он **сакино** ё **сагино** аст [30, ҷ. 9, с. 12889].

Ин вожа аз решаи оромии **sakkînā** буда, дар забони ибрӣ ба гунаи **ṣakkîn** зикр шудааст ва дар матни «П» шакли **sgînā**-ро гирифтааст [44, с. 226]. Аз рӯйи маълумоти сарчашмаҳои фавқ, ба натиҷае расидан мумкин аст, ки воҳиди луғавии **закиё** бар асари бадхонӣ ва ё таъсири забонҳои гуногун дар гузашта ба чунин шакл дар «БҚ» ҷой гирифтааст.

Дигар аз Ҳ-ҳои марбут ба ҷангу разм вожаи **кашубо**-ст. Ин вожа дар «БҚ» ба тариқи зайл зикр шудааст: **«Кашубо** کشوبا – ба луғати «Занд»-у

«Позанд» *камони тирандози*ро гӯянд; ва ба ҷойи **бо**-и абҷад **нун** (яъне **кашуно**) ҳам ба назар омадааст» [5, ч. 2, с. 381].

Дар «Л»-и А.Деҳхудо ҳам вожаи мазкур ба гунаи боло тафсир гардидааст [30, ч. 12, с. 18376].

Аз нишондоди С. Урён бармеояд, ки ин вожа низ ба тасҳиф дучор шудааст. Муҳаққиқи мазкур иттилоъ медиҳад, ки вожаи мазкур дар матни «П» ба гунаи **kašōtā** дарҷ шудааст [44, с. 225]. Чунонки мушоҳида шуд, дар ҳиҷои охири калима дар «БҚ» ба ҷойи ҳамсадои «t» ҳамсадои «b» омадааст. Ин ҳолат низ метавонад ба тағйири овозҳо дар даврони гузариши забон аз як сохтор ба сохтори дигар марбут бошад.

Баррасиҳо нишон доданд, ки вожаҳои марбут ба асбоби рӯзгор ва афзори ҳарбу разм низ дар байни Ҳ-ҳои мавҷуд дар «БҚ» мавқеи муҳим доранд. Дар ин воҳидҳои луғавӣ низ қатори дигар Ҳ-ҳо рамзу рози бархӯрдҳои таърихии вожаву ифодаҳои тоҷикӣ бо истилоҳоту вожаҳои забонҳои қадими хешу бегона ба мушоҳида мерасад.

## Хулосаи боби дуюм

Ҳ-ҳои марбут ба ҳайвоноту наботот ва гиёҳу мафҳумҳои диниву кайҳоншиносӣ ҳам аз гурӯҳи бузурги лексикаи «БҚ» мебошад.

Аз таҳлили ин гуна унсурҳои луғавӣ бармеояд, ки муаллифи «БҚ» аз хусусиятҳои маъноиву сохтории Ҳ огоҳии хуб дошта, ҳангоми ташреҳи онҳо ба хотири бештар мушаххас кардани маъноҳояшон на танҳо муродифи тоҷикии онҳо, балки ҳаммаънои арабиашонро низ овардааст.

М. Бурҳон ба андешаи тафовут кардани ин гурӯҳи унсурҳои луғавӣ аз навъҳои дигари захираи луғавии забон онҳоро махсус бо истилоҳҳои «З»-у «П» ишора намудааст.

Гурӯҳи воҳидҳои луғавии марбут ба дину оин ҳам аз ҷиҳати микдор ва ҳам хусусиятҳои луғавию маъноӣ байни воҳидҳои луғавии баррасишаванда мавқеи муҳимро соҳиб ва дорои аҳаммияти бузурги забоншиносӣ мебошанд. Аз як тараф, ин моддаҳои луғавӣ баёнгари расму

оин, одат, тарзу шеваи ниёиши гузаштагони мо бошанд, аз ҷониби дигар, бозгӯйи сарнавишти сарватҳои луғавии забон, вомвожаву иқтибосот ва унсурҳои асосиву ёвари он мебошанд. Ҷанбаи сеюми аҳаммияти баррасии ин вожаҳо дар он аст, ки тафовути ҳарфнавишту овонавишти Ҳ-ҳо ва гуногунандешиҳо дар мавриди табдилу азбайнравии овозҳои таркиби онҳо равзанаи дигари таҳқиқотро боз мекунад, ки ҷиҳати шинохти вожаҳои асливу решагӣ аз вожаҳои бегона ва ҷудо намудани қабатҳои гуногуни луғавӣ аҳаммияти бузург дорад.

Баррасии Ҳ-ҳои марбут ба номи шахс, вазифа, воситаву афзори рӯзгор дар «БҚ» нишон дод, ки ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ ба бархӯрдҳои ҷиддӣ ва ҳаводиси забонӣ рӯ ба рӯ шуда, ба гунаҳои зикршуда дар матнҳои паҳлавӣ ва аз он дар Ф-ҳои форсӣ-тоҷикӣ қайд гардидаанд.

Қиёси пиндори муаллифи «БҚ» бо назари соҳибони Ф-ҳои дигар ва андешаи муҳаққиқон нишон дод, ки М. Бурҳон дар баъзе маврид дар шинохту ташреҳи Ҳ-ҳо асосан роҳи дурустро пеш гирифтааст, вале дар баъзе ҳолат ба иштибоҳ роҳ додааст.

Таҳқиқи Ҳ-ҳои фавқ баёнгари шаклҳои гуногуни куҳани вожаҳо, маврид ва давраҳои таърихии таҳаввулоти ҷиддии забон ва шаклгирии унсурҳои ёвари забон мебошад.

Ҳ-ҳои марбут ба шахс, асосан, ба исмҳои ҷомеъ мансуб мебошанд.

Номвожаи шахсиятҳои таърихӣ дар байни Ҳ-ҳо ҷой дода нашудааст.

Дар ин фасл ҷонишинҳо мавқеи муҳим доранд ва бозгӯйи шаклгирии ҳиссае аз унсурҳои луғавии забон, инчунин, марҳилаҳои таҳаввули вожаҳо мебошанд.

Лозим ба зикр аст, ки гурӯҳи Ҳ-ҳои марбут ба хӯрданиҳо, агарчи миқдоран каманд, дорои хусусиятҳои сохториву маъноии хоссае мебошанд.

Чунонки мушоҳида шуд, қариб ҳамаи ин воҳиди луғавӣ кайҳост, ки аз доираи истеъмол баромадаанд ва дар матнҳои адабӣ истифода

намешаванд. Аз ин ҷост, ки таҳқиқу матраҳ сохтани вижагиҳои забонии ин гурӯҳи луғатҳо зарур шуморида шуд ва то дараҷаи имкон баррасӣ гардид.

# БОБИ III
# КАТЕГОРИЯҲОИ ЛУҒАВӢ-МАЪНОИИ ҲУЗВОРИШҲО

Зери истилоҳи «категория» дар илми забоншиносӣ вижагии мушаххаси як унсури забон ё хусусиятҳои умумии гурӯҳе аз мафҳумҳои забонӣ фаҳмида мешавад. Дар «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ» истилоҳи **категория** ба таври зерин тафсир гардидааст: «**Категория** – мақулаи забонӣ (аз юн. **hatēgoria**) ба маънои васеаш ҳама гуна унсурҳои забонӣ, ки дар асоси хосиятҳои умумиашон ҷудо карда мешавад; ба маънои риояти дақиқи ин ё он аломате (бузургӣ параметр), ки дар асоси маҷмуи воҳидҳои забонии ҳамҷинс қарор дошта, унсурҳояшон маънои ягонаю мушаххас доранд: «категорияи ҳолат», «категорияи ҷондору беҷон», «категорияи камдод» [4, с. 166].

Дар илми забоншиносӣ категорияҳои гуногуни унсурҳои забониро муайян кардаанд. Аз ҷумла, категорияи грамматикӣ, категорияи ғайрисинтаксисӣ, категорияи замон, категорияи матн, категорияи луғавию маъноӣ ва ғайра. Бо назардошти дар ин боби рисола баррасӣ гардидани вижагиҳои луғавию маъноии Ҳ-ҳо зарурати шарҳи кӯтоҳи категорияи луғавиаш пеш меояд.

Дар «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ» шарҳи истилоҳи *категорияи луғавӣ-маъноӣ* чунин омадааст: «маҷмуи аломатҳои маъноии (семантикии) калима ҳамчун воҳиди таркиби луғавӣ, ки дар заминаи онҳо ба гурӯҳҳои маъноӣ муттаҳид мешаванд» [4, с. 168].

Бо назардошти вижагиҳои маъноии чанде аз Ҳ-ҳо, ки бештар ба сермаъноӣ ва муродифот марбутанд, лозим дониста шуд, ки онҳо дар боби алоҳида мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

Дар боби мазкур хусусиятҳои Ҳ-ҳои сермаънои ифодакунандаи мафҳумҳои умумӣ, маъноҳои вижаи онҳо дар «З»-у «П», мавридҳои муродифшавии Ҳ бо Ҳ ва ҳолатҳои ҳаммаъно шудани Ҳ бо вожаҳои аслии тоҷикӣ ва арабӣ, инчунин гардиши онҳо дар забонҳои куҳани қадиму миёна ба риштаи таҳлил кашида хоҳад шуд.

## 3.1. Ҳузворишҳои сермаъно

Дар забони тоҷикӣ гурӯҳе аз моддаҳои луғавӣ дорои зиёда аз як маъно буда, дар як маврид ё ҳолатҳои мухталиф маънои зиёдро ифода мекунанд. Сермаъноӣ, маъмулан, дар натиҷаи ба маънои аслӣ ё ибтидоии калима афзуда шудани маънои дигар аз ҷониби шоир ё нависанда ба вуҷуд меояд, яъне гуфтан мумкин аст, ки илова гардидани маонии нав ба маънои аслии калима ҳодисаи сермаъноӣ мебошад.

Ҷиҳати дигари ҳодисаи сермаъноӣ ин маънои асливу маҷозии калима аст. Вожаи сермаъно метавонад ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ ояд.

Сермаъноӣ дар забони тоҷикӣ хоси калимаҳои аслӣ буда, дар байни вожаҳои иқтибосӣ ҳодисаи сермаъноӣ хеле кам ба мушоҳида мерасад, зеро ҳар вожаи иқтибосӣ барои он ки хусусияти сермаъноӣ пайдо кунад, бояд муддати тулонӣ дар забон гардиш кунад, ҳазм шавад ва хусусияти умумиистеъмолӣ пайдо кунад. Дар забони адабии тоҷикӣ бархе вожаҳои иқтибосии арабӣ амсоли **шамоил, сарфа, қоида, маош, маҷол** ва монанди инҳо дорои чунин хусусият мебошанд.

Дар байни Ҳ-ҳои мавриди баррасӣ низ як гурӯҳ воҳидҳои луғавие ҳастанд, ки зиёда аз як маъноро ифода кардаанд. Ин гурӯҳи Ҳ-ҳо ба ду даста мансубанд: сермаъноии Ҳ-ҳои маънои умумиро ифодакунанда ва Ҳ-ҳои сермаънои дар «З»-у «П» маънои махсусдошта.

### 3.1.1. Сермаъноии ҳузворишҳои марбут ба мафҳумҳои умумӣ

Таҳқиқи Ҳ-ҳои дар «БҚ» зикршуда нишон дод, ки ин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ низ чун вожаҳои маъмулӣ дар забони тоҷикӣ барои ифодаи як ё зиёда аз як маъно мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҷиҳати фарқкунандаи ин гурӯҳи унсурҳои луғавӣ дар он аст, ки моддаҳои луғавии мазкур ба ҳайси Ҳ ё худ луғати «З»-у «П» маънoҳои махсусро ифода

кардаанд. Маонии махсусе, ки дар «З»-у «П» зикр шудаанд, ба шарҳи маъмулии ин вожаҳо дар Ф-ҳои дигар робитаи шакливу маъноӣ надорад.

*Ҳ-ҳои сермаънои мафҳумҳои умумиро ифодакунанда*. Ин даста Ҳ-ҳои ***арбӯҷино***, ***асбунитан***, ***ҷарро***, ***апурнок***-ро фаро мегирад. Ин гурӯҳи Ҳ-ҳо мисли вожаҳои маъмулӣ ҳамчун унсурҳои луғавии сермаъно шарҳ дода шуда, байни маонии ифодакардаи ҳар кадом вожа умумият мавҷуд аст.

Воҳиди луғавии **арбӯҷино** ба луғати «З»-у «П» маънои *харбуза* ва дар нусхаи дигар ба маънои *ҷазира* омадааст [5, ч. 1, с. 76]. Дар поварақи «БҚ» овонавишти ин воҳиди луғавӣ ба гунаи **arbûjînâ** зикр ёфта, дар забони паҳлавӣ вожаи **xarbûcak** ҳамин маънoро ифода кардааст [ниг. 28, ч. 1, с. 96].

А.Деҳхудо ҳам айнан шарҳи «БҚ»-ро такрор кардааст [30, ч. 2, с. 1637].

А. Каримов ин моддаи луғавиро ба гурӯҳи шибҳиҳузворишҳо (псевдоидеограмма) шомил кардааст [7, с. 33].

Тибқи иттилои С. Урён, ин Ҳ дар ҳарфнавишт ба гунаи **HLBWCYNA** ва дар овонавишти паҳлавӣ дар шакли **xarbūzag** мазкур аст, аммо дар забони оромӣ вомвожа ҳисоб меёбад. Зикр мешавад, ки ин вожа, эҳтимолан, зери таъсири вожаи **BWCYNA = xiyār** сохта шуда бошад. Бархе ин моддаи луғавиро бо вожаи арабии **ḥâβṣṣelet**, ки дар ошурӣ ба гунаи **ẖabbṣillatu**, дар сурёнӣ ба шакли **hamaṣlitā** ба маънои *савсан, наргис* аст, марбут донистаанд. Моддаи луғавии мазкур дар забони оромӣ ба ҳайси вомвожа дар шакли **harbōṣînā** ва дар позанднависӣ ба гунаи **arbōĵînā** дучор шудааст [44, с. 85].

Бояд гуфт, ки ба маънои *ҷазира* омадани вожа дар дигар Ф-ҳо, аз ҷумла сарчашмаҳои марбут ба Ҳ-ҳо мушоҳида нашуд. Агар тарзи навишти форсии вожаҳоро ба назар гирем, андешае пайдо мешавад, ки шояд ҳангоми нусхабардорӣ дар хониши вожаи **харбуза (خربزه)**, ки бо ҷой ва теъдоди нуқтаҳо аз вожаи **ҷазира (جزيره)** фарқ мекунад, ғалат рафта бошад.

Ҳ-и **асбунитан** чун воҳиди луғавии сермаъно дар Ф-и мавриди баррасӣ мафҳуми *дидан* ва *мушоҳида карданро* ифода карда, зимнан, ба маънои *давонидан* ҳам ба назар меояд [5, ч. 1, с. 89]. Ин вожа, тибқи ишораи повараќи дар БҚ» зикргардида, дар шакли ғалат навиштаву хонда шуда, гунаи дурусташ **astônitan** аст. Муодили паҳлавии калимаро М. Муин ба гунаи **dîtan** оварда қайд кардааст, ки ин вожа дар ҳамин шакл ба маънои *дидан* дуруст буда, гунаи **давидан** ва **давонидан** бо илова шудани ҳарфи «вов» ва «алиф» пайдо шудаанд [ниг. 28, ч. 1, с. 121]. С. Урён низ дар матни «П» ба гунаи **astônitan** зикр гардидани онро ҷонибдорӣ карда, ба тарзи **astōnatan, azitōntan, nətan** хонда шудани ин моддаи луғавиро ишора кардааст. Ҳамчунин, тибқи иттилои муҳаққиқи номбурда вожаи мазкур дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **ḥāzā**, оромӣ ва сурёнӣ – **hǎzā**, дар палмирӣ, оромии бостон, оромии императорӣ, оромии китоби муқаддас, оромии яҳудӣ ва мондоӣ – **HZY** дучор омадааст [44, с. 341-342]. Агар ба маълумоти фавқ такя карда шавад, хусусияти сермаъноӣ доштани вожа ҳазф мегардад. Бояд гуфт, ки вожаи баррасишуда Ҳ-и бозмондаи оромӣ буда, бо калимаи **дидан** ҳамреша нест. Вожаи **дидан** аз решаи **dhei**-, **dhiā**-, **dhi**-, **dedo**-и забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ буда, дар забони авестоӣ ба гунаҳои **dādaresa**, **deres**, **dā(y)**, порсии бостон – **dāi**, **didiy** ва дар паҳлавӣ – **didan**, **ditan** мустаъмал аст [34, с. 295].

Воҳиди луғавии **ан** Ҳ-и дигари сермаъно мебошад, ки дар «БҚ» таҳти моддаҳои луғавии мансуб ба луғати «З»-у «П» зикр шудааст. Ин Ҳ дар Ф-и мавриди баррасӣ барои ифодаи маънои *модар* омада, зимнан, ҳамчун ишоратҷонишини *он* – муқобили *ин* ва ифодаи фоилият (мас. *уфтону хезон*) низ истифода шудааст [5, ч. 1, с. 113]. Бино ба маълумоти дар повараќи «БҚ» тазаккурёфта, ин вожа аз Ҳ-и **anâ** сарчашма гирифта, бо унсури луғавии «**ê**»-и паҳлавӣ ба маънои ***ин*** муодил шудааст [28, ч. 1, с. 162].

Тибқи иттилои А.Деҳхудо, дар Ф-ҳои «О» ва «А» ҳам ба ҳамин маъно шарҳ ёфтааст [30, ч. 3, с. 3415].

Дар «ВП(«П»)» дар баёни мафҳуми *модар* Ҳ-и **AM** оварда шудааст. Ин Ҳ дар забони ибрӣ ба гунаи **ʾēm**, финиқӣ – **ʾm**, ошурӣ – **ummu**, оромӣ – **ʾēm**, **ʾimmā,** сурёнӣ – **ʾem, ʾemā** ва дар матни «П» ба шакли **am** дучор омадааст [44, с. 180, 446]. Агар ба шарҳи вожаи **ин** дар дигар Ф-ҳо ва маълумоти дар поварақи «БҚ» зикрёфта такя шавад, ба натиҷа расидан мумкин аст, ки шояд муаллифи луғатнома дар хониши ин Ҳ (**AM**) ғалат карда бошад ва ё ин Ҳ-ро бо вожаи **ин** (Ҳ-и **anā**) омехта карда бошад. Ба ҳар бобат, бояд дар назар гирифт, ки Ҳ-и ифодакунандаи мафҳуми модар **AM** аст, на **AN.**

Воҳиди луғавии **ҷарро** низ дар «БҚ» ба маънои *нуск*, яъне *қисм, бахш, ҳисса* зикр шудааст, инчунин ба маънои *санг* ҳам омадааст, ки муодили вожаи арабии **ҳаҷар** мебошад [5, ҷ. 1, с. 315].

Дар «Л»-и А.Деҳхудо низ ин маъноҳо зикр гардида, муаллиф зимнан, бо такя ба маълумоти дар поварақи «БҚ» ишораёфта ба маънои *санг* истифода шудани вожаро саҳеҳ ҳисобидааст [30, ҷ. 5, с. 7641].

М. Муин таъкид кардааст, ки сарчашмаи ин вожа Ҳ-и **jararâ** буда, дар баъзе маъхазҳо барғалат **dararâ** (دررا) низ хонда шудааст [ниг. 28, ҷ. 2, с. 568].

Тибқи маълумоти «ВП(«П»)» Ҳ-и ифодакунандаи мафҳуми санг **kaspman (**дар ҳарфнавишт: **KIPE)** аст, на **jarrā**. Бино бар таъкиди ҳамин сарчашма, Юнкер вожаи форсии **gvhar**-ро, ки маънои *гавҳар* ва *санги қимат*-ро дорад, бо Ҳ-и **KIPE** баробар донистааст [ниг. 44, с. 249]. Дар шарҳи ин вожаҳо дар Ф-ҳои марбут ба Ҳ-ҳо ифодаи **нуск** нест. Аз ин рӯ, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки эҳтимол дорад дар хониши вожаи **санг**, ки бо ҳазфи як нуқта дар навишти арабӣ шакли ягона пайдо мекунад, ғалат рафта бошад ё метавонад **ҷарро**, аслан, дигар Ҳ бошад.

Ҳ-и дигари сермаънои дар «БҚ» тазаккурёфта моддаи луғавии **апурнок** мебошад, ки дар луғатномаи зикршуда ба маънои *навча ва навҷавон* ва *ҷамоате аз туркон* омадааст [5, ҷ. 1, с. 70].

Муҳаққиқон Г. Ҷӯйборӣ ва Ҳ. Наврӯзӣ луғоти «БҚ»-ро, ки ба унвони «З»-у «П» ёд мешаванд, ба 5 даста ҷудо кардаанд, ки гурӯҳи аввалро вожаҳои паҳлавӣ ташкил медиҳанд ва воҳиди луғавии **апурнок** ба ин гурӯҳ мансуб дониста шудааст [140, с. 147].

Бино ба иттилои М. Муин, ин вожа дар забони паҳлавӣ ба гунаҳои **apurnâk** ва **apurnây** омада, маънои *барно, ҷавон*-ро ифода кардааст [ниг. 28, ҷ. 1, с. 86].

Бо назардошти қаринаи овоӣ ва бо такя ба маълумоти «Л»-и А.Деҳхудову «ФРҲЗФ» метавон гуфт, ки сарчашмаи воҳиди луғавии **барно** ба маънои *ҷавон* вожаи куҳани **апурнок** аст. А.Деҳхудо зимни шарҳи ин вожа вариантҳои **барно**, **обурно**, **обурнок**-ро зикр кардааст [30, ҷ. 1, с. 990].

М. Кошонӣ низ зимни шарҳи вожаи **барно** гунаҳои ҳиндуаврупоӣ, авестоӣ ва паҳлавии вожаро овардааст [34, с. 126], ки бо вожаи **апурнок** қаробати овоӣ доранд. Тибқи иттилои маъхази номбурда, вожаи **барно** ба маънои *ҷавон ва навча* дар забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ ба гунаҳои **bhorn**, **bher**, дар авестоӣ ба гунаи **ap∂r∂nâyu** ва дар паҳлавӣ ба шаклҳои **aburnây**, **aburnâyag** истифода шуда, бо тағйири таркиби овоӣ имрӯз дар шакли **барно (barnâ)** ба кор меравад [34, с. 126]. С. Урён мустаъмал будани ин вожаро барои ифодаи *ҷавони ноболиғ, навча* ишора карда, корбурдашро дар забони авестоӣ ба гунаи **a-pərənāyav** ва дар матни «П» ба шакли **awurnāy** қайд намудааст [44, с. 187]. Бо назардошти табдилу азбайнравӣ ва инкишофи таърихии овозҳои таркиби калимаҳо, ки ҳангоми дигар шудани сохти забон ва дигар омилҳо рух додааст, инчунин маълумоти луғатномаҳои зикршуда, гуфтан мумкин аст, **апурнок** имрӯз дар шакли **барно** мустаъмал аст.

Ин аст, ки А. Каримов ин вожаро ба гурӯҳи шибҳиҳузворишҳо (псевдоидеограмма) мансуб донистааст [7, с. 34].

Аз баррасиҳо бармеояд, ки **apurnāk / awurnāy** Ҳ набуда, гунаи куҳани вожаи аслии тоҷикист.

Таҳлили воҳидҳои луғавии зикршуда нишон дод, ки баъзе вожаҳои аслии тоҷикӣ, ки баромади ҳиндуаврупоӣ дошта, бо роҳи қонунии инкишоф давра ба давра то мо омада расидаанд, бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла, ба муҷиби ба эътибор нагирифтани решаи калимаҳо, шаклҳои қадим ва қонуниятҳои инкишофу ихтисори вожаҳо бо иқтибосот омехта шуда, барғалат ба ҳайси Ҳ ва вожаҳои иқтибосӣ муаррифӣ гардидаанд.

### 3.1.2. Ҳузворишҳои сермаънои дар «Занд»-у «Позанд» маънои махсусдошта[1]

Маъмулан маънои мухталифи вожаҳои сермаъно дар атрофи як маънои асосӣ давр мезананд. Ин аст, ки бештари мавриди аксари маънои иловагии он аз ягон ҷиҳат ба маънои аслӣ иртибот пайдо мекунад. Чанде аз вожаҳои сермаъно таҳти истилоҳи *вожаҳои сермаънои дар «Занд»-у «Позанд» маънои махсусдошта* матраҳ гардиданд, зеро ин гурӯҳи Ҳ-ҳо бар замми сермаъноӣ, маъноҳоеро ифода кардаанд, ки танҳо дар луғати «З»-у «П» мушоҳида мегардад. Ба ин гурӯҳ воҳидҳои луғавии ***ардам***, ***барвар***, ***бел***, ***паном***, ***поло***, ***ҷий***, ***зак***, ***шӯр*** мансуб дониста шуданд.

Ҳ-и **ардам** дар «БҚ» мафҳумҳои *кор ва ҳунари хуб*-ро ифода карда, дар «З»-у «П» барои шарҳи *номи сураҳои бузурги китоби «З»* омадааст [5, ҷ. 1, с. 78]. Дар «ФФА» танҳо дар ифодаи *номи сураҳо* омадааст [26, ҷ. 1, с. 132], муаллифи «СС» ин вожаро дар шакли **ардамӣ** ба маънои *ҷонвар* шарҳ додааст [3, с. 48], А.Деххудо ҳам ба ҳамин маъно шарҳ дода, ба унвони сарчашма «БҚ»-ро овардааст ва зимни шарҳ байти зерро ба унвони шоҳид зикр намудааст:

Донам, ки чу андеша кунӣ, хуб шиносӣ,

Позанд зи бисмиллаҳу алҳамд зи ардам [С. Исфарангӣ –30, ҷ. 2, с. 1791].

---

[1] Ба хотири фарқ кардани маонии Ҳ.-ҳои дар зер баррасишаванда маонии ифодакардаи онҳо ба тариқи моил (курсив) ва маънои Ҳ.-ии онҳо ҳам ба тариқи моил ва ҳам бо ранги сиёҳи баланд ишора шудааст, ки таъкиди мост, на асли матн (М.Н.).

Дигар аз вожаҳои сермаънои мансуб ба луғати «З»-у «П» дар «БҚ» Ҳ-и **боб** аст. Ин Ҳ дар фарҳанги мавриди баррасӣ «…ба маънои *шоиста* ва *дархур* бошад, чунонки гӯянд: «фулонӣ боби фулонӣ аст», яъне шоистаи фулонӣ аст; ва ба маънои *бора* ва *ҳақ* низ ҳаст, ҳамчунонки гӯянд: «дар боби фулонӣ», яъне дар ҳаққи фулонӣ ва дар бораи фулонӣ; ва ба маънои ***падар*** ҳам омадааст, ки ба арабӣ **волид** гӯянд; ва ба ин маънӣ ба луғати «Занд»-у «Позанд» бо бои форсӣ бошад; ва ба арабӣ *дари хона*ро гӯянд» [5, ч. 1, с. 135].

Дар «ФФ»-и М. Муин бар замми маъноҳои ёдшуда мафҳуми *маъмул* ва *мутобиқи табъ*-ро ифода кардани ин вожа қайд шудааст [173].

Ҳ. Амид низ дар шарҳи вожаи мавриди баррасӣ ҳамин маъноҳоро зикр намуда, бар замми он дорои маъноҳои *роиҷ* ва *воҳиди андозагирӣ* буданашро ишора кардааст [26, ч. 1, с. 330].

Муаллифи «СС» ҳам ба маънои *падар* омадани вожаи **боб-**ро қайд намудааст [3, с. 50].

Дар «ФТЗТ» се калимаи омонимии **боб** қайд шуда, ҳар кадоме ба чанд маъно омадааст: «**Боб I.** باب *шоиста, лоиқ, сазовор, муносиб, мувофиқ, дархур; соз, хуб: шароити боб*; «**Боб II**. باب кит. *падар; бобо*»; «**Боб III** *а.* باب ***1.*** *кит. дар, дарвоза;* ***2.*** *калонтарин қисми асари илмӣ ва адабӣ, ки дар навбати худ ба бахшу фаслҳо тақсим мешавад;* ***3.*** *бобат, бора, хусус, ҷиҳат, ваҷҳ»* [20, ч. 1, с. 210].

Бояд гуфт, ки вожаи матраҳшуда ба маънои *шоиставу мувофиқ* имрӯз низ дар таркиби калимаҳои мураккаб, аз қабили **диданбоб**, **хӯрданбоб**, **тамошобоб**, **хонданбоб** ва монанди инҳо истифодаи васеъ дорад.

Агар ба маълумоти муаллифи «БҚ» такя шавад, хулоса кардан мумкин аст, ки аз байни чунин вожаҳои ҳамшаклу сермаъно корбурди **боб** ба маънои *падар* Ҳ ҳисоб меёбад, аммо дар «ВП(«П»)»-и С. Урён ва «ФҲП»-и Д. Саймиддинов воҳиди луғавии мазкур ба маънии *дар, дарвозаи қаср, дарбор* [44, с. 56-57; 15, с. 76] шарҳ ёфтааст. С. Урён ҳарфнавишти вожаро ба гунаи **BBA** зикр карда, гардиши онро дар забони ибрӣ ба гунаи **bāßā**,

аккодӣ – **bâbu**, сурёнӣ – **bbᵓ**, арабӣ – **باب**, мондоӣ – **bāḇā** ва дар матни «П» – **babā** қайд намудааст. Дар «ФҲП» ва «ВП(«П»)» навишти паҳлавии вожаи мазкур ҳамгун бошад ҳам, дар ҳарфнавишт бо як ҳарф фарқ мекунад. Д. Саймиддинов ин Ҳ-ро дар ҳарфнавишт ба гунаи **BB** зикр кардааст [15, с. 76].

Дар «ВП(«П»)» барои ифодаи мафҳуми *падар* дигар Ҳ зикр шудааст. Аз рӯйи ахбори ин сарчашма, ин Ҳ дар ҳарфнавишт ба шакли **AB** омадааст. Зикр мешавад, ки ин вожа дар забонҳои финиқӣ ба гунаи **ᵓḇ**, ошурӣ – **abu**, сурёнӣ – **ᵓaḇ**, оромӣ – **ᵓabā** ва дар матни «П» – **ab** дучор омадааст [44, с. 179]. Таъкидаш бамаврид аст, ки муодили тоҷикии Ҳ-и мазкур вожаи решагии **падар** ба шумор меояд. Калимаи **падар** аз решаи **petēr**-и забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ мебошад ва ба забонҳое, ки аз ин забон-асос сарчашма гирифтаанд, аз ҷумла авестоӣ ва порсии бостон ба гунаи **pitar** интиқол ёфтааст [34, с. 158].

Чунонки мушоҳида шуд, ду сарчашмаи марбут ба Ҳ-ҳо вожаи **боб**-ро ҳамчун Ҳ на ба маънои *падар,* балки *дар, дарвозаи қаср* шарҳ додаанд. Аз ин маълумот ба хулосае омадан мумкин аст, ки шояд муаллифи «БҚ» дар хониши вожаҳои **боб** ва **аб** иштибоҳ карда бошад. Эҳтимол дорад, ки дар вақти китобат дар сабти маъноҳои вожа ба луғати «З»-у «П» дигар маъно нисбат дода шуда бошад. Ба ҳар ҳол, мо бар он назарем, ки вожаи **боб** ба маънои *даромадгоҳ, дарвоза* Ҳ аст, на ба маънои *падар*.

Ҳ-и дигари сермаъноӣ дар луғати «З»-у «П» маънои махсусдошта **барвар** аст. Ин Ҳ дар «БҚ» ба таври зайл тафсир шудааст: «**Барвар** **بروړ** - бар вазни **сафдар**; *фаровез* ва *сиҷофи ҷома* ва *доман* ва *сарҳои остини пӯстин*ро гӯянд; ва мухаффафи **борвар** ҳам ҳаст, ки *бордор* ва *мевадор* бошад; ва ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои ***бародар*** бошад; ва ба маънои аввал бо зои нуқтадор, бар вазни **марказ** ва бар вазни **румуз** (яъне **барваз** ва **буруз**) ҳар ду омадааст; ва *ҷумларо* низ гӯянд» [5, ҷ. 1, с. 172].

М. Муин дар ҳошияи «БҚ» овонавишти паҳлавии ин вожаро ба гунаи **barur** нишон дода, ба Ҳ будани он ишора накардааст [ниг. 28, ҷ. 1, с. 267].

Дар «ФЗТ» гунаи **борвар**-и он ба маънои *самаранок* ва *мевадор,* инчунин маҷозан ба маънои *обистан* низ дарҷ шудааст [19, ч. 1, с. 952]. Дар «ФФА» ҳам ба маънои *борвар* зикр шудааст [26, ч. 1, с. 407].

С. Урён вожаи мазкурро дар ҳарфнавишт ба гунаи **blwl** ва дар овонавишт дар шакли **brŏr** дарҷ карда, шакли позанднависишудаи онро ба гунаи **barv̄ar** нишон додааст. Ҳамин муҳаққиқ бо такя ба андешаҳои муҳаққиқони Ғарб оид ба Ҳ маҳсубгардияш ва шаклҳои гуногунро доро будани ин вожа чунин навиштааст: «Ин вожа дар таҳрирҳои мухталифи «Фарҳанги паҳлавӣ» ба унвони як ҳузвориш барои **бародар** пас аз ҳузвориши воқеӣ ва низ навиштори паҳлавии вожа омадааст. Ин амр сабаб шудааст, ки бархе вожаи фавқро ба сурати **BR-NL** ҳарфнависӣ ва онро маҷозан ба маънои *бародар* бигиранд. Иддае низ вожаи болоро гунаи таҳрифшудаи вожаи **brādar** дониста ва муътақиданд, ки онро бояд **barwar** қироат намуд ва омадани вожа дар ин бахш аз фарҳанг тавҷеҳи дигаре надорад. Нюберг низ ин вожаро **barwar** ба маънои *борвар* қироат кардааст. Назари нигоранда бар ин аст, ки эҳтимолан вожаи фавқ бояд гунаи дигаре аз вожаи **бародар** бошад…» [44, с. 181-182]. Шоистаи зикр аст, ки вожаи **бародар** дар забони тоҷикӣ аз решаи **bhrātā**-и забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ буда, бо сабаби рӯйдоди таҳаввули зоҳирӣ ва ҳазфу ихтисори овозҳо чунин шаклро гирифтааст. Вожаҳои **брать**-и русӣ ва **brother**-и англисӣ, ки маънои *бародар*-ро дорад, низ аз решаи **bhrāta**-и забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоист. Аз ин рӯ, он бо Ҳ-и **барвар** ҳамреша нест.

**Бел** ҳам аз ҷумлаи Ҳ-и дигари дар «БҚ» дарҷшуда аст, ки дар ифодаи маънои зиёд ба кор рафтааст: **«Бел بيل - бар вазни фил**; *олате* бошад *оҳанӣ,* ки боғбонон ва амсоли эшон замин бад-он кананд; ва *поруе*ро низ гӯянд, ки киштибонон ба ҷиҳати рондани ғуроб созанд; ва номи меваест дар Ҳиндустон шабеҳ ба беҳии Ироқ; ва ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои ***чоҳ*** бошад мутлақан, ки ба арабӣ **бир** хонанд; ва *сабади саргинкашӣ* ва *канноси*ро низ гӯянд» [5, ч. 1, с. 208].

Аз байни маъноҳои фавқ, чунонки мушоҳида гардид, корбурди ин вожа ба маънои *чоҳ* Ҳ ба шумор меояд. Дар чанд Ф-и дигари гузаштаву имрӯза чунин маънои махсуси он ишора нашудааст. Чунончи, мураттибони «ФЗТ» ҳам танҳо ҳамин маънoро зимни шарҳи он ишора кардаанд [19, ч. 1, с. 171-172], М. Муин ва Ҳ. Амид низ ба маънои асбоби кишоварзӣ истифода шудани вожаи мазкур ишора кардаанд [173], муаллифи «ҒЛ» ҳам вожаи **бел**-ро ба маънои *афзори заминканӣ* шарҳ дода, зимнан ба маънои *чӯбдасти киштиронӣ* низ омадани вожаро илова кардааст [13, ч. 1, с. 154].

Бино бар маълумоти М. Муин, ин вожа аз Ҳ-и **bîlâ(y)** буда, муродифи вожаи **čāh**-и паҳлавӣ аст [ниг. 28, ч. 1, с. 339].

С. Урён ин Ҳ-ро дар ҳарфнавишт ба гунаи **BYLA** ва дар овонавишти паҳлавӣ ба шакли **čāh** зикр кардааст. Ҳ-и мазкур дар забонҳои ибрӣ дар шакли **bᵓēr**, оромӣ – **bir, birā, bᵓērā,** ошурӣ – **bēru**, сурёнӣ – **brā, bār** ва дар матни «П» – **birāy** дучор омадааст [44, с. 66]. Гуфтан ҷоиз аст, ки ба шакли **bēl** (**бел**) ихтисор шудани Ҳ-и **birāy** ба табдили овози «R» ба «L» ва задаи таърихиву ихтисори ҳиҷоҳои калима дар давраҳои гуногуни мавҷудияти забон марбут аст.

Чунонки мушоҳида гардид, аксари Ф-ҳое, ки ин Ҳ-ро шарҳ додаанд, танҳо як ё ду маънои онро зикр кардаанду бас ва зимни шарҳ ба унвони сарчашма «БҚ»-ро нишон додаанд. Муаллифи «БҚ» дар радифи панҷ маънои ин вожа ҳамчун Ҳ маънои махсуси онро низ ишора кардааст.

Ҳ-и дигар **паном** аст. Ин моддаи луғавӣ дар «БҚ» чунин шарҳ ёфтааст: «**Паном** پنام - бар вазни **калом**; таъвизе бошад, ки ба ҷиҳати дафъи чашми захм нигоҳ доранд; ва аъмоле, ки ба ҷиҳати дафъи чашми захм кунанд; ва ба маънии *пӯшида* ва *пинҳон* ҳам омадааст; ва ба луғати «Занд»-у «Позанд» ***порчае бошад чаҳоргӯша***, ки дар ду гӯшаи он ду банд дӯзанд ва мутобеони Зардушт дар вақти хондани «Занд»-у «Позанд» ва Авесто онро бар рӯйи худ банданд» [5, ч. 1, с. 246].

Моддаи луғавии дигари дар Ф-и мавриди омӯзиш ба маънои гуногун бакоррафта **поло** мебошад. Вожаи мазкур дар «БҚ» чунин сабт шудааст: **«Поло** پالا - бар вазни **коло**; *аспи ҷанибат* бошад, ки онро *аспи кутал* гӯянд; ва ба маънои *софкунанда* ҳам омадааст, лекин бидуни таркиб гуфта намешавад, ҳамчун: **туршполо** ва **майполо**; ва амр ба полудан ҳам ҳаст, яъне биполо ва соф кун; ва *овехтаро* низ гуфтаанд; ва ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои ***фарёд*** ва ***фиғон*** бошад» [5, ч. 1, с. 216].

Муаллифи «ҒЛ» ин вожаро ба маънои *аспи кӯтал* шарҳ дода, ба унвони сарчашма «ФР» ва «БҚ»-ро ишора кардааст [13, ч. 1, с. 157].

Дар Ф-ҳои дигар ҳамчун луғати «З»-у «П» ба кор рафтани вожаи **поло** ишора нагардидааст. М. Муин ин вожаро ҳамчун номи амал (*填полоидан*) ва иҷрокунандаи амал (*полоянда*) шарҳ додааст [173] дар «ФФА» зимни шарҳ ин моддаи луғавӣ ба сифати мувозии калимаи **пӯлод** ишора шуда, калимаи **пӯлод** ба маънои *аспи кӯтал* ва *аспи хоси подшоҳон* тафсир шудааст [26, ч. 1, с. 505].

Дар «ФЗТ» ин воҳиди луғавӣ дар ду маврид: 1) барои ифодаи *номи ҳайвон – асп* ва дар таркиби вожаҳои мураккаби **ширполо, майполо** ва назири инҳо ба маънои *софкунанда, поккунанда* зикр шудааст [19, ч. 2, с. 83]. Ба маънои *софкунанда* ва *поккунанда* дар шакли **полодан** ва дар таркиби вожаи мураккаби **полопол** дар Ф-ҳои «СС» ва «Луғати фурс» [3, с. 95; 17, с. 289] низ қайд шудааст, аммо, тавре ки таъкид гардид, он маънои махсусе, ки муаллифи «БҚ» ҳамчун Ҳ баён кардааст, дар ин Ф-ҳо ба мушоҳида нарасид.

Дар «БҚ» маънои зерини **чий** тазаккур ёфтааст: «**Чий** جی - вилояти Сифоҳонро гӯянд умуман; ва булуке аз булукоти онро хусусан; ва ба фатҳи аввал (яъне **Чай**) деҳест аз вилояти Рай; ва ба забони «Занд»-у «Позанд» ба маънои ***пок*** ва ***покиза*** бошад» [5, ч. 1, с. 331].

Ин моддаи луғавӣ дар сарчашмаҳои дигари бароямон дастрас ба мушоҳида нарасид. М. Муин низ дар повараки «БҚ» таъкид кардааст, ки

«дар «Фарҳанги паҳлавик»-и Юнкер ва дигар маохиз наёфтем» [ниг. 28, ч. 2, с. 606].

А. Каримов дар матнҳои паҳлавӣ дучор гардидани Ҳ-и **DKY**-ро ба маънои *покиза* ишора намудааст [7, с. 17].

Ҳ-и сермаънои дигар **шавар** аст. Ин моддаи луғавӣ дар «БҚ» зимни шарҳи вожаи **шӯр** чунин тазаккур ёфтааст: «**Шӯр** شور – бар вазни **мӯр;** *тамъе* ва *лаззате* бошад маъруф; ва *ошӯб* ва *ғавғо* ва *фарёд*ро гӯянд; ва *шум* ва *наҳс* ва *номуборак*ро низ гуфтаанд; ва ба маънии *саъю кӯшиш* ҳам ҳаст; ва *нойи руми*ро низ гӯянд, ки нафир бошад; ва ба маънии *варзиш* ва *кореро хуб варзидан* ҳам ҳаст; ва *барҳам хӯрдан*; ва *барҳам задан*; ва *ба ҳам омехта*ро низ гуфтаанд ва ба арабӣ **молач** хонанд; ва *шустан* ва *покиза сохтан ба об* бошад; ва *шӯридан* ва *шӯриш* масдари он аст; ва бо фатҳи аввал ва сонӣ (яъне **шавар**) ба забони «Занд»-у «Позанд» ба маънии ***сер*** аст, ки дар баробари гурусна бошад» [5, ч. 2, с. 236].

Дигар аз Ҳ-ҳои сермаънои дар «БҚ» зикрёфта **зак** аст. Тафсири ин вожа дар луғатномаи мазкур ба таври зерин аст: «**Зак** мухаффафи **зок** аст – ва он *ҷавҳаре* бошад шабеҳ ба намак; ва бо замми аввал (яъне **зук**) *худ ба худ ҳарф задан* бошад дар зери лаб; ва амр ба ин маънӣ ҳам ҳаст, ки **бизук** ва авом гӯянд **билунд** (бо замми лом); ва ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънои ***он*** бошад, ки калимаи ишора бошад» [5, ч. 2, с. 101]. Дар «ФЗТ» ин воҳиди луғавӣ ба гунаҳои ***зок/зог/зоҷ/зоғ*** зикр гардида, танҳо ба маънои *номи умумии намакҳои аз туршии гӯгирд ҳосилшаванда* шарҳ дода шудааст [19, ч. 1, с. 456]. Бино ба иттилои Ғиёсиддини Ромпурӣ, гунаи **зоҷ** муарраби вожаи **зок**-и форсист, ки дар забони ҳиндувон онро **пҳаткарӣ** гӯянд. Мавриди шарҳи калимаи **зок** муаллиф шарҳи вожаро ба гунаи ҳиндии он ҳавола намудааст [13, ч. 1, с. 386].

Муаллифи «СС» ин Ҳ-ро ба маънои *аз хашм бо худ ҳарф задан* шарҳ дода, калимаи **рак**-ро ифодакунандаи ҳамин маънӣ меҳисобад [3, с. 198].

Ин воҳиди луғавӣ дар «ФФ»-и М. Муин ҳам ба маънои *сухани аз рӯйи хашм зери лаб гуфташуда* омадааст [173].

Ҳ. Амид калимаи **зоҷ**-ро *ҷисми маъдании булӯришакл* маънидод карда, гунаи **зак**-ро дар шакли **закидан** ба маънои *аз рӯйи хашму дилтангӣ бо худ ҳарф задан* овардааст [173].

М. Муин маънои **он**-ро ифода кардани вожаи мазкурро аз Ҳ-и **dhak** ҳисобидааст, ки ба маънои **ân** дар паҳлавӣ мустаъмал будааст [ниг. 28, ҷ. 2, с. 1025].

Д. Саймиддинов ҳарфнавишти ин Ҳ-ро ба гунаи **DK** ва С. Урён ба гунаи **ZK** зикр кардаанд [15, с. 70; 44, с. 423].

Ин Ҳ дар забонҳои оромии китоби муқаддас ба гунаи **dēk**[э], оромии императорӣ – **zēk** ва дар матни «П» – **zak** дучор омадааст [44, с. 423].

Чунонки аз баррасиҳо аён шуд, аксар калимаҳои дар ин фасл баёншуда мисли гурӯҳҳои дигар бо сабабҳои мухталиф тағйири шакл кардаанд ва чанде аз онҳо аз лиҳози таркиби овоз ба тағйироти ҷиддӣ дучор омадаанд. Дигар ин ки бархе Ҳ-ҳо бо вожаҳои сараи порсии миёна омехта шуда, дар давраҳои минбаъдаи инкишофи забони тоҷикӣ ҳамчун вожаи ягона мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Тарзи ташаккул ва инкишофи қонунии овозҳои таркиби калимаҳои забон ва мавқеи задаи таърихӣ дар шаклгирии минбаъдаи калимаҳо дар баъзе моддаҳои луғавии матраҳшуда низ мушоҳида шуд.

## 3.2. Вижагиҳои муродифшавии ҳузворишҳо

Забони тоҷикӣ аз хусуси дороии вожаҳои ҳаммаъно ва наздикмаъно яке аз забонҳои сарватманди ҷаҳон мебошад, ки дар ифодаи як маъно бо вожаву ифодаҳои гуногун ва рангорангии баён имконияти фаровон дорад. Корбурди унсурҳои муродифӣ дар ҷараёни сухан имкон медиҳад, ки инсон матлабашро пурра, бо назардошти вазъи гуфтор, оҳанги талаффуз, кӣ ё чӣ будани мухотаб баён кунад.

Омӯзиши муродифот яке аз масъалаҳои муҳим ва доманадори забон ба шумор омада, доир ба ҷанбаҳои гуногуни он фикру мулоҳизаҳои мухталиф баён гардидааст, аммо бо вуҷуди ин наметавон гуфт, ки ин масъала дар тамоми осори хаттии собиқаи тулонидоштаи тоҷикӣ комилан таҳқиқ шудааст.

Таҳлилу баррасии муродифот дар осори ин ё он суханвар барои муайян кардани рангорангии тарзи баён ва услуби фардии ӯ кӯмак расонад, тадқиқи усулҳои зикр ва мавридҳои корбурди вожаҳои муродифӣ дар Ф-ҳо барои муайян сохтани рангорангӣ ва фасоҳату балоғати як забон ва ғановати таркиби луғавии он аҳаммияти бузург дорад. Зиёда аз ин, омӯзиш ва таҳқиқи муродифвожаҳои як забон, хосса вожаҳои матруки он, ки тавассути сарчашмаҳо то ба мо расидаанд, барои муайян кардани бурду бохти забон дар масири таърих мусоидат хоҳад кард.

Муродифот далели ғаномандии луғавии ҳар кадом забон буда, барои возеҳу равшан баён гардидани фикр ва қонеъ кардани талаботи соҳибони забонҳои гуногун мадад мерасонанд. Дар ин бора забоншинос Н. Ҳикматуллоев чунин ишора намудааст: «Қобили тазаккур аст, ки воситаҳои синонимии сухан, қабл аз ҳама, дар беҳдошти маданияти гуфтори ҷомеа нақши хоса доранд. Соҳибзабон ҳар қадар аз баҳри беҳудуди муродифоти забон бештар бархурдор гардад, ҳамон андоза фикру матлабро беҳтару хубтар ифода карда метавонад» [101, с. 5].

### 3.2.1. Муродифшавии ҳузвориш бо ҳузвориш

Чунонки борҳо таъкид гардид, нақши Ф-ҳо дар ҳифз ва интиқоли сарвати луғавии забон муҳим аст ва тавассути луғатномаҳое мисли «БҚ» теъдоди зиёди воҳидҳои луғавии ҳаммаъно, аз ҷумла Ҳ-ҳо аз як замон ба даврони дигар интиқол ёфтаанд. Луғатномаи мазкур дар ҳифзи воҳидҳои луғавии аслии тоҷикӣ нисбат ба дигар фарҳангҳо нақши намоён дорад. Ин матлаб дар «Забони адабии ҳозираи тоҷик» низ қайд шудааст: «Агарчи «Бурҳони қотеъ» аз ҷиҳати миқдори калимаҳо баробари «Кашф-ул-луғот» бошад ҳам, дар «Кашф-ул-луғот» қариб аксари моддаҳои луғавиро калима ва терминҳои арабӣ ташкил медиҳанд. Саҳми «Бурҳони қотеъ» дар ҷамъ овардани лексикаи хоси форсӣ-тоҷикии ғайриарабӣ мебошад» [64, с. 65].

«БҚ» теъдоди зиёди муродифотро фаро гирифтааст, аммо дар ин бахш танҳо унсурҳои луғавие баррасӣ мешаванд, ки зери истилоҳи **луғати «З»-у «П»** сабт шуда, ҳаммаъно ё наздикмаъно мебошанд. Вожаҳои зерин дар луғатнома ҳамчун Ҳ хусусияти ҳаммаънои зоҳир кардаанд: ***ашу***, ***аҳлабуб***, ***амаро***, ***басё***, ***буҷипо***, ***бирбушо***, ***зеко***.

Калимаи ***ашу*** дар «БҚ» ҳамчун Ҳ ба маънои *одами биҳиштӣ* шарҳ дода шудааст [5, ч. 1, с. 100]. Ин воҳиди луғавиро Ҳ. Амид ба маънои *шахси поктинат, муқаддас, равшанзамир* ва *биҳиштӣ* шарҳ додааст ва овонавишти паҳлавии онро ба гунаи **ašok** нишон додааст [26, ч. 1, с. 211].

Бино ба иттилои М. Муин, ин вожа аз решаи авестоии **asha** ба маънои *ростӣ* ва **ashvan** ба маънои *муқаддас* буда, он бо калимаи паҳлавии **ahru** муродиф аст [ниг. 28, ч. 1, с. 142].

С. Урён ҳарфнавишти ин вожаро ба гунаи **ᵓlwb** ва овонавишти паҳлавияшро дар шакли **ahlaw** нишон додааст. Ҳамчунин қайд мешавад, ки ин вожа дар забони санскрит ба гунаи **r̲ăvan**, дар авестоӣ ба шакли **ašāvan**, дар форсии бостон – **artāvan**, дар форсӣ ва портии монавӣ – **ᵓrdᵓw, ᵓʰlw** ва дар форсии миёна – **ardāy** истифода шудааст. Тибқи иттилои ҳамин сарчашма, вожаи мазкур дар матни «П» дар шакли **ahrrnōb** сабт ва ба

гунаҳои **halōb, ahlōb, ahilōb, ahalōb, ašōî, ašaōy** хонда шудааст [44, с. 207-208].

Ин моддаи луғавӣ бо маъное, ки дар луғати «З»-у «П» омадааст, бо калимаи **аҳлабуб** хусусияти ҳаммаънойӣ зоҳир кардааст. Вожаи **аҳлабуб** низ дар луғати «З»-у «П» ба маънои *биҳиштӣ* шарҳ ёфтааст [5, ч. 1, с. 129].

Д. Саймиддинов овонавишти паҳлавии ин вожаро ба гунаи **ašōy** зикр карда, дар ҳарфнавишт ба гунаи **hlwb** нишон додааст [15, с. 73]. Дар повараҷи «БҚ» қайд шудааст, ки вожаи мазкур аз решаи вожаҳои қадимаи **ahallnôb**, **ahlôb** буда, шакли паҳлавии он ба гунаи **ashavak** дучор меояд. Зимнан М. Муин изҳор доштааст, ки **аҳлалбуб** шакли иштибоҳшудаи **аҳлануб** аст, зеро дар гунаи қадими Ҳ. ҳамсадои «**б**» (**b)** ба мушоҳида намерасад [5, ч. 1, с. 190]. Агар ба шакли зоҳирии калима ва овозҳои таркиби он таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад, андешае пайдо хоҳад шуд, ки решаи ин вожаҳо ягона аст ва ё калимаи **аҳлабуб** яке аз шаклҳои дар забонҳои эронӣ мустаъмали вожаи **r̲ǎvan**-и санскрит бояд бошад. Ин амр низ мумкин аст, ки ҳангоми китобат бо такя ба хонишҳои паҳлавии вожа [**halōb, ahlōb, ahilōb, ahalōb**] **аҳлабуб** вожаи алоҳида пиндошта шуда, дар ҳамин шакл сабт гардида бошад.

Ду Ҳ-и дигари ҳаммаъно, ки барои ифодаи *шароби ангурӣ* омадааст, вожаҳои **амаро** ва **басё** мебошанд. Вожаи **амаро** дар «БҚ» чунин тафсир шудааст: «**Амаро** امرا - ба луғати «Занд»-у «Позанд» *шароби ангурӣ* бошад; ва ба сукуни сонӣ (яъне **амро**) *хари улог*ро гӯянд» [5, ч. 1, с. 112].

С. Урён ҳарфнавишти ин вожаро ба гунаи **HMLA** нишон дода, ба маънои *май* шарҳ додааст. Тибқи иттилои ӯ, ин вожа дар ибрӣ ба гунаи **ḥemer**, дар оромӣ, палмирӣ, сурёнӣ ва мондоӣ ба шакли **ḥamarā** ва дар матни «П» ба сурати **amarā** дучор омадааст [44, с. 93].

М. Муин дар ҳошияи «БҚ» овонавишти паҳлавии ин вожаро ба гунаҳои **amrā, am(a)nā** нишон додааст [ниг. 28, ч. 1, с. 161].

Гуфтан ҷоиз аст, ки С. Урён Ҳ-и дигарро ба маънои *раз, шароб, дарахти мав, дарахти ангур* шарҳ додааст, ки аз лиҳози таркиби овозӣ ҳам

дар забонҳои сомӣ ва ҳам дар позанднависӣ бо вожаи **амаро** наздиканд. Аз ҷумла муаллиф зикр намудааст, ки ин вожаро (**KLMA**) дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **kerem**, оромӣ ба шакли **karmā**, ошурӣ – **karānu** ва сурёнӣ – **kermā** дучор омадааст. Ин Ҳ дар матни «П» дар шакли **kallnmā** зикр шуда, ба гунаҳои **k(a)lmā, krrmā** хонда шудааст [44, с. 91].

Зикри вожаи ҳаммаънои ин Ҳ - **басё** дар луғатномаи мавриди омӯзиш чунин аст: «**Басё** بسيا - бар вазин **дарё**; *шароби ангури*ро гӯянд ба луғати «Занд»-у «Позанд»» [5, ч. 1, с. 180].

Дар «ВП(«П»)» ин Ҳ ҳамчун сурати дигари Ҳ-и **BSRA** ба маънои *май, бода* зикр шудааст. Гуфта мешавад, ки ин Ҳ дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **bᵊser**, оромӣ ба шаклҳои **busrā**, **basrā**, **bisrā**, оромии яҳудӣ – **busrā**, сурёнӣ – **besrā**, **besrətā**, **besîrā** ва дар матни «П» – **basŷā** сабт шудааст [44, с. 93-94]. Зикраш бамаврид аст, ки дар забони ибрӣ Ҳ-и **ᶜāsîs** ба ҳамин маъно мавҷуд аст, ки дар позанднависӣ дар шакли **asŷā** сабт шудааст ва ин вожа аз лиҳози овоз анқарибӣ вожаи **басё** мебошад [44, с. 93].

Ҳ-ҳои муродифии дигар **буҷипо** ва **бирбушо** аст. Вожаҳои мавриди назар дар «БҚ» маънои *хиёри бодранг*-ро ифода кардаанд [5, ч. 1, с. 196-197; 205].

Вожаи **буҷипо** дар матни «П» дар шакли **bōĵînā** сабт ва ба гунаҳои **bōčînā, baōĵînā, buĵînā** хонда шудааст. Ин вожа дар забонҳои оромии яҳудӣ, фаластинии масеҳӣ ва сурёнӣ ба гунаи **bōṣînā** дучор омадааст [44, с. 86].

Воҳиди луғавии **бирбушо** дар матни «П» ба гунаи **bîrbōšyā** сабт шуда, дар овонигорӣ дар шаклҳои **bîlbōšîā, bîrbōšiā** зикр гардидааст. Бино ба иттилои С. Урён, «ин вожаи эронӣ аст ва дар забонҳои дигар ба унвони вожаи дахил ба кор меравад» [44, с. 81-82]. М. Муин дар ҳошияи «БҚ» овонавишти паҳлавии ин вожаро ба гунаи **byrbush** ба маънои *бодранг* нишон додааст [ниг. 28, ч. 1, с. 334].

Баррасиҳо нишон дод, ки ин гурӯҳи Ҳ-ҳо низ дорои вижагиҳои муҳимми забоншиносӣ мебошанд ва бештар ба тағйироти овоӣ дучор

омадаанд. Мавридҳое ҳам ба мушоҳида расиданд, ки вожаҳои авестоиасл барғалат чун Ҳ сабт ва ташреҳ гардидаанд. Шояд ин амр аз он сарчашма гирифта бошад, ки муаллифи «БҚ» вожаҳои мазкурро дар китоби «П» бо вожаҳои позанднависишуда иваз карда бошад.

### 3.2.2. Муродифоти ҳузворишҳо бо вожаҳои тоҷикӣ ва арабӣ

Дар байни воҳидҳои луғавии зери истилоҳи **луғати «З»-у «П»** дар «БҚ» сабтшуда вожаҳое мавҷуданд, ки муаллифи луғатнома дар баробари маънои Ҳ-ии онҳо муродифҳои тоҷикӣ ва арабияшонро низ қайд кардааст. Бо чунин вижагӣ истифода шудани Ҳ-ҳо аз назари баъзе забоншиносони тоҷик пинҳон намондааст. Чунончи, забоншинос А. Каримов феҳристи 136 Ҳ-ро зикр кардааст, ки муродифҳои паҳлавӣ доранд. Аз байни чунин Ҳ-ҳо 90 ададашон дорои вожаҳои ҳаммаъноси арабӣ ҳастанд [7, с. 38-43].

Зимни омӯзиш муайян гардид, ки Ҳ-ҳои зерин бо вожаҳои ҳаммаънои тоҷикӣ ва арабияшон нишон дода шудаанд: ***абир, апро, атбо, адвой, асё, акбиё, аг, улбо, анбиман, ангупо, базуна, бисриё, бито, бино, табо, табно, талмин, тупо, тӯро, тумо, ҷарро, ҷагрунитан, ҷалто, ҷувом, чичист, добо, дамё, рос, рок, ракум, равишанд, сарӯ, сусибор, шатино, шанат, шанатон, кад, кужбарто, губашо, гӯбиё, гӯман, мадино, ниро***.

Чунонки мушоҳида шуд, ин зерфасл миқдоран вожаҳои бештарро фаро гирифтааст ва ҳар кадом ба қабатҳои гуногуни луғавӣ-маъноӣ мансубанд. Бо назардошти хусусиятҳои луғавию маъноияшон ин Ҳ-ҳо ба гурӯҳҳои зерин дастабандӣ ва таҳлил карда шуданд:

- Ҳ-ҳои ифодакунандаи номи ашё ва муродифоти онҳо;
- Ҳ-ҳои мансуб ба ҷонишинҳо ва муродифоти онҳо;
- Ҳ-ҳои ифодакунандаи мафҳуми замон ва муродифоти онҳо.

Аз рӯйи хусусият ва вазифаҳои номинативиашон Ҳ-ҳои марбут ба номи ашё ва муродифоти онҳо, дар навбати худ, боз ба чунин зербандҳо ҷудо карда шуданд: гиёҳвожаҳо, узввожаҳо, зоонимҳо, калимаҳои

ифодакунандаи номи асбоби ҷангӣ, фулузот, исмҳои макон, меваҷот, исмҳои маънӣ ва монанди инҳо.

*Гиёҳвожаҳо ва муродифоти онҳо.* Чанде аз моддаҳои луғавии дар Ф зикршуда, ки М. Бурҳон онҳоро бо такя ба луғати «З»-у «П» шарҳ додааст, номи гиёҳ ва мафҳумҳои ба он вобастаро ифода кардаанд. Яке аз чунин вожаҳо **аг** мебошад, ки дар Ф-и мавриди омӯзиш ба тарзи зайл тафсир гардидааст: «**Аг** **اگ** - ба луғати «Занд»-у «Позанд» *гандум*ро гӯянд ва ба арабӣ **ҳинта** хонанд» [5, ч. 1, с. 109].

Бино ба иттилои А.Деҳхудо, вожаи мазкур дар «О», «А», «НА» ва «Ҳафт қулзум» низ айни ҳамин маъноро ифода кардааст [30, ч. 2, с. 3161].

Аз рӯйи маълумоти дар «ВП(«П»)» зикргардида, дар забонҳои ибрӣ вожаҳое чун **hitā**, оромӣ – **ḥiṇtin**, сурёнӣ – **ḥîṭā**, оромии императорӣ, мондоӣ, оромии бостон, оромии яҳудӣ ва фаластинии масеҳӣ – **ḥiṇtā**, дар арабӣ – **حنطه** ва дар матни «П» – **ag** сабт шудааст. Ҳамчунин зикр шудааст, ки «ин вожа (**аг** М. Н.) яке аз ихтисороти ҳузворишӣ дар паҳлавӣ аст» [44, с. 72].

Бояд гуфт, ки вожаи **гандум** аз решаи **godhūma**-и забони санскрит буда, аз ин забон ба авестоӣ ба гунаи **gantuma** ва ба форсии миёна дар шакли **gnwm** интиқол ёфтааст [44, с. 72].

Аз шарҳи фавқи дар «БҚ» зикргардида аён аст, ки муаллифи луғатнома зимни шарҳи Ҳ вожаҳои ҳаммаънои онро дар забонҳои тоҷикӣ ва арабӣ нишон додааст.

Ҳ-и дигари марбут ба номи гиёҳ, ки дорои муродифоти тоҷикӣ ва арабӣ мебошад, **ангупо**-ст. Ин Ҳ дар тоҷикӣ бо вожаи **коснӣ** ва дар арабӣ бо вожаи **ҳиндибо** муродиф шудааст: «**Ангупо** **انگپا** - бар вазни **маҳмудо;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *косни*ро гӯянд; ва он гиёҳест маъруф ва ба арабӣ **ҳиндибо** хонанд» [5, ч. 1, с. 122]. А.Деҳхудо ҳам ба Ҳ будани ин моддаи луғавӣ ишора карда, шарҳи М. Бурҳонро такрор кардааст [30, ч. 3, с. 3600].

Тибқи иттилои М. Муин, ин моддаи луғавӣ аз Ҳ-и **a(n)gōpā** буда, муродифи вожаи паҳлавии **kāshnîk** аст, ки ба маънои *коснӣ* истифода гардидааст [ниг. 28, ҷ. 1, с. 178].

Аз рӯйи маълумоти С. Урён, дар сурати сомӣ будани вожаи **ангупо** он дар забонҳои оромӣ ба гунаи **hand$^{e}$ḇā** ва сурёниву мондоӣ ба шакли **ḥaddāḇā** дучор омада метавонад ва шакли позанднависии он бояд **ŋ̃gōpā** бошад [44, с. 103].

Ҳ-и **табно تبنا** дар «БҚ» ба маънои *коҳе, ки аз гандум ва ҷав ба вуҷуд меояд*, шарҳ гардида, бо чунин маъно бо калимаи арабии **табан** муродиф шудааст [5, ҷ. 1, с. 270].

М. Муин низ дар ҳошияи «БҚ» ба Ҳ будани он ишора карда, овонавишти паҳлавии онро ба гунаи **t(a)bnā** нишон додааст [ниг. 28, ҷ. 1, с. 468]. А.Деҳхудо низ дар «Л»-аш бо такя ба Ф-ҳои «А», «О», «БҚ», «НА» чунин маънои вожаи мавриди баррасиро такрор кардааст [30, ҷ. 4, с. 6396].

«Вожаномаи озод» ҳамчун вожаи арабӣ ба маънои *най* омадани ин калимаро зикр карда, онро мураккаб аз **таб** ва **но** ҳисобидааст. Ба иттилои вожаномаи мазкур, калимаи **таб** баргирифта аз **табал** ё **тараб** буда, қисмати **но** ба маънои *най, ҳанҷара* ва, дар маҷмуъ, ифодагари *садо* ё *марди хушсадо* мебошад [173].

С. Урён бар он назар аст, ки решаи ин Ҳ номаълум аст ва дар забони ибрӣ ба гунаи **teben**, ибрии нав, ибрии китоби муқаддас, ошурӣ ба шакли **tibnu**, оромӣ, оромии империторӣ, оромии яҳудӣ, палмирӣ, фаластинии масеҳӣ ва сурёнӣ – **tiḇnā**, дар арабӣ – **تبن** (**тибн**) ва дар матни «П» – **tabnā** дучор омадааст [44, с. 75].

Дар мавриди гунаи арабии вожа бояд зикр кард, ки дар нусхаи таҳиянамудаи М. Муин ҳаракатҳои калима гузошта нашудааст ва метавон ***тибан, табан*** ва ҳам ***тибн*** хонд, аммо дар «ВП(«П»)» дар болои ҳарфи «бо» аломати «сокин» ва дар поёни ҳарфи «то» ҳаракати «зер» нишон дода шудааст, ки дар ин маврид хониши вожа бояд ба сурати ***тибн*** бошад [44, с. 75].

Ҳузвориши дигар **улбо** / **албо** аст, ки дар «БҚ» ба таври зер зикр гардидааст: «**Улбо** البا - *қаляи пути*ро гӯянд; ва он дилу ҷигари қима кашида дар равған бирёнкарда бошад; ва ҳасратулмулук ҳамон аст. Ва ба фатҳи аввал (яъне **албо**) ба луғати «Занд»-у «Позанд» ба маънии *шир* бошад, ки арабон **лабан** гӯянд; ва *хитмии саҳрои*ро низ гуфтаанд; ва ба ин маънӣ ба ҷойи бои абҷад ёи ҳуттӣ (яъне **алё**) ҳам омадааст» [5, ҷ. 1, с. 110].

**Кӯжбарто** аз ҷумлаи Ҳ-ҳое аст, ки бо вожаҳои форсии **кашниз** ва арабии **кузбура** хусусияти муродифӣ пайдо кардааст. Зикри вожаи мазкур дар «БҚ» чунин аст: «**Кӯжбарто کوژبرتا** - бар вазни **умрфарсо**; ба забони «Занд»-у «Позанд» *рустание* бошад, ки онро **кишниз** хонанд ва ба арабӣ **кузбура** гӯянд» [5, ҷ. 2, с. 411].

М. Муин ҳам ба Ҳ будани ин моддаи луғавӣ ишора карда, овонавишти онро ба гунаҳои **koz(a)b(a)rtā**, **kozbartā** нишон додааст [ниг. 28, ҷ. 3, с. 1727].

С. Урён дар ҳарфнавишт ин моддаи луғавиро ба гунаи **KWZBLTA** нишон дода таъкид кардааст, ки вожаи мазкур дар забони оромӣ ба гунаҳои **kūsbār, kōsbartā**, дар сурёнӣ ба шакли **kaozbartā**, дар ошурӣ – **kusibirru**, дар арабӣ – **кусбура, кузбура, кузибара (كسبرة, كزبرة, كزبرة)** ва дар матни «П» – **kōzbartā** дучор омадааст [44, с. 103-104].

Бояд гуфт, ки бо назардошти фарқи зоҳирӣ ин Ҳ бо вожаи арабии **кузбура** вожаи ҳаммаъно пиндошта шуд, аммо метавонад решаи вожаи **кузбура**-и арабӣ бо Ҳ-и **кужбарто** ягона бошад.

Моддаи луғавии дигари марбут ба Ҳ-ҳо **тумо** аст. Вожаи мазкурро муаллифи «БҚ» чунин шарҳ додааст: «**Тумо توما** - ба луғати «Занд»-у «Позанд» *сири бародари пиёз*ро гӯянд ва ба арабӣ **сӯм** ва **фум** хонанд» [5, ҷ. 1, с. 301].

М. Муин ба Ҳ будани он ишора мекунад ва овонавишташро ба гунаҳои **tōmā**, **tōama** нишон дода, онро муродифи вожаи паҳлавии **sighr** меҳисобад [ниг. 28, ҷ. 1, с. 535]. С. Урён ҳарфнавишти вожаи мазкурро ба гунаи **TWMA** нишон дода, дар забонҳои оромии яҳудӣ, сурёниву мондоӣ

ба гунаи **tūmā** ва дар матни «П» ба шакли **tōmā** дучор омадани онро таъкид намудааст [44, с. 102-103].

Дар «ВП(«П»)» аз гунаҳои арабии он ёд нашудааст ва М. Муин ҳам зимни ишораи овонавишти ин вожа дар повараҷи «БҚ» ба муродифҳои арабии он ишорае надорад.

Ба назар мерасад, ки чанде аз вожаҳои арабие, ки зимни моддаҳои луғавӣ оварда шудаанд, бо Ҳ-ҳо решаи ягона доранд, ки баёни қатъии он таҳқиқи алоҳидаву амиқ мехоҳад.

*Узввожаҳо ва муродифоти арабии онҳо*. Яке аз вожаҳои ифодакунандаи узви инсон, ки дар «БҚ» зикр шуда, бо вожаи тоҷикии **пай** ва арабии **асаб** хусусияти муродифӣ зоҳир намудааст, **акбиё** аст [5, ҷ. 1, с. 108].

Тибқи маълумоти А. Деҳхудо, ин унсури луғавӣ бо ҳамин маъно дар Ф-ҳои «Луғати фурс», «Ҳафт қулзум», «БҚ», «НА» ва «О» низ сабт шудааст [30, ҷ. 2, с. 3138].

С. Урён ҳарфнавишти вожаи номбурдаро ба гунаи **AKBYA** ва муродифи паҳлавияшро ба шакли **pay** зикр карда, дар забони ибрӣ ба гунаи **ᶜāqēḇ**, оромӣ ба шаклҳои **ᶜiqḇayā**, **ᶜiqḇā,** сурёнӣ – **ᶜeqḇā,** фаластинии масеҳию мондоӣ – **ᶜiqḇayā**, арабӣ – **ақиб** (**عقب**) ва дар матни «П» – **akbyā** дучор омадани вожаро нишон додааст [44, с. 147].

М. Муин низ дар ҳошияи «БҚ» ишора кардааст, ки вожаи мазкур аз Ҳ-и **akbyā, akbîtā** буда, бо вожаи паҳлавии **пай** ҳаммаъност [ниг. 28, ҷ. 1, с. 154]. Зикраш бамаврид аст, ки гунаи арабии вожа дар нусхаи таҳиянамудаи М. Муин дар шакли **асаб** омадааст, на **ақиб**. С. Урён муродифи арабии ин Ҳ-ро ба гунаи **ақиб** (**عقب**) зикр карда, вале ҳангоми шарҳи Ҳ маъноҳои *пай, раг, асаб, пошна*-ро меорад [44, с. 147].

Мутобиқ ба қайди муаллифи «БҚ», Ҳ-и **базуна** **بزونه** бо вожаи портишакли **зону** ва арабии **рукба** ҳаммаъно мебошад [5, ҷ. 1, с. 176].

А.Деҳхудо бо такя ба Ф-ҳои «БҚ», «НА» ва «О» ҳамин гуна шарҳро такрор кардааст [30, ҷ. 3, с. 4719].

С. Урён ин вожаро дар дохили таркиби **ба зону** шарҳ додааст. Ҳарфнавишту овонавишти паҳлавии вожа низ дар шакли таркиб зикр шудааст. Дар позанднависӣ бошад, ба гунаи **hužnoy** мазкур аст [44, с. 130]. Бояд гуфт, ки муҳаққиқи номбурда барои ифодаи **зону** Ҳ-и **paparā**-ро зикр кардааст [44, с. 129].

Ҳ-и **талмин** تلمن бо калимаҳои арабии **анф** ва **бадан** муродиф мебошад. Вобаста ба мансубияти забонии вожаи **бадан** луғатнигорон дар як ақида нестанд: Дар «ФЗТ» арабӣ будани он ишора шудааст [19, ч. 1, с. 126), аммо дар «ФТЗТ» ин калима бидуни ҳеҷ ишора зикр гардидааст [20, ч. 1, с. 110]. Мо дар пайравӣ ба ишораи «ФЗТ» ҷонибдори асли арабӣ доштани ин вожа ҳастем.

**Талмин** дар «БҚ» ба маънои *бинии одамӣ ва ҳайвоноти дигар* шарҳ ёфтааст [5, ч. 1, с. 290]. Вожаи мавриди баррасӣ дар «А», «НА» ва «О» низ ба маънои *бинии одамон ва ҷонварони дигар* қайд гардида, дар «НА» зери ин вожа маъноҳои *минқор ва хартум* ҳам ёд шудааст [173].

М. Муин дар ҳошияи «БҚ» қайд мекунад, ки ин вожа аз Ҳ-и **talman** буда, муродифи вожаи паҳлавии **vēnîk** ба маънои *бинӣ* мебошад [ниг. 28, ч. 1, с. 509].

С. Урён ҳарфнавишти ин Ҳ-ро ба гунаи **MḤRE** нишон дода таъкид кардааст, ки «сурати дурусти ин ҳузвориш маълум нест. Юнкер ва Аблинг онро ба сурати **MḤRH** ва Шедр онро **NḤ(Y)RH** ҳарфнависӣ намудаанд» [44, с. 154]. Муҳаққиқи номбурда бар он назар аст, ки дар сурати ба назар гирифтани андешаҳои олимони фавқ сурати ибрии вожа бояд ба гунаи **neḥar**, ошурӣ – **naḥîru**, сурёнӣ – **neḥirā, neḥar** ва ибрии нав – **nāḥar** бошад. Дар ин пажуҳиш ҳамчунин афзуда шудааст, ки «Нюберг онро ба сурати **TLH** ҳарфнависӣ ва ба *гардана, пушта* маънӣ кардааст» [44, с. 154]. Дар ин сурат шакли оромӣ, оромии бостон, сурёнӣ ва мондоии вожа бояд ба гунаи **tilleh** бошад. Шакли позанднависишудаи вожа дар шакли **tallnman** сабт гардида, ба гунаҳои **tārman, talnam** хонда шудааст [44, с. 155].

Ба ин тариқ, М. Бурҳон Ҳ-и **чалто** **جلتا**-ро бо вожаи тоҷикии **пӯст** ва арабии **ҷилд** ба маънои *пӯсти одамӣ ва ҳайвоноти дигар* муродиф шуморидааст [5, ҷ. 1, с. 321].

А.Деҳхудо ҳам дар шарҳи ин воҳиди луғавӣ айнан ҳамин маъноро такрор карда, ба «БҚ» ишора намудааст [30, ҷ. 5, с. 7826]. М. Муин ин вожаро аз Ҳ-и **j(a)l(a)tā** ба маънои *пӯст* донистааст [ниг. 28, ҷ. 2, с. 581].

Ҳ-и дигари марбут ба узви инсон, ки бо вожаи форсии **забон** ва арабии **лисон** муродиф аст, воҳиди луғавии **гӯбиё** **گوبیا** мебошад, яъне мутобиқи ишораи М. Бурҳон **гӯбиё** низ дар «БҚ» маънои *забон*-ро доштааст [5, ҷ. 3, с. 39].

**Гӯбиё** **گوبیا** низ чун Ҳ-и бозмондаи оромӣ дар чанд забони дунё мавриди истифода қарор дорад. Азбаски зикри реша ва шаклҳои корбасти он дар чанд забони ҷаҳон дар фасли Ҳ-ҳои марбут ба соматизмҳо баррасӣ гардид, аз такрор кардани он худдорӣ мекунем [5, ҷ. 3, с. 39; 28, ҷ. 3, с. 1849; 44, с. 157-58; 140, с. 147; 173].

*Зоонимҳо ва муродифоти арабии онҳо.* Теъдоде аз Ҳ-ҳои муродифоти тоҷикиву арабидошта ба номи ҳайвоноту мафҳумҳои ба он марбут мутааллиқ аст. Т**ӯро** **تورا** дар қатори ҳамин гуна Ҳ-ҳо қарор дорад. **Тӯро** дар «БҚ» бо вожаи тоҷикии **гов** ва арабии **бақар** ҳаммаъно қаламдод шудааст [5, ҷ. 1, с. 299]. Ин маъно дар «Л»-и А.Деҳхудо низ қайд шудааст, дар «НА» вожаи мавриди назар ба маънои нисбатан мушаххас – *гови нару мода* мазкур аст [30, ҷ. 5, с. 7117].

С. Урён ин вожаро ба гунаи **TWRA** ҳарфнависӣ карда, дар забонҳои ибрӣ, ибрии нав, ибрии китоби муқаддас ба гунаи **šwr**, дар оромӣ, палмирӣ, фаластинии масеҳӣ, набатӣ, сурёнӣ ва мондоӣ ба шакли **tōrā**, ошурӣ – **šūru**, англисии миёна – **taurus** (аз лотинӣ), дар арабӣ – **ثور** ва дар матни «П» – **tōnā** гардиш доштанашро таъкид кардааст [44, с. 108]. Бояд гуфт, ки гунаи арабии дар «БҚ» зикршуда (**бақар**) дар Ф-ҳои дигари мавриди истифодаи мо ишора нашудааст. Муаллифи «ВП(«П»)» гунаи арабии онро ба таври дигар қайд кардааст.

Ҳ-и **сусибор سوسبار** бо вожаи модии **асп** ва арабии **фарас** аз ҷониби М. Бурҳон муродиф ҳисобида шудааст [5, ч. 2, с. 182]. А. Деҳхудо низ бо такя ба Ф-ҳои «БҚ» ва «О» ин калимаро ба маънои *асп* шарҳ додааст. Бино ба иттилои М. Муин, муаллифи «БҚ» зимни шарҳи ин вожа гунаҳои **субор, асубор**-ро ба маънои *савор* сабт карда, гунаи қадими онро **sôsyâ** овардааст, ки муродифи вожаи модиасли **асп** (**asp**) мебошад [ниг. 28, ч. 2, с. 1188; 30, ч. 9, с. 13840].

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **SWSYA** ҳарфнависӣ карда, дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **sūs**, ибрии нав ба шаклҳои **sūs, sūsā**, оромӣ, сурёнӣ, мондоӣ, набатӣ, палмирӣ ва фаластинии масеҳӣ – **sūsyā**, ошурӣ – **sisû** ва дар матни «П» – **saōsyā** зикр шудани вожаро ишора кардааст [44, с. 108]. Муҳаққиқи номбурда гунаи арабии вожаро ишора накардааст. Ҳамчунин ба мушоҳида мерасад, ки вожаи **сусибор** дар «БҚ» аз шакли ибтидоии он дучори тағйироти назарраси овоӣ шудааст.

*Вожаҳои ифодакунандаи номи асбоби ҷанг ва муродифоти онҳо.* Чанде аз Ҳ-ҳои дар «БҚ» зикргардида, ки афзори ҷанг ва мафоҳими ба он вобастаро ифода мекунанд, бо калимаҳои забонҳои дигар, бахусус арабӣ, хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир кардаанд. Чунончи, Ҳ-и **атбо اتبا** бо вожаи **тири** тоҷикӣ ва **саҳми** арабӣ муродиф шудааст [5, ч. 1, с. 71].

М. Муин бар он назар аст, ки ин вожа шакли таҳрифшудаи Ҳ-и **ātyā** аст, ки дар паҳлавӣ дар шакли **tighr** ба маънои *тир* дучор меояд [ниг. 28, ч. 1, с. 87].

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **ḤTYA** ҳарфнависӣ карда, муродифи паҳлавии онро **tighr** ба маънои *тир* нишон додааст. Ҳ-и мазкур дар ибрӣ ба гунаи **ḤṢ** ҳарфнависӣ шуда, дар шакли **hēṣî** овонависӣ гардидааст. Ҳамчунин дар забони оромии императорӣ ба гунаи **ḥiṭṭayyā**, мондоӣ ба шакли **hiṭia**, арабӣ – **خطوة (хутва)** ва дар матни «П» – **atÿā** дучор омадани воҳиди луғавии мазкур ишора шудааст [44, с. 224]. Чунонки мушоҳида шуд, ҳам шакли позанднависии вожа ва ҳам муродифи арабии он аз шарҳи М. Бурҳон тафовут дорад.

Зикраш бамаврид аст, ки Д. Саймиддинов ин Ҳ-ро ба гунаи **HTY** ҳарфнависӣ карда, маънояшро *тез* эзоҳ додааст [15, с. 74], лекин дар ҳар ду сарчашма ҳам шакли паҳлавии Ҳ як хел сабт шудааст. Дар навишти паҳлавии вожа дар охири калима аломате барои ифодаи овози «А» мавҷуд аст. Дар мавриди ба маънои *тез* шарҳ дода шудани вожа бояд гуфт, ки ин калима дар асл сифат буда, маънои **тез**-ро дошт.

Дар сангнавиштаҳои Ҳахоманишӣ унсури луғавии **tigraxauda** вуҷуд дошт, ки маънои ҷузъи аввал: **tigra** – *тез* ва ҳиссаи дуюм: **xauda** – *хӯд* аст ва маънои маҷмуияш *хӯди тез* аст. Бо ин калима яке аз тоифаҳои сакҳое ном бурда мешуд, ки кулоҳи нӯгаш тез мепӯшиданд. Ба ин тариқ, чанд муддат **tigra** ба ҳамон маънои *тез* гардиш карда, тадриҷан субстантиватсия гардид.

Р**авишанд** **رویشند** низ калимаи ифодакунандаи асбоби ҷанг ба шумор омада, бо вожаи **ҷунна**-и арабӣ ва **сипар-**и тоҷикӣ ҳаммаъно аст. Ин Ҳ дар «БҚ» чунин тавзеҳ шудааст: «**Равишанд** **رویشند** - бар вазни **алибанд**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» *сипар*ро гӯянд, ки ба арабӣ **ҷунна** гӯянд; ва дар ҷойи дигар *сар*ро гуфтаанд, ки ба арабӣ **раъс** гӯянд, …» [5, ҷ. 2, с. 81].

А.Деҳхудо ҳам бо такя ба Ф-ҳои «НА» ва «БҚ» чунин маънои вожа ва муродифи онро қайд намудааст [30, ҷ. 8, с. 12422].

М. Муин дар поварақи «БҚ» таъкид кардааст, ки ин Ҳ дар овонавишт ба гунаҳои **r(a)vaêshman**, **rôishman** дучор гардида, бо вожаи паҳлавии **sipar** хусусияти муродифӣ пайдо намудааст [ниг. 28, ҷ. 2, с. 981-982].

С. Урён барои ифодаи мафҳуми *сипар* Ҳ-и **LPN**-ро зикр карда, гунаи позанднависии онро дар шакли **rapūn** нишон додааст. Ҳамчунин қайд кардааст, ки «ин вожа бо сурати мутаорифи худ дар ҳеҷ як аз забонҳои сомӣ ваҷҳи иштиқоқ надорад. Нюберг онро бо вожаи баъдӣ, яъне сипар (**spar**) таркиб намуда ва, дар маҷмуъ, ба сурати иборати **raf-nidfār** ба маънои *сафкашида барои разм, омодаи ҷанг* қироат кардааст» [44, с. 227-228].

*Вожаҳои марбут ба номи фулузот ва муродифоти арабии онҳо.* Дар байни Ҳ-ҳои дар «БҚ» тазаккурёфта вожаҳои муродифиеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки номи фулузотро ифода кардаанд. **Табо تبا** ба чунин гурӯҳи Ҳ-ҳо мансуб мебошад. Бояд гуфт, ки иддае аз Ҳ-ҳо ду муродифи арабӣ доранд. **Табо** аз ҷумлаи ҳамин гуна унсурҳои луғавӣ аст. Вожаи мазкур дар луғати «З»-у «П» барои ифодаи мафҳуми *тилло* ба кор рафта, тибқи иттилои М. Бурҳон, дар забони арабӣ ин маъноро калимаи **заҳаб** ифода кардааст [5, ч. 1, с. 263]. Муродифи дигари калимаи **табо** вожаи **добо** аст. Фарқи ин вожа аз калимаи **табо** ин аст, ки он бар иловаи маънои **табо**, ки барои ифодаи мафҳуми *тилло* ба кор рафтааст, *зари сурх*-ро мефаҳмонад. М. Бурҳон зимни шарҳи ин моддаи луғавӣ менависад: «**Добо دابا** - бар вазни **бобо;** ба луғати «Занд»-у «Позанд» *зари сурх* ва *тилло*ро гӯянд; ва ба арабӣ **заҳаб** хонанд» [5, ч. 2, с. 3].

А. Деҳхудо низ дар шарҳи ин калима ба «БҚ» такя кардааст [30, ч. 7, с. 10235].

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **DHBA** ҳарфнависӣ карда, гунаҳои **THBA** ва **ZHBA**-ро ҳам аз шаклҳои дигари навиштории ин Ҳ ҳисобидааст. Ҳ-и мазкур дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **zāhāḇ**, ибрии нав ба шакли **dahḇ**, оромӣ – **dᵊhaḇ**, сурёнӣ – **dᵊhaḇ(ā)**, палмирӣ – **dhbᵓ**, арабӣ – **ذهب (заҳаб)** ва дар матни «П» – **dābā** дучор омадааст [44, с. 249]. Агар ба маълумоти муҳаққиқи номбурда такя шавад, метавон натиҷа гирифт, ки ҳар ду вожаи дар «БҚ» зикршуда – **тобо** ва **добо** аз як реша сарчашма гирифта, дар матнҳо ва забонҳои гуногун хусусияти гунанокӣ пайдо кардаанд.

*Вожаҳои ифодакунандаи номи меваҷот ва муродифоти онҳо.* Чанде аз Ҳ-ҳои дар «БҚ» қайдгардида марбут ба номи меваҳо ва мафоҳими ба он вобаста низ дорои муродифоти тоҷикиву арабӣ мебошанд. Ҳ-и **анбиман انبمن** аз ҷумлаи чунин унсурҳои луғавист, ки бо вожаи тоҷикии **ангур** ва арабии **инаб** ҳаммаъно шудааст [5, ч. 1, с. 115].

А. Деҳхудо ҳам чунин маънои калимаро бо такя ба маълумоти Ф-ҳои «БҚ», «А» ва «О» такрор кардааст [30, ч. 3, с. 3439].

М. Муин ин вожаро аз Ҳ-и **(a)nbamən, nbamən** ҳисобида, дар паҳлавӣ ба маънои *ангур* истифода шудани онро ишора кардааст [ниг. 28, ҷ. 1, с. 164].

Дар «ВП(«П»)» Ҳ-и мазкур ба гунаи **ANBE** ҳарфнависӣ шуда, шакли позанднависии он ба шакли **ῆbmin** сабт гардидааст. Ҳамчунин қайд гардидааст, ки вожаи мазкур дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **ᶜnb**, ибрии нав, ибрии китоби муқаддас ба шакли **ēnbā**, сурёнӣ – **ᶜenbətā**, ошурӣ – **inbu**, мондоӣ – **ᶜinbā**, арабӣ – **عنب** дучор омадааст [44, с. 92].

Дигар воҳиди луғавии дар ифодаи номи мева мустаъмал Ҳ-и **тупо**-ст. Мутобиқ ба қайди М. Бурҳон, ин Ҳ бо вожаи аслии тоҷикии **себ** ва арабии **туффоҳ** ҳаммаъно гардидааст [5, ҷ. 1, с. 297].

Дар «Л»-и А.Деҳхудо, «А», «О» ва «НА» шарҳи ин моддаи луғавӣ ба ҳамин маъно сабт гардида, ишора ба «БҚ» шудааст [30, ҷ. 5, с. 7099].

Дар «Луғати гӯиши мозанӣ» ба маънои *сабзии саҳроии хӯрокӣ* низ мустаъмал аст [173].

Дар «ВП(«П»)» вожаи мазкур ба гунаи **TWPA** ҳарфнависӣ шудааст. Дар ҳамин сарчашма қайд шудааст, ки Ҳ-и мазкур дар забонҳои ибрӣ ва оромӣ ба гунаи **tupaūḥa**, сурёнӣ ба шакли **tōfhā**, дар арабӣ ҳамчун вомвожа – **تفاح** ва дар матни «П» – **tōpā** дучор омадааст [44, с. 82].

Агар маълумоти сарчашмаи зикршуда ба эътибор гирифта шавад, хусусияти муродифии Ҳ-и мазкур ҳазф мешавад, зеро дар ин сурат вожаи ифодакунандаи мафҳуми *себ* дар арабӣ бо Ҳ-и **tōpā** ҳамреша мебошад.

*Вожаҳои ифодакунандаи исми макон ва муродифоти онҳо.* Чанде аз Ҳ-ҳои муродифӣ, ки дар «БҚ» сабт шудаанд, ба мафҳумҳои макон далолат доранд. Б**ито** **بيتا** аз ҷумлаи ҳамин гуна Ҳ-ҳост, ки дар Ф-и мавриди таҳқиқ ба маънои *хона* шарҳ ёфта, бо вожаи **байт**-и арабӣ хусусияти ҳаммаъноӣ пайдо кардааст [5, ҷ. 1, с. 204].

М. Муин низ дар ҳошияи «БҚ» ишора намудааст, ки ин вожа аз Ҳ-и **bîtâ** буда, муродифи паҳлавияш **xânak** аст [ниг. 28, ҷ. 1, с. 331].

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **BYTA** ҳарфнависӣ карда, ба маънои *хона* ва *маскан* шарҳ додааст. Бино бар таъкиди ин муҳаққиқ, вожаи мазкур дар забони ибрӣ ба гунаи **bayt**, дар забони финиқӣ ба шакли **bt**, дар забони оромӣ – **baytâ**, дар забони ошурӣ – **bîtu**, дар забони сурёнӣ – **baytâ**, **beyt**, дар забони палмирӣ – **bt**, дар забони арабӣ – **بيت** ва дар матни «П» – **bîtâ** дучор омадааст [44, с. 55-56]. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки ин Ҳ бо вожаи аслии тоҷикии **хона** низ муродиф аст. **Хона** ба тариқи **h'nk** ҳарфнависӣ шуда, дар паҳлавӣ ба гунаи **xânag** гардиш дошт. Унсури луғавии мазкур дар забони портии монавӣ ба гунаи **x'n**, суғдии буддоӣ ба шакли **y'n'kh** мушоҳида мешавад. Вожаи мазкур дар иддае аз катибаҳои паҳлавӣ ба гунаи **BYT'** ва дар позанднависӣ ба гунаи **xąna** сабт шудааст [44, с. 56].

Дигар аз Ҳ-и марбут ба исми макони дар «БҚ» тазаккурёфта воҳиди луғавии **чичист** мебошад. Ин Ҳ бо вожаи тоҷикии **кӯҳ** ва арабии **ҷабал** хусусияти муродифӣ пайдо кардааст: «**Чичист چيچست** - ба луғати «Занд»-у «Позанд» *кӯҳ*ро гӯянд ва ба арабӣ **ҷабал** хонанд» [5, ҷ. 1, с. 362].

А. Деҳхудо бо такя ба маълумоти «Нузҳат-ул-қулуб»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ шарҳи М. Бурҳонро нодуруст мешуморад. Ӯ таъкид мекунад, ки, бино ба иттилои Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «**Чичист**» номи дарёчае воқеъ дар вилояти Озарбойҷон аст, ки дорои оби шӯр мебошад. Ҳамчунин қайд гардидааст, ки номи дарёча «**Кабудон**» буда, дар гузашта бо номи «**Чичист**» ёд мешуд.

А. Деҳхудо иштибоҳи муаллифи «БҚ»-ро дар он медонад, ки «ҷазира ва кӯҳи миёни дарёчаро «**Чичист**» мехондаанд». Аз рӯйи иттилои Пури Довуд, дар «Занд» доир ба дарёчаи «**Чичист**» оварда шудааст, ки «аз Чичист то дарёчаи «Чичист» чаҳор фарсанг роҳ аст. Ин дарёча чаҳор фарсанг дарозо ва паҳно дорад». А. Деҳхудо аз ин иборат ба тариқи хулоса мегӯяд, ки номи дарёча аз шаҳри ҳамҷавори худ гирифта шудааст [30, ҷ. 6, с. 8392].

М. Муин дар ҳошияи «БҚ» менависад, ки ин вожа дар Авесто ба гунаи **Caêcasta** ба маънои дарёчаи «**Урмавиййа**» ва дар паҳлавӣ ба гунаи **Cêcist**

ба мушоҳида мерасад. Номбурда афзудааст, ки, бино ба иттилои Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, носихони «Шоҳнома» ин номро ба ғалат «**Хунчаст**» сабт кардаанд. Ин дарёча барои пайравони Зардушт муқаддас ба ҳисоб рафта, яке аз оташкадаҳои машҳури зардуштиён – «**Озаргушнасп**» дар канори ҳамин дарёча воқеъ будааст.

М. Муин ҳам ба маънои *кӯҳ* истифода шудани вожаро нодуруст мешуморад [ниг. 28, ч. 2, с. 676].

Дар ин маврид метавон ба хулосае расид, ки муаллифи «БҚ», чунонки А. Деххудо иброз намудааст, бар асоси ҷазираи миёни дарёчаи «**Чичист**» ин вожаро шарҳ дода ё шояд, аслан, ҳамон ҷазира ба номи ҳамон дарёча ёд мешуд. Дар сурати «**Чичист**»-ро ба унвони ҷазира ва кӯҳи миёни дарёча қабул кардан метавон онро муродифи вожаи арабии **ҷабал** шуморид, вагарна не.

М. Бурҳон қайд кардааст, ки муродифи тоҷикии (аслаш портӣ) Ҳ-и **мадино шаҳр** буда, арабияш **мадина** аст [5, ч. 3, с. 86].

Аз рӯйи маълумоти М. Муин, овонавишти ин Ҳ ба гунаҳои **môdîâ, môdhînâ** сабт шуда, бо калимаи **Shahrəstân**-и забони паҳлавӣ муродиф гардидааст [ниг. 28, ч. 4, с. 1978].

Дар «ВП(«П»)» ин Ҳ ба гунаи **MDYNA** ҳарфнависӣ шуда, ба маънои *шаҳристон* шарҳ гардидааст. Дар ҳамин луғатнома қайд шудааст, ки вожаи **мадино** дар забонҳои оромии императорӣ, набатӣ, палмирӣ, оромии китоби муқаддас, оромии яҳудӣ, сурёнӣ, мондоӣ ва ибрӣ ба гунаи **m$^{e}$dînâ**, дар арабӣ ба шакли مدينه дучор меояд. Зикр гардидааст, ки вожаи мазкур дар матни «П» дар шакли **madaēna** сабт ва ба гунаҳои **mōdînā, mōdinā** хонда шудааст [44, с. 51].

Аз маълумоти зикршуда метавон ба натиҷае расид, ки вожаи арабии **мадина** ба Ҳ-и **мадино** на муродиф, балки ҳамреша ҳисоб меёбад. Ба эҳтимоли қавӣ, вожаи дар забони арабӣ мустаъмали **мадина** аз забони оромӣ ба арабӣ интиқол ёфтааст.

*Вожаҳои ифодакунандаи исмҳои маънӣ ва муродифоти онҳо.* Чанде аз моддаҳои луғавии матраҳшаванда барои ифодаи исмҳои маънӣ ба кор рафтаанд. Воҳиди луғавии **адвой** ادوای дар «БҚ» бо вожаи тоҷикии **овоз** ва арабии **садо** муродиф шуморида шудааст [5, ҷ. 1, с. 75].

М. Муин овонавишти Ҳ-ии ин моддаи луғавиро ба гунаҳои **advāj, advāz, adōp** нишон дода, ба гунаи **advây** ҳам хонда шудани онро ишора кардааст. Ҳаммаънои паҳлавии ин Ҳ ба гунаи **êvâč** дучор меояд [ниг. 28, ҷ. 1, с. 95].

Тибқи иттилои С. Урён, муродифи тоҷикии ин Ҳ ба гунаи **ᵓywᵓc** ҳарфнависӣ шуда, ба маънои *овоз, калом, садо* мустаъмал аст ва он вожа аз решаҳои **adi + vāk**-и забони санскрит буда, дар забони авестоӣ ба гунаи **vak_**, портии монавӣ – **wᵓc**, англисии миёна – **vois**, **voiz**, лотинӣ – **vox, vicis** дучор омадааст. Ин вожа дар матнҳои позанднависӣ дар шакли **advāǰ** сабт ва ба гунаҳои **adōp, advāz, advāy, āvaǰ** хонда шудааст [44, с. 158].

Аз таҳлилу қиёси ин вожа бармеояд, ки пиндори муаллифи «БҚ» дар мавриди муродиф ҳисобида шудани **адвой (advāy)** бо **овоз (āvāz)** баҳснок буда, шояд калимаи Ҳ шуморидашуда ҳамроҳ бо мувозиҳои дигари он тасҳифи вожаи **āvač** бошад.

Ҳ-и **ҷарро** бо вожаи тоҷикии **санг** ва арабии **ҳаҷар** хусусияти муродифӣ пайдо намудааст. Ин моддаи луғавиро муаллифи «БҚ» ба тариқи зайл эзоҳ додааст: «**Ҷарро** جررا **-** бар вазни **тарсо**; ба маънои *нуск* аст; ва нуск (ба замми нун) ба маънои *қисм* ва *бахш* ва *ҳисса* бошад ба луғати «Занд»-у «Позанд»; ва ба маънои *санг* ҳам омадааст, ки ба арабӣ **ҳаҷар** гӯянд» [5, ҷ. 1, с. 315].

Дар «Л»-аш А.Деххудо низ ин маъниро зикр карда, зимнан, бо такя ба маълумоти повароқи «БҚ» ба маънои *санг* истифода гардидани вожаро саҳеҳ ҳисобидааст [30, ҷ. 5, с. 7641-7642].

Доир ба дигар вижагиҳои моддаи луғавии мазкур дар бахши Ҳ-ҳои сермаъно ишора шудааст, ки зарурат ба такрор нест.

Моддаи луғавии дигари ифодакунандаи исми маънӣ, ки таҳти мафҳуми «З»-у «П» дар «БҚ» сабт шуда, бо калимаи арабии **тариқ** муродиф шудааст, Ҳ-и **рос** راس аст. Ин унсури луғавӣ дар «БҚ» ба маънои *роҳ ва ҷода* шарҳ дода шудааст [5, ч. 2, с. 59].

А. Деҳхудо бо такя ба маълумоти «А», «О» ва «НА» қайд мекунад, ки **рос** ба маънои *роҳ* аст [30, ч. 8, с. 11706].

М. Муин низ дар повараќи «БҚ» ин вожаро аз калимаи паҳлавии **râs** ба маънои *роҳ* нишон додааст [ниг. 28, ч. 2, с. 927].

Воҳиди луғавии мавриди назар дар сарчашмаҳои дастраси марбут ба Ҳ-ҳо мушоҳида нашуд ва дар Ф-ҳои дигар низ ба Ҳ будани он ишорае нест. Бояд зикр кард, ки вожаи мазкур (**рос**) на маънои *гузаргоҳ*, балки *тариқу ҷода ва пеша*-ро ифода кардааст. Вожаи **роҳе**, ки маънои гузаргоҳро мефаҳмонад ва имрӯз мустаъмал аст, аз решаи **ret(h)**-и забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ мебошад ва он дар авестоӣ ба гунаи **raitha**, **raithya**, порсии бостон ба шакли **ratha** дучор омада, дар паҳлавӣ гунаи **rāh**-ро ба худ гирифтааст [34, с. 300) ва бо калимаи ***рос*** пайванди решагӣ надорад.

Вожаи дигари ифодакунандаи исми маънӣ **сарӯб** سروب аст, ки ба луғати «З»-у «П» ба маънои *сухан* омада, бо вожаи **калом**-и забони арабӣ ҳаммаъно гардидааст [5, ч. 2, с. 155].

Тибқи иттилои М. Муин, ин вожа аз Ҳ-и **srôb(â)** сарчашма гирифта, бо **soxvan**-и забони паҳлавӣ муродиф шудааст. Аз рӯйи нишондоди М. Муин, дар расмулхатти паҳлавӣ ин калима ба гунаи **srôvâ** низ хонда шудааст [ниг. 28, ч. 2, с. 1131]. Бино ба иттилои профессор А. Ҳасанзода, гунаи паҳлавии вожа (**soxvan**) дар катибаи «Корномаи Ардашери Бобакон» низ ба ҳамин шакл мушоҳида мегардад. Чунончи: *Ardaxšīr pad ān* ***soxvan*** *menišn xwaš bĕbūd*/ *Ардашер бад-он сухан хушдил гашт* [92, с. 41].

Аз рӯйи маълумоти «ВП(«П»)», Ҳ-и ифодакунандаи мафҳуми *сухан* дигар аст. С. Урён Ҳ-и **saxwan**-и паҳлавиро ба гунаи **MRYA** ҳарфнависӣ карда, дар позанднависӣ ба гунаи **mōdā** дучор омадани онро таъкид кардааст. Зиёда аз ин, ҳеҷ яке аз гунаҳои Ҳ-и мазкур, ки дар забонҳои

оромии бостон, оромии яҳудӣ ва фаластинии масеҳӣ зикр шудааст, бо гунаи сабтнамудаи М. Бурҳон (**сарӯб**) қаробати овоӣ надоранд. Ин вожа бо гунаи қадимаи калимаи аслии ***сухан*** (sax$^v$ar - авестоӣ) низ робитаи овоӣ надорад [44, с. 158; 34, с. 352].

Ҳ-и дигари марбут ба исми маънӣ **шатино** **شتینا** аст, ки бо вожаи тоҷикии **ханда** ва арабии **заҳик** муродиф шудааст [5, ч. 2, с. 212].

Тибқи иттилои М. Муин, ин вожа аз Ҳ-и **sh(a)tînô** буда, бо вожаи **xandak**-и паҳлавӣ ҳаммаъност [ниг. 28, ч. 3, с. 1255].

А. Деххудо ҳам чунин маънои калимаро ёдовар шуда, ба унвони манбаъ «БҚ»-ро овардааст [30, ч. 9, с. 14164], муаллифи «ФРҲЗФ» низ гунаи паҳлавии вожаи **ханда**ро ба гунаи **xandak** нишон дода, зимнан дар санскрит ба гунаи **kàkhati**, англисии куҳан – **ceahhettan**, олмонии куҳан – **kachazzen**, лотинӣ – **cachinno**, юнонӣ – **chachasō**, арманӣ – **xaxanch**, пашту – **khanuël** гардиш доштани онро нишон додааст [34, с. 246].

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **DḤḴYNA** ҳарфнависӣ карда, дар матни «П» ба гунаи **štaēnā** мустаъмал будани онро ишора намудааст. Ҳ-и мазкур дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **ṣāḥaḵ**, сурёнӣ ба шаклҳои **geḥek, geḥak**, оромӣ – **qḥaqh, gḥk** ва арабӣ – ضحک дучор омадааст. Таъкид мешавад, ки «Нюберг ин ҳузворишро **ŠTYNA = xandāi** ба маънои *масхара* қироат кардааст» [44, с. 153]

Тибқи ахбори муаллифи «БҚ», Ҳ-е, ки бо вожаи тоҷикии **сол** ва арабии **сана** хусусияти ҳаммаъноӣ пайдо кардааст, **шанат** мебошад [5, ч. 2, с. 233]. Шоистаи зикр аст, ки дар таркиби чанде аз вожаҳои матраҳшуда баъзе аз аносири грамматикии шаклсози тоҷикиро мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, ҳамин воҳиди луғавии **шанат** дар натиҷаи ба он илова шудани пасванди ҷамъбандии **-он** гунаи ҷамъи **шанатон**-ро гирифтааст.

Аз рӯйи маълумоти М. Муин, ин вожа аз Ҳ-и **shanatân (ҷамъи шанат-shanat)** буда, муодили паҳлавияш ба гунаи **sôlân** ба мушоҳида мерасад [ниг. 28, ч. 3, с. 1300]. Ин Ҳ дар матни «П» ба гунаи **šintan** зикр

шуда, дар «ВП(«П»)» ба гунаи **ŠNT**$^{ᴐ}$**n** ҳарфнависӣ гардидааст ва дар овонавишти паҳлавӣ ба гунаи **sālān** дучор меояд [44, с. 469]. Шоистаи зикр аст, ки вожаи **шутон** низ ба маънои *солҳо* матраҳ шуда буд. Шояд он вожа низ гунаи тасҳифшудаи ҳамин Ҳ бошад, зеро ба гунаи **шутон** дар сарчашмаҳои марбут ба Ҳ-ҳо мушоҳида нашуд.

Ҳамин тавр, Ҳ-ҳои исмии муродифоти тоҷикӣ ва арабидошта ҳам аз лиҳози миқдор ва ҳам аз ҷиҳати хусусиятҳои луғавӣ ва сарфию наҳвӣ мавқеи муҳим доранд. Таҳлили калимаҳо нишон дод, ки дар раванди мутобиқшавӣ чанде аз Ҳ-ҳо унсурҳои шаклсози забони тоҷикиро қабул кардаанд.

Маълум мешавад, ки Ҳ-ҳо як давраи муайян дар матнҳои форсии бостони даврони ҳахоманишӣ (камтар), миёнаи сосонӣ (фаровон) истифода гардида, ба ҳайси муодил ё муродифи унсурҳои аслии тоҷикӣ нақши ба худ хос доштаанд.

*Муродифоти арабии Ҳ-ҳои мансуб ба исмҳои гуногун.* Дар баробари Ҳ-ҳои баррасишудаи мансуб ба исм, ки теъдодашон нисбатан зиёд буд, дар «БҚ» Ҳ-ҳое низ мавҷуданд, ки танҳо ба андозаи як ё дуададӣ ба яке аз намудҳои исм мансубанд. Ба ин хотир, чанд Ҳ-и марбут ба исмро мавриди баррасӣ қарор додем.

Вожаи **абир** ابیر дар «БҚ» ба маънои *пероҳан* шарҳ гардида, ҳаммаънои арабии он вожаи **қамис** ҳисобида шудааст [5, ч. 1, с. 70].

**Абир** дар «Л»-и А.Деҳхудо ҳамчун Ҳ ба маънои *пероҳан* омадааст. Ҳамчунин, дар луғатномаи ёдшуда ба маъноҳои *далви об, шарораи оташ* ва номи чашма ҳам истифода шудани ин калима қайд гардида, ба унвони сарчашма «БҚ» ишора гардидааст [30, ч. 1, с. 981982].

М. Муин вожаҳои ҳамшакли ин Ҳ-ро дар ҳошия зикр карда, тасҳиф будани онро ишора намудааст, аммо оид ба Ҳ будан ё набудани он матлаберо ироа накардааст [ниг. 28, ч. 1, с. 84].

С. Урён дар ҳарфнавишт ин Ҳ-ро ба гунаҳои **TKRYK(?), ALBYLYA** сабт намудааст ва дар мавриди аввал шак доштанашро изҳор кардааст.

Номбурда қайд намудааст, ки ин вожа дар асл ба маънои «пӯшиш барои бадани офаридашуда» аст. Номбурда мавридҳои зерини таркибёбии онро ишора кардааст:

1. **TKRYK(?)** аз ибрии **k̲rk̲**; муқоиса шавад бо вожаҳои оромӣ ва сурёнии **kᵊrak**, **karkā, kᵊrîkā**; бо вожаи оромии яҳудӣ, фаластинии масеҳӣ, палмирӣ ва мондоии **tak̲rîk̲** ба маънои *печидан, такфин*.

2. **ALBYLYA** аз ибрии **bārā**, финиқии **hb̲rᵓ**, ошурии **barū** ба маънои *офаридан*; оромӣ, сурёнии **bᵊrā**, оромии яҳудӣ ва мондоии **li-bray**, арабии **برى**, муқоиса шавад бо шакли позандии **arbēÿā** [44, с. 261-262].

Агар маълумоти сарчашмаи фавқ ба эътибор гирифта шавад, хулоса кардан мумкин аст, ки гунаи **абир**-и ин Ҳ, ки дар «БҚ» сабт шудааст, шакли тасҳифшудаи Ҳ-и **arbēÿā** аст. Шояд ҳангоми китобат ва ё бадхонӣ, ё ки ноогоҳии шореҳони ин моддаи луғавӣ аз Ҳ буданаш ин унсури луғавӣ ба гунаи **абир** сабт шуда бошад. Бояд таъкид намуд, ки ба ҳайси муродифи арабии ин Ҳ дар яке аз сарчашмаҳои баррасишуда вожае тазаккур ёфтааст, ки дар сурати ба назар гирифтани он хусусияти муродифии ин Ҳ дар «БҚ» ҳазф мешавад.

Ҳ-и **ниро** **نيرا** бо вожаи тоҷикии **оташ** ва арабии **нор** муродиф ҳисобида шудааст [5, ҷ. 3, с. 161]. Лозим ба зикр аст, ки **нор** бо андак тағйири овозӣ бо Ҳ-аш монанд аст. Шакли ҷамъи вожаи арабии **нор** аз Ҳ-и **ниро** танҳо бо як овози «**н**» (**نيران** – шакли ҷамъи вожаи арабӣ; **نيرا** - Ҳ) тафовут дорад [26, с. 2432].

М. Муин ба Ҳ будани он ишора карда, овонавишташро ба гунаҳои **ngllnyâ**, **nagallyâ**, **ngllâ** нишон додааст, зимнан, бо такя ба андешаи баъзе муҳаққиқон шакли дурусти онро **nîryâ** ҳисобидааст [ниг. 28, ҷ. 4, с. 2224].

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **NYLYA** ҳарфнависӣ карда, ба маънои *оташ, яке аз аносири чоргона* шарҳ додааст. Ҳ-и мазкур дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **nwr**, ибрии нав ба шакли **nūr**, миноӣ – **mnurt**, ошурӣ – **tinūru**, сурёнӣ – **nūr** ва арабӣ – **نور‘نار** дучор омадааст. Шакли позандии он **nagrÿā** буда, ба гунаҳои **nagalÿā, nagliā, naÿrÿā, ngllnÿā** хонда шудааст.

Муҳаққиқи номбурда зикр кардааст, ки «гунаи дурусти паҳлавии ин ҳузвориш **NYLYA** аст, ки дар ин сурат позанди он низ **nayryā** бояд бошад. Вале чун сурати паҳлавии онро **NGLYA** ҳарфнависӣ кардаанд ва вуқуи ин амр дар хатти паҳлавӣ сахт табиӣ аст, лизо позанди он низ дар тамоми мутун ба сурати **naglyā** сабт шудааст» [44, с. 43].

Д. Саймиддинов ин Ҳ-ро ба гунаи **NYR(Y)** ҳарфнависӣ карда, ба маънои *оташ* маънидод намудааст [15, с. 65]. Аз шаклҳои қадимаи вожа ва гунаҳои корбурди он дар чанд забон метавон тахмин кард, ки вожаи арабии **нор** ҳам бояд аз ҳамин реша бошад.

Ҳ-и **гӯбашо** бо вожаи тоҷикии **ангубин** ва арабии **асал** муродиф шудааст. Вожаи мазкур дар «БҚ» чунин ташреҳ гардидааст: «**Губашо گوبشا** ба забони «Занд»-у «Позанд» *ангабин*ро гӯянд ва ба арабӣ **асал** хонанд» [5, ҷ. 3, с. 39].

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **DWBŠYA** ҳарфнависӣ карда, ба маъноҳои *ангубин, асал, дӯшоба* шарҳ додааст. Ҳамчунин қайд намудааст, ки моддаи луғавии мазкур дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **dᵊḇš**, оромӣ ба шакли **dūḇaš**, сурёнӣ – **daḇeš**, ошурӣ – **dišpu**, мондоӣ – **duḇšā**, арабӣ – **دبس** ва дар матни «П» – **gōbašȳā** дучор меояд [44, с. 97].

М. Муин низ ба Ҳ будани ин моддаи луғавӣ ишора карда, овонавишти онро ба гунаи **gōbashyā** нишон додааст [ниг. 28, ҷ. 3, с. 1849].

**Бисриё** Ҳ-и дигари «БҚ» аст, ки бо вожаи тоҷикии **гӯшт** ва арабии **лаҳм** муродиф шудааст [5, ҷ. 1, с. 179].

С. Урён ин унсури луғавиро ба гунаи **GBSLYA** ҳарфнависӣ кардааст. Гуфта мешавад, ки Ҳ-и мазкур дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **bāšār**, оромӣ, оромии яҳудӣ, оромии императорӣ, фаластинии масеҳӣ ва мондоӣ ба шакли **bisrā**, сурёнӣ – **besrā**, ошурӣ – **bišru**, арабӣ – **بشر** ва дар матни «П» – **bsrȳā** гардиш доштааст [44, с. 146].

Чунонки мушоҳида шуд, дар ин сарчашма шакли арабии Ҳ ба гунаи **башар** истифода шудааст. Пас, маълум мешавад, ки Ҳ-и мазкур бо

мутобиқат ба меъёри созмонёбии вожаҳои ин забон ворид гардида, дар ҳамин забон дорои муродиф гардидааст.

М. Бурҳон дар шарҳи Ҳ-и **дамё** чунин менависад: «**Дамё** **دمیا** - бар вазни **дарё**; ба луғати «Занд»-у «Позанд» *хун*ро гӯянд ва ба арабӣ **дам** гӯянд» [5, ч. 2, с. 38].

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **DMYA** ҳарфнависӣ карда, дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **dām**, ошурӣ ба шаклҳои **dam, dmā**, оромӣ, оромии императорӣ, оромии яҳудӣ, сурёнӣ, мондоӣ – **dmā** ва дар арабӣ – **دم** дучор омадани онро таъкид кардааст. Гуфта мешавад, ки шакли позандии ин Ҳ дар шакли **dmÿā** сабт гардида, ба гунаи **damîā** хонда шудааст [44, с. 146].

М. Муин овонавишти Ҳ-и номбурдаро ба гунаҳои **dam(a)yā**, **damîā** нишон додааст [ниг. 28, ч. 2, с. 884].

Бино бар иттилои муҳаққиқон Ҳ. Наврӯзӣ ва Г. Ҷӯйборӣ, ин вожа ба гурӯҳи Ҳ-ҳои оромиасл мансуб аст. Муҳаққиқони номбурда мавридҳои дучор омадани Ҳ-и мазкурро ба таври зерин нишон додаанд: «Мавриди дигар «**дамё**» аст, ки ба маънои *хун* дар «Бурҳони қотеъ» омадааст. Сурати паҳлавии ин вожа дар фарҳангҳо ба сурати **DMY** забт шудааст. Ин вожа дар попирусҳои оромӣ ба сурати **dm**, дар оромии куҳан ба сурати **dmy**, дар аккодӣ ба сурати **damu**, дар ибрӣ ба сурати **damy** ва дар сурёнӣ ба сурати **dema** омадааст. Вожаи **дам** дар арабӣ низ аз ҳамин реша аст. Ин ҳузвориш ҳам аз ҳузворишҳои навъи аввал ва оромиасл аст» [140, с. 148].

**Хок** муродифи тоҷикии Ҳ-и **апро** мебошад ва муодили арабияш **туроб** будааст [5, ч. 1, с. 70].

М. Муин дар повараҷи «БҚ» овонавишти паҳлавии ин воҳиди луғавиро ба гунаҳои **aprâ**, **awrâ** нишон додааст [ниг. 28, ч. 1, с. 550].

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **APLYA** ҳарфнависӣ кардааст. Воҳиди луғавии мазкур дар забонҳои ибрӣ ба гунаи **ᶜpr**, ошурӣ ба шаклҳои **epru, epiur**, сурёнӣ – **ᵓapru**, **ᵓapar** оромии яҳудӣ ва мондоӣ – **ᶜafrā**, арабӣ – **غفر** ва дар матни «П» – **aprÿā** дучор омадааст [44, с. 49].

Таъкидаш бамаврид аст, ки муродифи арабии Ҳ-и мазкур дар «БҚ» ба гунаи **туроб** ёд шуда, он дар забони арабии нав мустаъмал аст. Калимаи **ғафр (غفر)**, ки дар «ВП(«П»)» тазаккур ёфтааст, гунаи муарраби Ҳ-и **APLYA** мебошад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки вожаи **гӯман** ҳамчун вожаи муқаррарӣ ба маънои *паранда* дар луғатномаҳои муосир шарҳ ёфтааст. Аз ҷумла, А.Деҳхудо ин вожаро бо такя ба маълумоти «НА» ба маъни *ҷуғд* ва ё *мурғе, ки шабеҳ ба **бат** бошад*, шарҳ додааст [30, ҷ. 12, с. 19415]. **Бат** дар «ФФА» ба ду маъно омадааст: 1. *мурғобӣ*; 2. *зарфи шаробнӯшие, ки дар шакли мурғобӣ сохта мешавад* [173].

Дар «ФРҲЗФ» вожаи **бат** ба маънои якум зикр шуда, гунаи ҳиндуаврупоияш дар шакли **pad** (пад) ва дар забонҳои арманӣ – **bad** (бад), испонӣ – **pato** (пато) сабт шудааст [34, с. 113].

Дар маҷмуъ, Ҳ-ҳои марбут ба исмҳои гуногун низ дорои аҳаммияти вижа ва бозгӯйи таърихи пурпечутоби воҳидҳои луғавию унсурҳои гуногунвазифаи забон мебошанд.

*Ҷонишинҳо ва муродифоти онҳо.* Як ҳиссаи вожаҳои фарогирифтаи «БҚ» мафҳумҳоеро ифода кардаанд, ки дар забони тоҷикӣ ба унвони ҷонишин ёд мешаванд. Ҳ-ҳои **ракум**, **гӯман** намунаи ин гуна унсурҳои луғавиянд. **Ракум** رکم дар «БҚ» ба маънои *шумо* омадааст ва ин маъниро дар арабӣ вожаи **антум** ифода мекунад [5, ҷ. 2, с. 72].

Вожаи мавриди назар дар «Л»-и А.Деҳхудо ба маънои *ба ҳам овардани чиз бар чизи дигар* шарҳ гардидааст. Ҳамчунин А. Деҳхудо бо ишора ба маълумоти «Мунтаҳи-ял-араб», «Ақраб-ул-маводир», «НА», «Тарҷумон-ул-Қуръон»-и Ҷурҷонӣ, «Тоҷ-ул-масодир»-и Байҳақӣ ин воҳиди луғавиро ба маънои *бар ҳам ниҳодан* шарҳ медиҳад. Ҳ-и мавриди таҳлил дар «Мунтаҳи-ял-араб», «Ақраб-ул-маводир», «НА» ва «О» дар шакли **ракам** низ сабт гардидааст, ки ба маънои *абри бар ҳам нишаста* шарҳ мешавад [30, ҷ. 8, с. 12215].

М. Муин ин Ҳ-ро дар овонавишт ба гунаҳои **rakum, r(a)kōm** нишон додааст [ниг. 28, ч. 2, с. 959].

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **LKWM** ҳарфнависӣ ва ба шакли **ašmā** овонависӣ карда таъкид намудааст, ки он «замири шахсӣ, дувум шахси ҷамъ барои ҳолати фоилӣ ва ғайрифоилӣ» мебошад ва дар арабӣ дар шакли **لکم** мустаъмал аст. Позанднависии ин Ҳ ба гунаи **rakōm** мебошад [44, с. 417].

Ҳ-и **гӯман گومن,** мутобиқ ба қайди муаллифи «БҚ», ҳаммаънои ишоратҷонишини **ин** дар забони тоҷикӣ ва **ҳозо**-и забони арабӣ ба шумор меояд [5, ч. 3, с. 44].

М. Муин низ ба Ҳ будани ин воҳиди луғавӣ ишора карда, овонавишти онро ба гунаи **gōm(a)n** нишон додааст ва муродифи **ên** (**ин**)-и паҳлавӣ буданашро таъкид намудааст [ниг. 28, ч. 3, с. 1861].

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **LZ̠NE** ҳарфнависӣ карда, ба маънои *ин, (замир ё сифати ишора ба наздик)* шарҳ додааст. Бино бар иттилои ин муҳаққиқ, Ҳ-и мазкур лафзи мураккаб аз **«L»** ва «**ZNE**» буда, дар забони оромии китоби муқаддас ба гунаи **dᵊnā**, дар оромии мисрӣ ба шакли **znh**, дар набатӣ ва палмирӣ – **d̠nh**, дар сурёнӣ – **hozā**, мондоӣ – **hᵓzyn**, арабӣ – **لذا'هذا** ва дар матни «П» – **ragōman** дучор омадааст [44, с. 420].

Шакли позандии вожа дар «БҚ», чунонки ишора шуд, бо ихтисори ҳиҷои аввал сабт гардидааст.

*Муродифшавии ҳузворишҳои марбут ба мафҳуми замон.* Баъзе Ҳ-ҳои дар «БҚ» мустаъмал мафҳуми замонро ифода кардаанд, ки Ҳ-ҳои **ҷувом** ва **лайлиё** ба ҳамин навъ мансубанд.

**Ҷувом جوام** дар «БҚ» ба маънои *рӯз* зикр шуда, ҳамин мафҳумро дар забони арабӣ воҳиди луғавии **явм** ифода кардааст [5, ч. 1, с. 327]. Дар «О» ва «А» низ айнан ҳамин маънӣ омадааст [173].

М. Муин ба Ҳ будани он ишора карда, дар овонавишт ба гунаи **jväm** сабт кардааст [ниг. 28, ч. 2, с. 595]. Муҳаққиқон Г. Ҷӯйборӣ ва Ҳ. Наврӯзӣ бар он назаранд, ки дар хониши чанде аз Ҳ-ҳо ғалат рафтааст ва дар оғози

чанд калима ба ҷойи як ҳамсадо ҳамсадои дигар сабт шудааст. Аз ҷумла, дар зикри вожаи **ҷувом** низ чунин бадхонӣ сурат гирифта, бар ивази овози «**у**» дар оғози калима ҳамсадои «**j**» сабт гардидааст. Гуфта мешавад, ки «ин луғат дар сурёнӣ **yawmā**, дар оромӣ **yomā**, дар аккодӣ **uma** ва дар арабӣ **явм** (يوم) аст» [140, с. 150].

Зикраш бамаврид аст, ки гузариши овози «**у**» (**й**) ба «**j**» (**ҷ**) дар таърихи забони тоҷикӣ собиқа дорад ва дар аксар калимаҳои имрӯз бо ҳамсадои «**j**» оғозшаванда мисли **ҷавон < yavana; ҷав < yava; ҷодугар < yātūkara** ин ҳодисаи забониро мушоҳида кардан мумкин аст. Ин амр низ эҳтимол дорад, ки Ҳ-и фавқуззикр бино бар мутобиқ гардидан ба табиати забони тоҷикӣ ва аз сар гузаронидани қонуниятҳои инкишофи овозҳо ба гунаи **ҷувом** тағйири шакл карда бошад. Дар ин сурат овози «**j**»-ро дар оғози ин Ҳ, чунонки олимон Ҳ. Наврӯзӣ ва Г. Ҷӯйборӣ гуфтаанд, «**барғалат**» гуфтан дуруст нест.

С. Урён ин Ҳ-ро ба гунаи **YWM** ҳарфнависӣ кардааст. Ҳ-и мазкур дар забони ибрӣ ба гунаи **yōm**, дар ибрии нав, оромӣ ва сурёнӣ ба шакли **yawmā**, дар финиқӣ – **ym**, палмирӣ, оромии бостон, оромии императорӣ, набатӣ, оромии китоби муқаддас, оромии яҳудӣ, талмуди бобулӣ ва мондоӣ – **yōm**, дар ошурӣ – **ummu, ūmu,** дар арабӣ – **يوم (явм)** ва дар матни «П» ба шакли **ǰv̄əm** дучор омадааст [44, с. 471].

Мавриди таъкид аст, ки, тибқи иттилои муҳаққиқи номбурда, Ҳ-и вожаи аслии **рӯз** низ дар катибаҳои портӣ ва паҳлавӣ ба гунаҳои **YWMᵓ** ва **YWM** зикр шудааст. Вожаи аслии тоҷикии **рӯз**, ки аз решаи **leugos**-и забон-асоси фарзии ҳиндуаврупоӣ буда, дар санскрит ба гунаи **rócas**, дар авестоӣ ва порсии бостон ба шаклҳои **raučah, raočah** ва дар порсиву портии монавӣ ба гунаи **rwc** истифода шудааст, аз лиҳози таркиби овозӣ бо Ҳ-и **YWM** ва шаклҳои мустаъмали он дар забонҳои сомиасл ҳамгун нест [44, с. 472]. Пас, маълум мешавад, ки дар катибаҳои ёдшуда ҳам ҳамон Ҳ-и ифодакунандаи мафҳуми *рӯз* сабт шудааст.

**Лайлиё** Ҳ-и дигари ифодакунандаи мафҳуми замон аст, ки бо вожаи тоҷикии **шаб** ва арабии **лайл** хусусияти ҳаммаъноӣ зоҳир кардааст [5, ч. 3, с. 70]. Тибқи нишондоди дар повараҷи «БҚ» дарҷгардида, овонавишти ин Ҳ **lailyâ, llaillnyâ, lêlyâ** ва муродифи паҳлавиаш **shap** мебошад [ниг. 28, ч. 3, с. 1922].

С. Урён Ҳ-и мазкурро ба гунаи **LYLYA** ҳарфнависӣ кардааст. Зикр мешавад, ки Ҳ-и мазкур дар забони ибрӣ ба гунаҳои **layil, laylā**, ибрии нав, оромӣ ба шакли **lēylā**, сурёнӣ – **lelyā, lilyā**, ошурӣ – **lîlâtu**, оромии бостон, набатӣ, оромии китоби муқаддас, оромии яҳудӣ, мондоӣ – **lelyā** ва арабӣ – **ليله ،ليل** дучор омадааст. Шакли позанднависии ин моддаи луғавӣ **llaillnўā** буда, ба шаклҳои **lailўā, lәlўā, laelîā** хонда шудааст [44, с. 472].

Аз қайдҳои дар «БҚ» тазаккурёфта ва ишораҳои дар Ф-ҳои дигар омада бармеояд, ки Ҳ-ҳо бо унсурҳои луғавии мансуб ба забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, модӣ, портӣ ва ғайраҳо хусусияти муродифӣ зоҳир кардаанд.

Дар «БҚ» хусусияти ҳаммаъноӣ пайдо кардани ду Ҳ камтар, вале ҳамин гуна вижагӣ доштани Ҳ-ҳо бо калимаҳои мутааллиқ ба забонҳои тоҷикиву арабиву модиву портӣ бештар аст.

Куллӣ Ҳ-ҳои муродифдори тоҷикӣ аз ҷиҳати маъно мухталиф буда, онҳо дар ифодаи номи ашё, ҷонишинҳо ва замон омадаанд.

## Хулосаи боби сеюм

Таҳқиқу баррасии гурӯҳҳои луғавию маъноии Ҳ-ҳо бозгӯйи роҳи пурпечутоби ташаккул ва таҳаввули воҳидҳои луғавӣ ва унсурҳои сарфию наҳвии забони тоҷикӣ ва аносири иқтибосӣ мебошанд.

Ҳ-ҳои марбут ба исму сифат дар «БҚ» зиёд буда, аксари Ҳ-ҳо барои ифодаи хислату сифати инсон истифода шудаанд.

Ҳ-ҳои ифодакунандаи амалу ҳолат низ дар «БҚ» миқдоран зиёд буда, дорои вижагиҳои муҳим мебошанд.

Онҳо дар тадқиқи масъалаҳои марбут ба таърихи корбасти вожаҳои муқаррариву Ҳ-ҳо, шаклҳои тасрифиву ғайритасрифии феъл нақши муҳим доранд.

Ҳангоми омӯзишу баррасии Ҳ-ҳо ҳолатҳои махлутнамоии онҳо бо вожаҳои аслии тоҷикӣ ва вомвожаҳо аз ҷониби муаллифи «БҚ» ба мушоҳида расид.

Шевоиву равонӣ ва фасоҳату балоғати сухан ба фаровонии муродифҳои таркиби луғавии забон вобаста аст. Хусусиятҳои муродифии Ҳ-ҳо низ дар «БҚ» қобили мулоҳиза аст ва дар гиреҳкушоии масоили вобаста ба муродифот ва тадқиқи типологии калимаҳо, бавижа забонҳои тоҷикиву арабӣ, аҳаммияти вижа дорад.

Дар маҷмуъ, Ҳ-ҳои ҳаммаънои дар «БҚ» зикршуда дорои вижагии зиёд мебошанд ва аз лиҳози миқдор ҳам мавқеи муайянро соҳибанд. Яке аз хусусиятҳои равшани чунин Ҳ-ҳо ин аст, ки гоҳ Ҳ-ҳо байни ҳамдигар муродиф шудаанд, гоҳ бо вожаҳои модӣ, портӣ, тоҷикӣ, арабӣ ба чунин хусусият молик гардидаанд.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки аксар Ҳ-ҳои ҳаммаъно дар забони арабии даврони баъдӣ бо андак тағйироти овоӣ мустаъмаланд.

Дар хониши баъзе Ҳ-ҳо иштибоҳ роҳ ёфта, инкишофи қонунии овозҳо дар забонҳои дунё сарфи назар шудааст.

Ҳолатҳое низ мавҷуданд, ки воҳидҳои луғавии аслии тоҷикӣ ё калимаҳои маъмулии забонҳои ғайр саҳван ба қатори Ҳ-ҳо мансуб дониста шудаанд.

Маводи луғатномаи мавриди омӯзиш дар шинохти вожаҳои иқтибосии арабӣ, ҳамчунин дараҷаи истеъмоли Ҳ-ҳо дар забони арабӣ ва робитаи вожаҳои ин забонҳо бо Ҳ-ҳо арзиши зиёд дорад.

Таҳлили чунин гурӯҳи Ҳ-ҳо нишон дод, ки забони тоҷикӣ аз ҷумлаи забони ғаниву қадимӣ буда, захираи луғавии ҳаммаънояш хеле фаровон мебошад. Далели фаровон ба кор рафтани Ҳ-ҳо дар гузаштаи дури ин

забон низ аз табиати мувофиқи он бо чунин гурӯҳи воҳидҳои луғавӣ дарак дода, нишонаи қидмати он аст.

# ХУЛОСА

Омӯзиш ва баррасии вижагиҳои Ҳ-ҳо дар «БҚ» нишон дод, ки ин гурӯҳи унсурҳои луғавӣ дар забоншиносӣ, хосса тадқиқи таърихи вожаву ифодаҳо, дорои аҳаммият ва мавқеи муайян мебошанд. Таҳлили амиқи моддаҳои луғавии мазкур дар гиреҳкушоии масоили муҳимми марбут ба таърихи вожаҳои арабиву тоҷикӣ, сайри онҳо дар даврони мухталиф ва вурудашон аз забонҳои ғайр мусоидат хоҳад кард.

Таҳлили корбурди Ҳ-ҳо дар «БҚ», усулҳои шарҳу тафсири онҳо моро ба бардоштҳои зерин овард:

1. «БҚ» сарчашмаи муҳимми маҳфуздорандаи Ҳ-ҳо маҳсуб гардида, он баҳри ифшои асрори ин дастаи унсурҳои луғавӣ мусоидат хоҳад кард. Арзиши ин луғатнома дар ҳифзу нигоҳдорӣ ва интиқоли вожаҳои аслии тоҷикӣ мебошад. «БҚ» ягона луғатномаест, ки пас аз «ФҶ» Ҳ-ҳои бозмондаи оромиро ба таври нисбатан комил фаро гирифтааст. Берун аз Ҳ-ҳо низ аксари муҳаққиқон бартарияти Ф-и мазкурро дар миқдоран имтиёз доштани вожаҳои аслии тоҷикӣ медонанд.

2. Баъзе аҳли таҳқиқ «БҚ»-ро дар надоштани асноди шоҳид барои эзоҳи моддаҳои луғавӣ камарзиш донистаанд. Бояд гуфт, ки, воқеан, набудани шоҳид барои дақиқияти маонии унсурҳои шарҳшаванда мушкилӣ пеш меорад. Агар асноди шоҳид мебуд, муайян намудани гардиши моддаҳои луғавӣ, аз ҷумла Ҳ-ҳо низ барои мо низ осонтар мешуд ва имкони бештари муайян кардани дараҷаи корбурди Ҳ-ҳо дар осори хаттӣ пайдо мешуд, аммо бо назардошти ҳаҷми Ф ва теъдоди унсурҳои луғавии дар он шарҳшуда, инчунин сарвати бузурги луғавии он, интиқоди муаллиф дар набудани шоҳид ва кам донистани арзиши Ф чандон ба инсоф наздик нест, зеро дар бузургтарин луғатномаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла «Л»-и А.Деҳхудо, «ФФ»-и Муин, «ФФА», «Фарҳанги ҷомеи форсӣ» («О»), «ФЗТ» ва чанде дигар дар шарҳи унсурҳои аслии тоҷикӣ, хосса воҳидҳои

луғавии таърихиву кухнашуда ба «БҚ» такя гардида, он ба унвони сарчашма нишон дода шудааст.

